**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

---

*СУД: 334.012 (575.3)* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**КАБУТОВ ҚУРБОНАЛӢ МИРЗОЕВИЧ**

# ТАЪМИНИ КАДРИИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

**Роҳбари илмӣ:**

**д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.**

**ДУШАНБЕ-2023**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА……………………………...…………....……………......** 3

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.................................................** 7

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪМИНИ КАДРИИ САВДОИ ЧАКАНА.............................................................** 15

1.1. Савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ......................................................................... 15

1.2. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии меҳнат ва хусусиятҳои таъмини кадрии савдои чакана................................................................... 31

1.3. Механизми ташаккул ва рушди кадрҳои савдои чакана дар шароити муосир.......................................................................... 43

**БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАЪМИНИ КАДРИИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА.............................................................** **56**

2.1. Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он......................................................................... 56

2.2. Арзёбии таъсири омилҳо ба низоми таъмини кадрҳои савдои чакана........................................................................................ 68

2.3. Таҳлили таҷрибаи хориҷии таъмини кадрии рушди савдои чакана........................................................................................ 78

**БОБИ 3. ДУРНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ ТАЪМИНИ КАДРИИ САВДОИ ЧАКАНА........................................................................** **95**

3.1. Самтҳои асосии рушди савдои чакана ва таъмини кадрҳои он..... 95

3.2. Рушди механизми тайёркунӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳои савдои чакана.......................................................................... 119

3.3. Ташаккули салоҳиятҳои рақамии кадрҳои савдои чакана ҳамчун омили рақобатпазирии онҳо.......................................................... 133

**ХУЛОСА ..................................……….…………………………........** **147**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ.................................………….......………….......** **152**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ, ки дар шароити муосир сатҳи зарурии рушдро нигоҳ доштааст, савдои чакана ба ҳисоб меравад. Албатта, ин зерсоҳаи савдои дохилӣ, ки аҳаммияти махсуси иҷтимоиро дорост, дар амалӣ намудани сиёсати иқтисодии мамлакат мавқеи назаррасро соҳиб аст. Савдои чакана зимни амалӣ намудани функсияҳои асосии худ дар таъмини аҳолӣ бо молҳои истеъмолӣ, ғанӣ намудани буҷети зинаҳои гуногун, ташкили ҷойҳои кории нав ва баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ нақши назаррасро иҷро мекунад.

Бояд тазаккур дод, киислоҳоти иқтисоди миллӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта дар асл аз қабули санадҳо оид ба савдои озод бо мақсади рушди бозори истеъмолии кишвар, ҳавасмандгардонии рақобат, аз байн бурдани падидиҳои инҳисорӣ дар савдои чакана ва фароҳам овардани замина барои рушди шабакаҳои тиҷоратӣ ва миёнаравӣ дар шароити нархгузории озод оғоз ёфт. Савдо дар ин давра ба яке аз намудҳои дастраси фаъолияти иқтисодӣ мубаддал гашт, ки бештар корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ ба он машғул буданд.

Дар давраи гузариш соҳаи савдо барои пешбурди зиндагии қисми зиёди аҳолӣ, ки вобаста ба ҳолатҳои маълум ҷойи кории худро аз даст дода буданд, шароит фароҳам овард. Дар натиҷа ба соҳаи савдо аксари аҳолии касбу кор ва самту сатҳи гуногуни таҳсилот рӯ овард. Албатта, ин омил танҳо ба қонеъ намудани тақозои истеъмолгарон дар дараҷаи хеле паст мусоидат намуд.

Ба андешаи мо, сатҳи пасти омодагии касбии кормандони савдои чакана яке аз сабабҳои асосие мебошад, ки барои рушди устувори ин соҳа дар ҷумҳурӣ монеа эҷод менамояд. Дар шароити муосири рушди ҷомеа ва иқтисоди миллӣ ва рақобат дар бозори истеъмолӣ ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди фурӯш танҳо аз ҳисоби автоматикунонии равандҳои савдою технологӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст. Барои он ки хароҷот барои таҷҳизоту технологияи нав

самаранок бошад, кормандони соҳаи савдои чакана ва субъектҳои он бояд дорои донишу тахассуси махсус бошанд.

Рушди босуботи савдои чакана ҳамчун зернизоми муҳимми соҳаи савдо барои дурнамо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он, дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, аз бисёр ҷиҳат аз таъминнокии соҳа бо кадрҳои салоҳиятнок вобастагӣ дорад. Маҳз ташаккули низоми самараноки таъмини кадрӣ ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи рушди иқтидори кадрии савдои чакана имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии соҳаи савдои чаканаро дар самти амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар қатори дастоварду пешравиҳои муайян, дар ин зернизоми савдои дохилӣ, албатта, мушкилоту масоили ҳалталаб ҷой доранд, ки бо самтҳои гуногуни идоракунии он вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки низоми кадрии савдои чакана низ то андозае ба тақозои иқтисоди муосир ҷавобгӯй нест ва он ба такмили ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилӣ ниёз дорад.

Маҳз, мураккабии ҳалли масоил вобаста ба таъмини кадрии савдои чакана, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва методӣ ҷиҳати асоснокгардонии стратегияи ташаккули низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана мубрам будани мавзуи диссертатсияро муайян менамоянд.

Ба масъалаи назария ва амалияи ташаккул ва истифодаи иқтидори кадрии соҳаҳои гуногуни иқтисод аз давраи мактаби классикии назарияи иқтисодӣ то ба имрӯз миқдори зиёди корҳои илмӣ ҳам аз тарафи олимони хориҷӣ ва ҳам аз ҷониби олимони ватанӣ бахшида шудаанд.

Новобаста аз интишороту асарҳои илмии мавҷуда, бояд қайд намуд, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ то ҳол асосҳои консептуалии ташаккули

низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана таҳия нагардидаанд ва ҷанбаҳои назариявӣ ва методии таҳлилу арзёбии он ба таври кифоя омӯхта нашудаанд, ки зарурати гузаронидани таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро асоснок мегардонанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои илмию назариявии диссертатсия дар асоси омӯзиш ва баррасии муқарраротӣ назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои таъмини кадрии соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла савдо ва зернизоми чаканаи он ташаккул ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими назария ва амали иқтисодиёти меҳнат, хусусиятҳои меҳнат дар соҳаи савдо, рушди иқтидори кадрӣ ва идоракунии кормандони соҳаи савдои чакана олимони иқтисодшиноси маъруфи хориҷӣ - Л.И. Абалкин, Г.А. Аванесова, М.И. Баканов, Ф. Бастиа, Д. Белл, И.К. Беляевский, А.Р. Бернвалд, Л.А. Брагин, И.А. Бланк, В.Г. Бурмистров, В.П. Воронин, А.И. Гребнев, Е.И. Данилов, Т.П. Данко, П. Дойл, Ж. Жаллэ, А.В. Зирянов, В.И. Иванитский, А.Д. Карх, Ф. Котлер, К. Лавлок, М. Леви, А.И. Левин, В. Леонтев, А.А. Литвинюк, Р. Макконнел, Т.И. Николаева, А.С. Нешитой, А.С. Новоселов, А.В. Орлов, Л.В. Осипова, В.К. Памбухчиянтс, Ф.Г. Панкратов, М. Портер, Б.А. Райзберг, Л.А. Самсонов, Ж.-Б. Сэй, И.М. Синяева, Б.А. Соловёв, А.И. Соломатин, А.М. Фридман, Шнорр Ж.П. ва ғайра саҳми назаррас гузоштаанд.

Ҷанбаҳои мухталифи ташаккул ва рушди таъмини кадрии соҳаҳои иқтисоди миллӣ он дар асарҳои олимони иқтисодшиноси Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Аминов, Д.С. Амонова, Ш. Дустбоев, С.Ҷ. Комилов, З.Ҳ. Қодирова, А.А. Мирзоалиев, Ф.М. Муқаддасзода, Н.Ф. Нидоев, Р.К. Раҷабов, А. Рауфӣ, Қ.Қ. Толибов, Ҳ.Н. Фақеров, С.Ҳ. Ҳабибов, М.С. Ҳамитов, Д.А. Ҳодиев М.М. Шарифзода, Ф.Р. Шаропов, А. Ҷабборов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки саҳми олимони зикршуда ва мактабҳои махсуси илмӣ, ҳамчунин натиҷаҳои илмию методологӣ, методӣ ва амалии онҳо хеле

назаррас мебошад. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки баъзе масоили назариявӣ ва амалии таъмини кадрӣ ва идоракунии кормандони савдои чакана, бахусус дар шароити иқтисоди бозорӣ ба гузаронидани таҳқиқоти алоҳида ниёз доранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти нокифояи масоили таъмини кадрӣ ва самтҳои асосии такмили низоми идоракунии кормандони савдои чакана дар шароити муосир интихоби мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, объект ва предмети онро муайян намуданд. Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар шароити муосири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзӯъҳои “Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули низоми таъмини кадрии савдои чакана ва таҳияи тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи он дар шароити муосир иборат мебошад.

Мақсади асосии диссертатсия ҳалли **вазифаҳои** зерини хусусияти назариявӣ ва амалидоштаро муайян намуд:

- баррасии моҳияти иқтисодию иҷтимоӣ ва нақши савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана;
- таҳлили вазъи муосир ва тамоюли таъмини кадрии савдои чакана;
- арзёбии таъсири омилҳо ба низоми идоракунии кадрҳои савдои чакана дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ;
- асоснокгардонии самтҳои асосии рушди низоми идоракунии кормандони савдои чакана;
- таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ.

**Объекти таҳқиқотро** зернизоми савдои чаканаи соҳаи савдои ҷумҳурӣ ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқотро** муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши таъмини кадрӣ дар рушди чакана асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои савдои чакана мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** нуқтаҳои назар, ғояву коркардҳо оид ба назария ва амалияи иқтисодиёти муосир, иқтисодиёти меҳнат ва соҳаи савдо, ки дар асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудааст, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; маълумот оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи рушди бозори меҳнат ва соҳаи савдо; маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд; маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда; натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, **усулҳои** гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2018-2023 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас оид ба васеъ намудани донишҳои илмӣ дар самти рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана дар шароити муосир иборат аст.

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешавад:

1. Дар диссертатсия нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир мушаххас гардонида шудааст. Таъкид гардидааст, ки зернизоми чаканаи савдои дохилӣ низоми мураккабе дар доираи муҳити иқтисодиву иҷтимоии зудтағйирёбандаи бозорӣ мебошад. Бисёр тамоюлҳое, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба амал меоянд, маҳз дар фаъолияти субъектҳои савдои чакана инъикос меёбанд. Дар таҳқиқот савдои чакана аз рӯйи мазмун ва таъиноти вазифавии худ на танҳо ҳамчун соҳаи мустақили иқтисоди бозорӣ ва намуди махсуси фаъолияти

соҳибкорӣ, балки ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ низ арзёбӣ гардидааст.

2. Исбот гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди савдои чакана таъмини он бо кадрҳои зина ва категорияҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи таҳқиқот дар ин самт муайян гардидааст, ки меҳнат дар соҳаи савдои чакана дорои хусусиятҳои хос мебошад ва раванди ташаккули иқтидори кадрӣ низ дар шароити муосир тағйир ёфтааст. Аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои раванди меҳнат дар савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ мушаххас гардонида шудааст: хислати дуҷонибагии меҳнат; алоқамандӣ бо идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот; якрангӣ ва мавҷудияти фишори зиёди асабӣ ва ҷисмонӣ; таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ; шиддатнокии меҳнат; хизматрасонӣ будани натиҷаи меҳнат ва ғайра. Ҳамчунин дар таҳқиқот таснифи кадрҳои савдои чакана амалӣ ва механизми ташаккулу рушди онҳо дар шароити муосир баррасӣ карда шудааст.

3. Дар асоси амалӣ намудани таҳлили вазъи савдои чакана ва таъмини кадрии он, тамоюлҳо ва хусусиятҳои хоси рушди он дар шароити муосир муайян карда шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил муаллиф муқаррар намудааст, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат дар соҳаи савдои чакана ва таъмини кадрии он мушкилоту проблемаҳо ҷой доранд, ки ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ба харидорон таъсири манфӣ мерасонад. Ба қатори мушкилоти асосӣ механизми номукаммали рушди инфрасохтори савдои чакана, салоҳияти касбии нисбатан пасти кормандон, андозаи пасти музди меҳнати кормандони савдо дар фарқият нисбати дигар соҳаҳо, масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, фарқияти бештар дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана; фоизи баланди аз кор рафтани кормандони савдои чакана, ноустувории ҷойи кории онҳо ва ғайра шомил гардидаанд.

4. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили иқтисодӣ, амалӣ намудани пурсишнома ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ омилҳое, ки ба низоми таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодӣ бозорӣ таъсир мерасонанд, ошкор

карда шудаанд. Ба таври анъанавӣ ҳамаи омилҳоро ба омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ гардида, ба қатори омилҳои берунӣ сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва минтақаи алоҳида, вазъи бозори меҳнат, заминаи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодию меҳнатӣ, сифати низоми маориф ва зинаҳои он, вазъи демографӣ ва ғайра дохил карда шудаанд. Дар навбати худ, ба гурӯҳи омилҳои муҳити дохилӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии корхона, самаранокии низоми идоракунии кормандон, фарҳанги дохилиташкилотӣ, шароити меҳнат, муҷаҳҳазгардонии техникии ҷойҳои корӣ, сифатҳои шахсии корманди мушаххас дохил шудаанд.

5. Афзалиятҳои такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана пешниҳод ва асоснок шудаанд. Ба андешаи муаллиф, самтҳои асосии рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана чунинанд: ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар савдои чакана; такмили низоми нақшагирии эҳтиёҷот ба кадрҳои савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он; амалӣ намудани таҳлили тақозо ва арзаи нерӯи корӣ дар савдои чакана; ташкили чорабиниҳо, ки барои рушди иқтидори кадрии савдои чакана, устувории ҷойҳои корӣ ва баланд шудани ҷолибияти соҳаи савдо нигаронида шудаанд.

6. Тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ пешниҳод шудаанд. Ба андешаи муаллиф, ки дар ҷумҳурӣ зарурати воқеии ташаккули низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи савдо, бахусус зернизоми чаканаи он ба миён омадааст. Бо ин мақсад дар диссертатсия амалӣ намудани самтҳои асосии он пешниҳод ва асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин асоснок шудааст, ки кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити муосир дорои салоҳиятҳои рақамӣ бошанд, рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллиро бе татбиқи технологияҳои рақамию инноватсионӣ тасаввур кардан мушкил аст. Пешниҳод шудааст, ки зимни омодакунии мутахассисон бояд диққати махсус ба ташкил ва рушди салоҳияти рақамӣ дода шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- мушаххас гардонидани нақш ва аҳамияти савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- муайян кардани хусусиятҳои меҳнат дар савдои чакана ва омӯзиши механизми ташаккул ва рушди кадрҳо дар шароити муосир;
- муайян намудани тамоюли рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он дар асоси амалӣ намудани таҳлили вазъи соҳа;
- ошкор намудани омилҳо ва арзёбии таъсири онҳо ба низоми идоракунии кадрҳои савдои чакана дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ;
- асоснок гардонидани самтҳои асосии рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он дар шароити муосир;
- таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандони савдои чакана мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон, аз он ҷумла идоракунии кормандони субъектҳои савдои чакана, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмил ва таъмини кадрии соҳаи савдои чаканаи шаҳри Душанбе дар шароити иқтисоди бозорӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана таҳия гаштаанд, дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Менеҷмент» ва «Менеҷменти савдо», «Идоракунии кормандон» ва ғайра татбиқ шудаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод

гардиданд: Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар шароити муосир”, 06-07 июни соли 2023, ш. Душанбе; Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ “Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон”, 30 марти соли 2023, ш. Душанбе; Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф”, 27-28 декабри соли 2022, ш. Душанбе; Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Рушди иқтисодиёти инноватсионии Тоҷикистон ва Лаҳистон”, 2018, ш. Душанбе; Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисоди инноватсионӣ”, 2017, ш. Душанбе; Конференсияи илмию амалӣ “Масоили рушди инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пасманзариислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ”, ноябри 2015, ш. Душанбе; Конференсияи II-юми байналмилалии илмию амалӣ “Тамоюли рушди иқтисодиёт ва таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”, 2014, ш. Душанбе.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 152 саҳифа бидуни рӯйхати адабиёт оварда шудааст ва 20 ҷадвал ва 12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 160 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти

назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – “Асосҳои илмию назариявию ташаккули низоми таъмини кадрии савдои чакана” моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори хизматрасониҳои тиҷоратӣ баррасӣ гаштааст ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана дар шароити муосир муайян шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқи вазъи муосири таъмини кадрии рушди савдои чакана” вазъи муосир ва тамоюли таъмини кадрии савдои чакана мавриди таҳлил қарор дода шуда, арзёбии таъсири омилҳо ба низоми идоракунии кадрҳои савдои чакана дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ амалӣ гаштааст.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ “Дурнамои рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана” самтҳои асосии рушди низоми идоракунии кормандони савдои чакана асоснок гардонида шуда, тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪМИНИ КАДРИИ САВДОИ ЧАКАНА

## 1.1. Савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ

Дар шароити рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ накш ва аҳамияти рушди иқтидори кадрӣ дар байни дигар масъалаҳои афзалиятноки инкишофи корхонаву ташкилотҳои шакли гуногуни моликият беш аз пеш меафзоянд.

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъи бозори истеъмолӣ дар бисёр самтҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор нарасидани кадрҳои баландихтисос мушоҳида мешавад.  Дар робита ба ин, омӯзиши масъалаҳои иқтидори кадрии субъектҳои савдо дар шароити муосир ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ мубрам мебошад. Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи рушд ва рақобатпазирии субъектҳои савдо бо роҳи ташаккули низоми идоракунии самаранок тавассусти ҷалби кормандон ва идоракунии сифати кормандон дар ҳама зинаҳои ташкилӣ таъмин мегардад.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ интишороти зиёдеро вохӯрдан мумкин аст, ки муаллифони он самтҳои алоҳидаи идоракунии кормандони корхонаву ташкилоти соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаанд. Дар навбати худ аз рӯйи нуқтаи назари илмӣ бисёр масъалаҳои идоракунии кормандон ва таҳкими иқтидори кадрии соҳаи савдо, аз он ҷумла савдои чакана ба гузаронидани таҳқиқоти махсус ниёз доранд.

Савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад. Ин соҳаи иқтисодиёти миллӣ аз рӯи шумораи кормандон, ҳаҷми фаъолият ва ҳиссагузорӣ ба ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бахши асосӣ ба шумор меравад. Савдо ҳамчун сарчашмаи ворид гаштани воситаҳои пулӣ қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад ва ба

устувории молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд[1]. Зернизоми чаканаи савдои дохилӣ дар шароити имрӯза қариб 90 %-и гардиши моли ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва низоми мураккабе дар доираи муҳити иқтисодиву иҷтимоии зудтағйирёбандаи бозорӣ мебошад. Ҳамаи ҷараёнҳои мусбат ва манфие, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба амал меоянд, пеш аз ҳама дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана инъикос меёбанд. Ҳиссаи он ҳамчун бахши махсуси иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли ММД-и ҷумҳурӣ дар соли 2021 12,4 %-ро ташкил дод[2], аз рӯи нишонаи ворид гардидани маблағҳои андоз ба буҷети давлатӣ соҳаи савдо дар байни дигар соҳаҳои иқтисодиёт мавқеи панҷумро ишғол мекунад.

Дар шароити муосир ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ тадриҷан зиёд гашта, тибқи омори расмӣ алҳол беш аз 6,3 %-и шумораи аҳолии фаъоли иқтисодиро ташкил медиҳад[3].




Расми 1.1. - Ҳиссаи савдо дар ташаккули ММД ва шуғли аҳолӣ, %

[1] Хабибов С.Х. Стратегические направления устойчивого развития розничной торговли Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2015. № 2-9 (190). – С. 103-108.
[2]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 212.
[3]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 76.

Савдои чакана алоқаҳои бозориро дар байни истеҳсолгарон ва истеъмолгарон таъмин намуда, вазифаҳои масъулиятнокро оид ба фурӯши молҳои истеҳсолшуда иҷро мекунад. Мақсади асосии фаъолияти савдо дар таъмини пурраи тақозои истеъмолӣ дар вақт, миқдор ва номгӯи барои истеъмолгарон мувофиқ ва пешниҳоди доираи васеи хизматҳо зоҳир мегардад. Дар натиҷаи ноил шудан ба ин мақсад, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мегардад, корхонаҳои соҳаи савдо ва истеҳсолот пас аз пӯшонидани хароҷоти ҷории худ ҳаҷми зарурии фоидаро ба даст меоранд, ки барои рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои молиявиро фароҳам меорад. Дар таъмини некӯаҳволии аҳолӣ нақши рушди босуботи савдои молҳои истеъмолӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ тадриҷан боло меравад. Дар робита ба ин, вазифаи бисёр муҳим фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти корхонаҳои савдо дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир бо татбиқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ ва таъмини меъёру қоидаҳои қонунгузорӣ соҳаи савдо ба намуди пешқадам ва қолиби фаъолияти иқтисодӣ табдил ёфтааст, ки манфиатҳои истеъмолгарони ниҳоӣ, яъне аҳолиро фарогир мебошад. Дар шароити амали модели бозории хоҷагидорӣ аҳамияти фаъолияти савдо ҳамчун шакли рушдёфтаи мубодила, ки алоқаи зичро дар байни фурӯшандагон ва харидорони молҳо таъмин менамояд, ба сатҳи сифатан нав мебарояд.

Ба андешаи олимони ватанӣ соҳаи савдо алоқаҳои бозориро дар байни истеҳсолгарон ва истеъмолгарон таъмин намуда, вазифаҳои масъулиятнокро оид ба фурӯши молҳои истеҳсолшуда тавассути пулро иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф, мақсади асосии фаъолияти савдо дар таъмини пурраи тақозои истеъмолӣ дар вақт, миқдор ва номгӯи барои истеъмолгарон мувофиқ ва пешниҳоди доираи васеи хизматҳо зоҳир мегардад. Дар натиҷаи ноил шудан ба ин мақсад, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мегардад, корхонаҳои соҳаи савдо ва истеҳсолот пас аз пӯшонидани хароҷоти ҷории худ ҳаҷми зарурии фоидаро

ба даст меоранд, ки барои рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои молиявиро фароҳам меорад[4].

Таҳлили қиёсии таърифҳои гуногуни мафҳуми савдо ба муаллиф асос гаштанд, ки савдоро ҳамчун фаъолияти махсус оид ба расонидани неъматҳои моддӣ аз зинаи истеҳсолот то истеъмолгарони ниҳоӣ бо роҳи хариду фурӯши онҳо тавассути пул бо мақсади таъмини тақозои пардохтпазири харидорон ва гирифтани андозаи ҳарчи бештари фоида таъриф диҳад.

Аз рӯи нуқтаи назари рушди фаъолияти соҳибкорӣ, савдо намуди мустақили фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст. Объекти фаъолияти савдоро мубодилаи мол, хариду фурӯши он бо иштироки пул, пешниҳоди хизматҳои иловагӣ дар ҷараёни фурӯши молҳо, таъмини расонидан, нигаҳдошт ва тайёркунӣ ба фурӯш ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, муаллиф чунин мешуморад, ки савдо аз рӯи мазмун ва таъиноти вазифавии худ соҳаи муҳим ва мустақили иқтисоди бозорӣ, намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ, шакли меҳнати ҷамъиятӣ мебошад, ки мақсади асосии он фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолгарон аст (расми 1.2.).

Дар шароити иқтисоди бозории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ҳалли масоили рушди босубот ва баланд бардоштани самаранокии савдои чакана аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маҳз ин зерсохтори савдои дохилӣ аз рӯи мазмун ва мақсади худ самт ё равиши иҷтимоӣ дорад, зеро бо манфиат ва тақозои истеъмолгарон робитаи бевосита дорад. Савдои чакана зерсоҳаи асосӣ ва зудрушдёбандаи савдои дохилӣ буда, ҳоло ба шаклҳои гуногуни моликият (хусусӣ, давлатӣ, кооперативӣ, омехта ва ғ.) такя намуда, бо роҳи фурӯши мол ва ташкили хизматрасонӣ дар ҳалли вазифаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоии давлат вобаста ба таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ фаъолона иштирок менамояд.

---

[4]Хабибов С.Х., Шаропов Ф.Р., Аминов И.А. Проблемы повышения эффективности розничной торговли. – Душанбе: «Ирфон», 2004.; Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли. Монография [текст]. Ф.Р. Шаропов – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 280 с. – 17,5 п.л.




Расми 1.2. – Савдо ҳамчун соҳаи иқтисодиёти миллӣ, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва шакли меҳнати ҷамъиятӣ (таҳияи муаллиф)

Ҳамчун соҳаи ба истеъмолгарони ниҳоӣ наздики иқтисодиёт, савдои чакана ба сифати танзимгари ҷараёни истеҳсолот аз як тараф, дар мавриди муайян намудани ҳаҷм ва номгӯи маҳсулоти истеҳсолшуда ва аз тарафи дигар, дар муайян намудани имконияту хоҳиши истеъмолгарон ва тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ баромад мекунад.

Ба андешаи мо, аз рӯи нуктаи назари аҳамияти илмию амалӣ, омӯзиш ва муайян намудани тамоюли муосири рушди бозори ҷаҳонии савдои чакана ба

мақсад мувофиқ мебошад. Ошкор намудани таъсири тамоюли бозори ҷаҳонии савдои чакана ва истифодаи таҷрибаи пешқадам барои таҳия ва қабули қарорҳо дар самти татбиқи технологияҳои рақамию инноватсионии идоракунии корхонаҳои савдо дар шароити муосир зарур мебошанд.

Дар асоси муайян намудани тамоюли асосии рушди бозори ҷаҳонии савдои чакана, хусусиятҳои хоси марҳилаи муосири рушди савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти таҳлили вазъи воқеӣ дар бозори истеъмолӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки алҳол дар савдои чакана тамоюлҳои зерин зоҳир меёбанд: ҷаҳонишавӣ ва рушди савдои шабакавӣ; бузургшавӣ ва муттаҳидшавии корхонаҳои савдо; бисёршаклӣ ва ҳамгироии бисёршабакавӣ; рушди савдои электронӣ; рушди технологияҳои рақамӣ ва татбиқи инноватсияҳо; татбиқ ва паҳншавии воситаҳои нави пардохти хариди мол; истифодаи афзояндаи барномаҳои мобилӣ барои хариди мол; рушди фаъолияти маркетингии корхонаҳои савдои чакана; диверсификатсияи фаъолияти корхонаҳои савдо; масъулияти соҳибкорон дар назди ҷомеа ва рушди савдои иҷтимоӣ (расми 1.3.).

Якум, ҷараёни ворид шудани корхонаҳои савдои хориҷӣ ба бозори истеъмолии ҷумҳурӣ дар марҳалаҳои аввал қарор дорад ва вазни хоси тиҷорати шабакавӣ дар ҳаҷми умумии гардиши савдои чаканаи кишвар ночиз аст.

Дуюм, дар ҷумҳурӣ муайян намудани дараҷаи муттаҳидшавӣ дар савдои чакана бо сабаби рушди нокифояи савдои шабакавӣ ва корхонаҳои калон душвор аст.

Сеюм, дар кишвар тамоюли афзоиши вазни хоси шаклҳои муосири тиҷорат ба назар мерасад, вале ин ҷараён суръати начандон баландро дорост.

Чорум, дар ҷумҳурӣ ҷараёни рушди савдои электронӣ дар зинаи ташаккул қарор қарор дорад ва албатта монеаҳо дар ин самт ҷой доранд, ки ҳалли онҳо бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобастагӣ дорад.




Расми 1.3. – Тамолюҳои ҷаҳонии рушди савдои чакана (таҳияи муаллиф)

Панҷум, ҷараёни татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо дар савдои чаканаи ҷумҳурӣ дар доираи шаҳрҳои калон, ба монанди Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар маҳдуд мебошад.

Шашум, воситаҳои пешқадами пардохти хариди мол дар шабакаҳои савдои чакана маҳдуд истифода мешаванд. Дар нуқтаҳои савдо хазинаҳои худхизматрасонӣ вуҷуд надоранд.

Ҳафтум, субъектҳои савдои чакана барои фурӯши молҳо барномаҳои мобилиро хеле кам истифода мебаранд. Танҳо дар соли 2020 вобаста ба

паҳншавии бемориии сироятии коронавируси навъи COVID-19 дар ин самт касе пешравӣ ба назар расид.

Ҳаштум, субъектҳои савдои чакана ба рушди фаъолияти маркетинг ва услуҳои муосири он то андозае диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Нуҳум, фаъолияти аксари корхонаҳои савдо танҳо бо ҷараёни хариду фурӯши молҳо ва пешниҳоди доираи ночизи хизматҳо маҳдуд мешавад.

Даҳум, бо сабаби мавҷуд набудани нақшаҳои асосноки рушди стратегӣ, бисёр корхонаҳои савдо лоиҳаҳои иҷтимоиро амалӣ намесозанд.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза, ҳалли масъалаҳои рушд ва фаъолияти самараноки савдои чакана дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳудудҳои маъмурии он хеле муҳим мебошад. Нуқтаи назари стратегӣ дар рушди савдои чакана метавонад яке аз воситаҳои таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ гардад. Дар робита ба ин, ошкор намудани омилҳои асосии муҳити дохилӣ ва берунӣ, ки ба ҷараёни дигаргуниҳо дар савдои чакана таъсир мерасонанд, аз манфиат холӣ нест.

Дар шароити муосир ҳалли масоили ташаккул, рушд ва фаъолияти самараноки савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ хеле муҳим мебошад, чунки вай қисми таркибии низоми дастгирии ҳаёти аҳолӣ буда, соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Баҳодиҳии стратегии рушди савдои чакана дар ҷумҳурӣ метавонад ба яке аз афзолҳои амалкунандаи муайянкунии самти рушди иқтисодиёт табдил ёбад.

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари фаъолияти амалӣ мувофиқи мақсад аст, ки омилҳои асосии ба рушди савдои чакана таъсиррасон дар шароити амали механизмҳои бозорӣ ва рақобати шадид дар бозори истеъмолӣ муайянкун карда шавад.

Таҳқиқотҳои назариявию методологӣ ва таҳлили тағйирёбиҳои сифатӣ ва миқдорӣ, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ ба амал омада истодаанд, муайянкунии омилҳои асосии ба рушди савдои чакана таъсиррасон ба мо имкон дод, ки ба хулосаи зерин оем: тағйирёбиҳои қайдшуда дар бозори истеъмолӣ пеш аз ҳама бо тамоюлҳои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ, таъсири

даромадҳои пулии аҳолӣ ва муҳите, ки дар он корхонаҳои савдои чакана фаъолият доранд, вобаста аст. Дар навбати худ, муҳит дар худ омилҳои дохилӣ ва берунии дорои хислатҳои гуногун: ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, демографӣ ва ғайраҳоро дорад.

Пешгӯикунии рушди равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар умум фаро мегирад, ки дар ҷараёни он тамоюлҳои умумии рушди иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ муайян карда мешавад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба ҳолати савдои чакана сиёсати иқтисодии давлатӣ ва механизмҳои батанзимдарорандаи равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Устувории низоми иқтисодӣ, ки ба амали шарт ва принсипҳои фаъолияти бозор, мувофиқатии танзимкунандаҳои ҳуқуқии фаъолияти корхона ва дигар субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, талаботҳои механизми бозории хоҷагидорӣ такя мекунад, бешубҳа ба рушди савдои чакана ҳамчун шакли нисбатан пешрафтаи муносибатҳои молию пулӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз тарафи мо омилҳое муайян кара шуданд, ки онҳо ба рушди утстувори савдои чакана, ҳамчун соҳаи муҳили иқтисодиёти миллӣ ва соҳаи хизмат, инчунин намуди алоҳидаи соҳабкорӣ таъсир мерасонанд (расми 1.4.).

Муаллиф ба омилҳое, ки ба рушди савдои чакана ҳамчун бахши муҳимтарини соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонад, самти сиёсати иқтисодии давлат, низом танзими давлатӣ ва дастгирии савдои чакана, тағйирёбии нишондиҳандаҳои ҳолати иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, масъалаҳои рушди мӯътадили соҳаҳои дигар иқтисолиёт ва ҷойгиршавии корхонаҳо, сатҳ ва дараҷаи бадастовардаи рушди истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ, ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ ва имконияти воқеии харидории онҳо, дараҷаи нарзи мол ва хизматҳо, махсусият ва ҳамгироии истеҳсолот ва ғайраҳоро дохил менамояд.




Расми 1.4. – Омилҳои асосии муҳити дохилӣ ва берунӣ, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд (таҳияи муаллиф)

Омилҳои номбаршуда нафақат ба рушди бахши савдо, балки ба суръати рушди иқтисодиёти миллӣ дар умум, ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, дараҷаи шуғл, даромади пулӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ гуногунҷабҳа таъсир мерасонанд.

Дар шароити фаъолияти муносибатҳои бозорӣ ба савдои чакана ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ хислати низоми иқтисодӣ сиёсати иқтисодии давлат низоми амалкунандаи танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Рушди иқтисодиёти рақамӣ, мувофиқатии танзимкунандаҳои ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана ва дигар субъектҳои бозори истеъмолии молҳои истеъмолӣ ба рушди динамикии

(бонизоми) савдои чакана ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ мусоидат менамоянд.

Масъалаи таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии савдои чакана ба қатори масъалаи мубрам дар иқтисодиёти муосир дохил мешавад, аммо самаранокии фаъолияти бозори молҳои истеъмолӣ ва савдои чакана аз бисёр ҷиҳат нафақат аз усулҳои таҳлил ва интихоби нишондиҳандаҳо вобаста аст, балки ҳамзамон ба қатори масъалаҳои номукаммал таҳқиқшуда дар адабиёти муосири иқтисодӣ аз танзими давлатии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ шомил аст. Дар ин ҳолат, вазифаи аввалиндараҷаи мақомотҳои давлатӣ дар нигоҳдории баробарвазнии  қабатҳои мухталифи ҷомеа зуҳур меёбад.

Вобаста ба ин, низоми самараноки танзими давлатии савдои чакана дар чунин самтҳои афзалиятнок, ба монанди таҳия ва татбиқи мақсадҳои стратегии рушди савдо ва танзими давлатии фаъолияти бозори истеъмолӣ, ҳимояи меъёрию ҳуқуқии ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар ин бозор ба амал меояд.

Таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъектҳои бозори истеъмолӣ ба рушди бозори мол ва савдои чакана мусоидат менамояд. Дар ин маврид, ҷои махсусро таъмини шароити мусоид барои ҳавасмандкунии нақши савдои чакана дар раванди истеҳсолот, рушди рақобат ва соҳибкорӣ мегирад.

Ҳангоми иҷроиши вазифаҳои худ савдои чакана вақти харидоронро барои соҳибшавӣ ба молҳо сарфа намуда, ба рушди ҳосилнокии меҳнати кормандон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Нақши муҳими махсусро барои рушди савдои чакана идоракунии самараноки низоми гардиши мол, равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки ҳамкории сиёсати иқтисодии пешгирифтаро бо ташкили ҳамарӯзаи фаъолияти маркетингӣ дар шароити номуайянии рақобати бозории истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони мол ва хизматро хислат медиҳад, инъикос мекунад

Ба андешаи мо, мақомотҳои давлатии танзим бояд мувофиқати рағбатҳои звеноҳои хоҷагидор ва соҳаҳои иқтисодиёти миллиро таъмин намоянд. Дар ин ҷо бояд нақши мақомотҳои маҳаллии идораи давлатиро қайд намуд, чунки ташаккуш ва рушди устувори савдои чакана ва ташкили самараноки хизматрасонии савдо ба аҳолӣ таҳти назорати онҳо иҷро карда мешавад. Аз сифати қарорҳои қабулшуда дар бахшҳои маҳаллӣ аз бисёр ҷиҳат сатҳи рушди савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ вобаста аст.

Қайд намудан зарур аст, ки баландбардории самаранокии иқтисодию иҷтимоии савдои чакана аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи ҷойгиршавии ратсионалӣ ва рушди истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ, дараҷаи мувофиқатии молҳои пешниҳодшаванда ба талаботҳои аҳолӣ, ҳаҷм ва сохтори воридоти мол аз дигар кишварҳо вобастагӣ дорад.

Дар ин ҳолат ба рушди устувори истеҳсолоти ватании молҳои истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ сиёсати иқтисодии давлат ва чораҳои иқтисодии андешидашаванда доир ба рушди қувваҳо ва муносибатҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми сармояҳои ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ равонашуда, истифодабарии технологияҳои нав таъсир мерасонанд. Ин чораҳо ба пуррашавии бозори истеъмолӣ бо мол ва хизматҳои баландсифат мусоидат менамоянд.

Ба рушди босуръати истеҳсоли молҳои истеъмолии ватани ташкили гардиши мол, саривақт расонидани онҳо ба корхонаҳои савдои чакана таъсир мерасонад. Дар навбати худ, ташкили хизматрасонии савдо ба аҳолт аз рушд ва ҷойгиршавии дигар соҳаҳо, ба монанди нақлиёт, алоқа, сохтмон ва динар бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ вобаст аст.

Қайд менамоем, ки аз сифати рушди инфрасохтори нақлиётӣ пешбурд ва нигоҳдории молҳои истеъмолӣ вобаст аст, тавассути воситаҳои муосири алоқа бошад, интиқоли босуръати иттилоот байни субъектҳои хоҷагидор таъмин карда мешавад, ки он шарти асосӣ барои қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ дар сатҳи корхонаҳои савдои чакана ба ҳисоб меравад.

Ба рушди ҳосилнокии меҳнати кормандони корхонаҳои савдо, баландбардории сифати хизматрасонии харидорон ва суръатбахшии гардиш таъмин будани корхонаҳои савдои чакана бо техникаи муосир, воситаҳои алоқа ва иттилоот мусоидат менамояд.

Дар навбати худ, ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ бевосита имконияти харидории аҳолӣ, талаботи пардохтимконпазир ва ҳаҷми бозори истеъмолиро муайян менамояд. Маҳз онҳо тамоюлҳои мусбии рушд ва баланд бардоштани самаранокии савдои чаканаро муайян менамоянд. Дар сохтори гардиши моли чакана ва истеъмоли миёнаи молҳои озуқа ба ҳар сари аҳолӣ сатҳи некӯаҳволӣ ва даромадҳои воқеии аҳолии ҷумҳурӣ инъикос меёбад.

Таҷрибии хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки чи қадаре, ки сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ зиёд шавад, ҳиссаи воситаҳое, ки барои харидории молҳои ғайриозуқа, пардохти хизмат, беҳтаркунии шароити маишӣ ва зиндагӣ, пасандозгузорӣ барои соҳибшавӣ ба амволи ғайриманқул ва рушди фаъолияти хусусӣ масраф мешавад, зиёд мешавад.

Ҳангоми таҳлили динамикаи ҳаҷми даромадҳои аҳолӣ, ченакҳои гардиши савдои чакана ва сохторҳои он тағйирёбиҳои мусбӣ дар сохтори истеъмолот ошкор карда мешавад. Ҳамзамон муаммои таъмини таносуби зарурӣ байни даромадҳои аҳолӣ, молҳои пешниҳодшаванда ва баландбардории сифати он мубрам боқӣ мемонад.

Онҳо предмети омӯзиш барои баррасӣ ва қабули қарорҳои давлатӣ ва минтақавӣ боқӣ мемонанд, зеро дар ҳолати пастшавии даромадҳои воқеии аҳолб хароҷотба ба маориф, фарҳанг, тиб, ҳаҷм ва сохтори истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ кам мешавад[5].

Дар умум, ба фикрҳои олимони номбаршударо розӣ шуда, қайд менамоем, ки сатҳи нарх ба молҳои истеъмолӣ ба имконияти харидории

[5]Теплов В.И., Тарасова Е.Е. Исследование факторов, влияющих на развитие торговли потребительскими товарами в регионе // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации, 2006. - № 4 (20). – С. 5-11.

истеъмолгарон, ҳаҷм ва сохтори гардиши мол, истеъмоли молҳои асосии озуқаворӣ таъсир мерасонад.

Дигар омили муҳиме, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонад, ин таркиби иҷтимоию демографии аҳолӣ мебошад. Дар воқеъ, аз таркиби аҳолӣ ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти озуқа ва инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста аст. Миқдори аҳолӣ ва шуғли он омили муайянкунанда ба рушди ҳаматарафаи савдои чакана маҳсуб меёбад.

Омилҳои демографӣ аз бисёр ҷиҳат сохтори гардиши савдои яклухт ва чакана, хӯроки омма, таркиби базаи моддию техникии садо, сатҳи консентратсия ва тарзи ҷойгиргавӣ, намудбандӣ ва махсусияти объектҳои савдоро муайян менамоянд. Зери таъсири омилҳои демографӣ сиёсати давлатии рушди фаъолияти савдо ташаккул меёбад. Ин омилҳо бештар дар рушди намуд ва усулҳои хизматрасонии савдо ба аҳолӣ зуҳур меёбанд.

Бидуни омиҳои номбаршуда, технологияҳои нав ва инноватсияо дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба беҳтаршавии истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ, афзуншавии номгӯи мол, беҳтаршавии сифати он, суръатёбии гардиши захираҳо, истифодабарии самараноки он мусоидат менамоянд. Дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ дар фаъолияи корхонаҳои савдои чакана босуръат амалӣ карда мешаванд. Ин дар форматҳои савдо, таъминоти техникии онҳо, технологияи таблиғи мол ва хизматрасонии савдо, хизматрасонии иттилоотӣ, рушди хизмати савдо ва ғайраҳо ба назар мерасад.

Ғайр аз ин, ба сатҳи рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ ҳаҷм, сохтор ва фарҳанги истеъмолии аҳолӣ таъсир мерасонанд, ки он аз сохтори гардиши моли чакана, истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Мавриди қайд аст, ки фарҳанги истемолӣ вобаста аз минтақаҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар мавридии як хела будани шумора ва даромаднокӣ фарқ мекунад, зеро вай нафақат аз ҳаҷми даромадҳои воқеӣ,

балки ҳамчунин аз потенсиали зеҳнии истеъмолгарон, маҳорати одамон дар мавриди ташкили истеъмоли худ бо принсипҳои ратсионалӣ низ вобаста аст.

Омили муҳиме, ки ба сатҳи рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ таъсир мерасонад сифати молҳои ба корхонаҳои савдои чакана воридшаванда мебошад. Ҳамаи молҳои истеъмолӣ бояд ба стандартҳо ва талаботҳои муайян, ки аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ва байналхалқии стандарт ва сертификатикунонӣ пешниҳод шудааст ҷавобгӯ бошанд. Нишондоди савдои чакана нафақат дар назорати ҷиддии таблиғи мол ба истеъмолгар, балки ҳамчунин дар сифати мол бо мақсади мувофиқати он ба параметрҳои сифатии зарурӣ мебошад.

Ба гурӯҳи дуюми омилҳое, ки ба рушди савдои чакана ҳамчун намуди фаъоли фаъолияти савдо таъсир мерасонад, хусусиятҳои мушаххаси меҳнат дар соҳаи савдои чакана; дараҷаи тақсимоти меҳнат дар савдо; базаи моддию техникии корхонаҳои савдои чакана; татбиқи технологияҳои нав ва инноватсияҳо дар савдо; шаклҳои корхонаҳои савдои чакана; намудҳо ва усулҳои хизматрасонии савдо; сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ; ташаккулдиҳии низоми идоракунии корхонаҳои савдои чаканаро дохил кардан мумкин аст.

Дар як сатҳи муайян суръати гардиши захираҳои иқтисодӣ дар корхонаҳои савдои чакана, марҳилабандии гардиши мол, номгӯ ва сифати молҳо, нархҳо, даромади корхонаҳо аз самаранокии фаъолияти савдои яклухт ва чакана вобаста аст. Дар навбати худ, дараҷаи тақсимоти меҳнат дар дохили ҳар як намуди фаъолият аз чунин омилҳо вобаста аст: ҳаҷми фаъолият, сатҳи консентратсия ва тахассусмандии корхонаҳои савдо, ҷойгиршавии онҳо, намудикунонӣ, татбиқи пешрафти илмию техникӣ, сатҳи идоракунӣ, усулҳои корӣ ва ғайраҳо.

Тақсимоти меҳнат ва махсусиятҳои мушаххаси савдо ҳамчун намуди фаъолият зарурати рушди базаи моддию техникии савдоро ба миён овbooked, ки он маҷмӯи воситаҳои меҳнатро ифода намуда, ҳифзи молҳоро аз руи

миқдор ва сифат, дастраснамоии онҳо ба ҷойҳои нигоҳдорӣ ва фурӯш, ташкили шароити мусоид барои фурӯши чаканаи молҳо, расонидани хизматр ба аҳолӣ, хизматрасонии иттилоотии равандҳои савдою технологияро таъмин менамоянд. Аз сатҳи рушди базаи моддию техникии савдо воридшавии саривақтии молҳо ба фурӯш, мӯҳтаво ва самаранокии кори коргарони соҳаи савдо, сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ вобаст аст”. Аммо таҳлили воқеии ҳолати базаи моддию техникии савдои чакана муайян намуд, ки ба чораҳои андешидаи давлат нигоҳ накарда, бахши хусуси ва кооперативии савдо то ҳол ба талаботи афзуншуда, хусусан рушди шумораи аҳолӣ, талаботи онҳо, тамоюли пуршавии бозор аз ҳисоби истеҳсоли ватании молҳои истеъмолӣ ва воридшавии он аз кишварҳои хориҷ ҷавобгӯ нест.

Рушди устувори савдои чакана, пуршавии бозори истеъмолии ҷумҳурӣ бо молҳо ба фаъолияти коргарони савдои чаканаро талаботҳои навро пеш меоранд. Номгӯи молҳо нав шуда, муҳити рақобатӣ дар бозорӣ истеъмолӣ ташаккул меёбад ва муҳити бозорӣ васеъ мешавад. Ҳамаи ин тағйиротҳо зарурати таҳияи муносибати навро ои ба ташаккули инфрасохтор савдо, ташкили идоракунии корхонаҳои савдо ба миён меорад.

Рушди савдои чакана, сатҳи иҷроиши вазифаҳои ба дӯши ӯ гузошташуда ташкили хизматрасонии савдо ба аҳолиро тавассути шаклҳо ва усулҳои хизматрасонӣ ва сифати хизматрасонии савдо тавсиф медиҳад. Ин омилҳо бевосита аз сатҳи рушди савдо вобаст аст: ҳолати базаи моддию техникӣ, сатҳи тақсимоти меҳнат дар савдо, таркиби сифатии кадрҳо, самаранокии алоқаҳои хоҷагидорӣ, танзими давлатӣ ва ҳуқуқии савдо.

Ҳалли масъалаи баландбардори самаранокӣ ва сифати хизмати корхонаҳои савдои чакана аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии низоми идоракунии савдо иборат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо таҳкурсии имконияти соҳибшавӣ ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, беҳтаркунии сифати хизматрасонии аҳолӣ гузошта шудааст.

Низоми идоракунии корхонаҳои савдои чакана параметрҳои асосии иқтисодию иҷтимоии механизми хоҷагидориро фаро мегирад. Дар низоми идоракунии корхонаҳо нақш ва мавқеи мақомотҳои идоракунӣ, алоқаҳо ва муносибатҳои ташкилӣ, вазифаҳои бахшҳои алоҳида, хислати қарорҳои қабулшаванда муайян карда шуда, омилҳое, ки ба самаранокии савдо таъсир мерасонанд ошкор карда мешавад ва стратегияи рушди корхонаҳои савдо муайян карда мешавад.

Омилҳои баррасишудае, ки ба рушди фаъолияти савдои чакана таъсир мерасонанд дар ҳамалоқамандӣ ва ҳамвобастагӣ ҷой дошта, баҳодиҳии таъсири онҳо ба фаъолияти корхонаҳои савдои чакана имкон медиҳад, ки ҳолатҳои манфӣ ва мусбӣ ошкор карда шуда, самаранокии савдои чакана баланд бардошта шавад.

## 1.2. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии меҳнат ва хусусиятҳои таъмини кадрии савдои чакана

Шарти табиии ҳаёти инсон меҳнат ба ҳисоб меравад, ки барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, ки аҳамияти ҷамъиятӣ доранд, мусоидат мекунад. Дар навбати худ, савдо яке аз соҳаҳои меҳнатталаби иқтисодиёт мебошад. Дар солҳои охир шумораи машғулин, ки махсусан дар соҳаи савдо кор мекунанд, зиёд шуда, ҳиссаи кормандони дорои тайёрии махсус хеле кам шудааст. Тағйир ёфтани ҳаҷм, таркиб ва сохтори муомилоти мол, суръати гардиши гурӯҳҳои молӣ тамоюлҳои инкишофи раванди меҳнатро дар корхонаҳои савдо пешакӣ муайян мекунанд. Дар шароити муосир захираҳои меҳнатӣ омили муҳимтарини муайянкунандаи сифати кори корхонаҳои савдо ва расидан ба ҳадафҳои ҷорӣ ва стратегии он мебошанд. Нақши махсуси захираҳои меҳнатӣ дар фаъолияти корхона аз он иборат аст, ки танҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи онҳо бо захираҳои

моддию молиявӣ, идоракунӣ ва дигар захираҳо раванди савдои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ самаранок ба даст оварда мешавад.

Захираҳои меҳнатӣ дар ҳайати кормандони корхона ифодаи мушаххас пайдо мекунанд, ки зери ин мафҳум маҷмӯи шахсони воқеие, ки дар корхона дар муносибатҳои бо шартномаи меҳнатӣ танзимшаванда қарор доранд, фаҳмида мешавад. Кормандони корхона дар навбати худ коллективи меҳнатӣ, яъне гурӯҳи муайяни одамонро ташкил медиҳанд, ки бо мақсади умумӣ муттаҳид шудаанд.

Вобаста ба соҳаи савдо зери мафҳуми "захираҳои меҳнатӣ" он қисми аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки дорои нерӯи ҷисмонӣ, қобилияти ақлонӣ ва дониши зарурӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти муфид, иҷрои функсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ истифода мешавад. Ба таркиби захираҳои меҳнатии савдо маҷмӯи кормандони дар ҳама соҳаҳои он машғулбуда, ҳамчунин кормандони потенсиалии свдо дохил мешаванд.

Ба андешаи мо, новобаста аз хусусияти дуҷониба доштани меҳнат дар савдо, ҳарду намуди он бо ҳам алоқаманд мебошанд ва онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан душвор аст. Бо ин сабаб, баҳисобгирии алоҳидаи меҳнати истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар савдо душвор аст.

Бо вуҷуди ин, фаҳмидани моҳияти ду намуди меҳнат дар савдо барои муайян кардани равандҳои савдо, дурусттар тасаввур кардан ва оқилона будани ҳаҷми хароҷоти муомилоти мол дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ кӯмак мерасонад, ба тағйир ёфтани таносуби онҳо таъсир расонда, захираҳои афзоиши ҳосилнокии умумии меҳнатро ошкор менамояд.

Ҳамаи равандҳои меҳнатие, ки кормандони корхонаҳои савдо иҷро мекунанд, вобаста ба моҳият ва мазмуни худ ба ду намуд тақсим мешаванд:

- вобаста ба ивази шакли арзиши мол;
- вобаста ба идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот.

Намуди якуми меҳнат тағйирёбии шакли арзишро таъмин намуда, равандҳои хариду фурӯш, хизматрасонӣ ба мизоҷон, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, реклама ва ғайраро дар бар мегирад.

Ба намуди дуюми меҳнат чунин равандҳои меҳнат, ба монанди боркашонӣ, борпеч кардан, нигоҳдошт, ба навъҳо ҷудо кардан, бор кардан, борфарорӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳарду намуди меҳнат бо ҳам алоқаманд буда, асоси ташкили раванди савдою технологиро ташкил медиханд. Ҳамин тавр, аввалин хусусияти фарққунандаи меҳнат дар корхонаҳои савдо хусусияти дуҷониба доштани он мебошад.

Хусусияти дуюми фарққунанда дар он аст, ки меҳнати бо идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот алоқаманд дар ҳаҷми умумии равандҳои меҳнат ҳиссаи зиёдро ишғол мекунад. Сабаби асосии ин зуҳурот муҷаҳҳазгардонии техникии нисбатан сусти корхонаҳои савдо мебошад. Одатан, аксари равандҳои вобаста бо номгуйи молҳо, бастабандӣ, ба навъҳо ҷудо кардан ва коркарди пеш аз фурӯши молҳо ба таври дастӣ ба ҷо оварда мешавад. Арзиши баланди меҳнат омили манфӣ мебошад.

Хусусияти сеюми меҳнат дар соҳаи савдо дар он аст, ки меҳнате, ки бо тағйирёбии шакли арзиш алоқаманд аст, хеле якранг буда, дар айни замон фишори зиёди асабӣ ва ҷисмониро талаб мекунад. Ин ба як қатор сабабҳо вобаста аст: якум, ташкили раванди савдою технологӣ озодии ташаббуси кормандро ба инобат намегирад ва ё сахт маҳдуд мекунад; дуюм, ба қадри кифоя электронӣ набудани равандҳои корхонаҳои савдо ба он оварда мерасонад, ки ҳисобу китобҳои таҳлилӣ, муҳосибӣ ва оморӣ дастӣ ба ҷо оварда мешаванд.

Хусусияти чоруми меҳнат дар корхонаҳои савдо таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ ба он мебошад. Шиддати ҷараёнҳои мизоҷон дар давоми рӯз вобаста ба ҷойгиршавии корхона, тағйир ёфтани талабот ба гурӯҳҳои маҳсулот ва омилҳои дигар дар баъзе мавридҳо боиси бекор истодани

кормандон ва дар дигар мавридҳо боиси хеле зиёд шудани сарборӣ ва якбора баланд шудани шиддатнокии меҳнат мегардад.

Хусусияти панҷуми меҳнат дар корхонаҳои савдо дар он аст, ки натиҷаи ниҳоии меҳнат на маҳсулот, балки хизматрасонӣ мебошад. Бинобар ин, барои баҳо додан ба натиҷаҳои кори кормандони савдо, дар баробари нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат, ҳамчунин нишондиҳандаҳои васеътар, ба монанди самаранокии меҳнатро бо дарназардошти сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ё сарфи вақти харидорон ба назар гирифта мешавад;

Меҳнати кормандони савдо бо шиддатнокии хоси худ фарқ мекунад. Ин, пеш аз ҳама, ба кормандони толорҳои савдо – фурӯшандагон, хазиначиҳо ва мушовирон дахл дорад. Фурӯшанда ҳамеша дар мадди назар аст, барои ҳамин муносибату рафтори ӯ бояд доимо ҳалимона бошад, фарҳанги гуфтор, намуди зоҳирӣ ва одобро риоя кунад. Аз ҷиҳати ҷисмонӣ душвортарин кор – ин меҳнат фурӯшандагон аст. Ин махсусан ба кори фурӯшандагони молҳои озуқаворӣ ва молҳои рӯзгор дахл дорад.

Меҳнати хазиначиҳо низ бо шиддати асаб ва равонӣ хос аст, зеро дар раванди кор зарурати робита бо шумораи зиёди одамоне, ки муносибатхои гуногун доранд, ба миён меояд.

Сарчашмаи сарборӣ инчунин шиддати назарраси хотира ва диққат, хусусияти кор бо арзишҳои моддӣ, якрангии меҳнат мебошад. Кори хазиначӣ ва фурӯшанда бо тақсимоти нобаробари сарборӣ дар давоми рӯзи корӣ, ҳафта аз сабаби тағйирёбии ҷараёни мизоҷон хос аст. Дар баробари ин, тағйирёбии миқдори мизоҷоне, ки дар соатҳои баландтарин хизмат расонида мешаванд, метавонад ба 50% аз сарбории миёнаи соатӣ бирасад.

Хусусияти дигари меҳнати кормандони савдо дар он аст, ки дар фарқият аз соҳаи истеҳсолоти моддӣ, дар соҳаи савдо хароҷоти меҳнати зинда бартарӣ дорад. Дар савдои чакана вазни қиёсии меҳнати зинда назар ба савдои яклухт хеле зиёд аст, ки ин ба худи хосияти меҳнат ва дараҷаи механиконии равандҳои меҳнат вобаста аст.

Ҳамчунин, дар соҳаи савдо вазни қиёсии корхонахои хурд зиёд аст, бинобар ин механиконидани равандҳои меҳнат душвор аст, ки дар натиҷаи ин кормандони савдо аксар вақт кори нисбатан зиёди ҷисмонӣ ва равлониро ба уҳда доранд, ки ин дар нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнати онҳо ифода меёбад.

Хусусияти дигари меҳнат дар савдои чакана он аст, ки дар шумораи умумии кормандони савдо хиссаи занон калон аст. Аммо ин таносуб вобаста ба махсусгардонии корхона ва намудҳои молҳои фурӯхташаванда (компютерҳо, қисмҳои автомобилӣ, молҳои варзишӣ ва ғайра) метавонад фарқ кунад. Огоҳӣ доштан аз хосиятҳои ин гуна молҳо дар байни мардон албатта нисбат ба занон бештар аст.

Ҳамин тавр, раванди меҳнат дар корхонаҳои савдо бо хусусиятҳои дуҷониба доштан, идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот алоқаманд будан, якранг ва айни замон фишори зиёди асабӣ ва ҷисмонӣ доштан, таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ ва шиддатнокӣ ба он ва натиҷаи ниҳоии меҳнат на маҳсулот, балки хизматрасонӣ будан тавсиф дода мешавад (расми 1.5.).

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосир вобаста ба тамоюлҳои рушд хусусиятҳои нави меҳнати кормандони савдои чакана ба миён омаданд:

- афзоиши неруи ақлонии раванди меҳнат, ки дар пурзӯр шудани нақши меҳнати фикрӣ, рушди муносибати бошуурона ва масъулиятноки корманд ба натиҷаҳои фаъолияти худ, ташаббус ва эҷодкорӣ зоҳир мегардад;
- афзудани аҳамияти ҷанбаҳои иҷтимоии раванди меҳнат. Дар айни замон омилҳои афзоиши ҳосилнокии меҳнат на танҳо такмили ихтисоси кормандон ё дараҷаи механиконии меҳнати ӯ, балки вазъи саломатии инсон, табъи ӯ, муносибат дар оила, коллектив ва ҷамъият ҳам ба назар гирифта мешаванд.




Расми 1.5. – Савдо ҳамчун соҳаи иқтисодиёти миллӣ, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва шакли меҳнати ҷамъиятӣ (таҳияи муаллиф)

Аҳамияти иҷтимоии меҳнати кормандони савдо дар саҳм гузоштани он зимни ҳалли масъалаҳои зерин зоҳир меёбад:

- қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ ба молу хизматрасониҳои гуногун;

- дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо;

- дар рушди сатҳи маданияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ;

- дар сарфи вақт барои харидани молҳо.

Кормандони савдо сарфи вақти аҳолиро ба хизматрасониҳои савдо тағйир дода, ба суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва умуман рушди иқтисоди мамлакат таъсир мерасонанд[6].

Ҳадафи асосии идоракунии кадрҳо дар ташаккул додани шумора ва ҳайати кормандоне иборат мебошад, ки ба хусусиятҳои фаъолияти ямуассисаи савдои мазкур ҷавобгӯ мебошанд ва метавонанд вазифаҳои асосии рушди онро дар давраи оянда таъмин кунанд.

Раванди идоракунии кадрҳои корхонаи савдо ба принсипҳои асосии зерин асос ёфтааст:

1. Низоми ташаккул ва истифодаи ҳайати кормандони корхонаи савдо бояд ба дурнамои умумии рушди он тобеъ карда шавад. Идоракунии кадрҳо бояд бо стратегияи идоракунии савдо ва хизматрасонии савдо, рушди базаи моддию техникӣ ва рушди молиявии корхонаи савдо ҳамгиро бошад.

2. Дар раванди идоракунии кадрҳо бояд ҳадафи устувор кардани ҳайати кормандон амалӣ карда шавад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, гардиши зиёди кадрҳо дар корхонаҳои савдо ҳатто нисбат ба ихтисосҳои корӣ хеле гарон аст ва иваз кардани мутахассисон ва роҳбарони ботаҷриба, баландихтисос хеле душвор аст.

3. Ҳангоми идоракунии ҳайати мағозаҳои хурд (то 15 нафар), бояд аз таснифоти қатъии кор даст кашид. Самаранокии бештар дар истифодаи кормандони ин мағозаҳо ҳангоми ба ҳам пайвастани касбҳои коргарон барои таъмини иҷрои ҳаҷми зарурии намудҳои гуногуни кор ба даст оварда мешавад.

---

[6] Коробкин А.З. Эффективность продаж кооперативной торговли: понятие и система показателей оценки / А.З. Коробкин, Н.В. Лацкевич // Эффективность сферы товарного обращения: сборник научных статей V Писаренковских чтений, посвященных 55-летию университета, 26-27 сентября 2019. – Гомель : Бел. торгово-экон. ун-т потребит. кооп., 2019. - С. 49-53.

4. Интихоби кормандоне, ки ба онҳо дар муҳлати муайяншуда тамдиди кафолати шуғл ба нақша гирифта шудааст, бояд дар асоси озмун сурат гирад. Дар навбати аввал, принсипи мазкур ба кормандон –роҳбарҳои калон ва мутахассисони корхонаҳои савдо дахл дорад, аммо он метавонад ба фурӯшандагони баландихтисос, ки молҳои навъҳои аз ҳама мураккабро мефурӯшанд, паҳн карда шавад. Дар ҷараёни интихоби рақобатӣ бояд ба кормандоне афзалият дода шавад, ки на танҳо тахассуси баланд, балки инчунин қобилият ба ҷустуҷӯи инфиродӣ, мутобиқшавӣ ба бозори хеле динамикии истеъмолиро дошта бошанд.

5. Дар раванди ташаккул ва истифодаи кадрҳо ҳавасмандии меҳнатии кормандони асосиро ба назар гирифтан ва барои иҷрои он дар доираи имкониятҳои корхонаи савдо саъй кардан лозим аст. Ташаккули ҳавасмандии меҳнат тағйироти афзалиятҳои арзиши кормандонро дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, хоҳиши кормандонро ба ҳамкорӣ ва шарикӣ бо соҳибони корхона дар асоси дарозмуддат инъикос мекунад.

6. Дар раванди идоракунии кадрҳои як корхонаи тиҷоратӣ бояд меъёрҳои ҳуқуқии танзими давлатии шуғл ва музди меҳнат ба назар гирифта шаванд. Ин ба тартиби қабули коргарон ба кор, таъмини низом ва шароити мувофиқи кори онҳо, риояи ҳадди ақали музди меҳнат, таъмини имтиёзҳои дахлдори иҷтимоӣ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқии муқарраршуда дар ин соҳа дахл дорад.

Моҳияти мафҳуми кормандони корхонаҳои савдо бо шумора ва таркиби кормандони машғули он тавсиф карда мешавад. Барои идоракунии самараноки раванди ташаккул ва истифодаи кадрҳо дар корхонаҳои савдо, таснифи кормандон мутобиқи нишонаҳои асосии зерин ба мақсад мувофиқ аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.1. - Низоми нишонаҳои таснифи кадрҳои савдои чакана**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Аз рӯи нишонаи категорияҳо | а) ҳайати идоракунанда;<br>б) ҳайати савдоюю оперативӣ;<br>в) ҳайати ёрирасон |
| 2. | Аз рӯи нишонаи вазифаҳо ва касбҳо | а) роҳбарон (роҳбарон);<br>б) мутахассисон;<br>в) фурӯшандагон;<br>г) хазиначиҳо;<br>д) бастабандҳо ва ғ. |
| 3. | Аз рӯи ихтисосҳо | а) иқтисодчиён;<br>б) мутахассисони молия;<br>в) муҳосибон;<br>г) фурӯшандагони маҳсулоти озуқаворӣ;<br>д) фурӯшандагони маҳсулоти ғайриозуқаворӣ ва ғ. |
| 4. | Аз рӯи тахассус | а) фурӯшанда;<br>б) фурӯшандаи категорияи 2-юм;<br>в) фурӯшандаи категорияи 1-ум ва ғ. |
| 5. | Аз рӯи синну сол | а) мардон: то 30 сола; аз 30 то 63 сола; аз 63 сола боло<br>б) занон: то 30 сола; аз 30 то 58; аз 58 сола боло |
| 6. | Тибқи таҷрибаи корӣ | а) то 1 сол; б) аз 1 то 3 сол; в) аз 3 то 10 сол; г) зиёда аз 10 сол зиёд. |
| 7. | Дар муносибат ба моликият | а) кормандон – соҳибмулкони корхона;<br>б) кормандони кироя. |
| 8. | Тибқи хусусияти муносибатҳои корӣ | а) кормандони доимӣ; б) кормандони муваққатӣ |

*1. Аз рӯи дараҷа.* Дар ҳайати кормандони корхонаҳои савдои чакана се дараҷаи кормандон мавҷуданд:

а) кормандони роҳбарикунанда;

б) кормандони тиҷоратӣ ва амалиётӣ;

в) кормандони ёрирасон.

*Ҳайати роҳбарикунанда* аз кормандоне иборат аст, ки идоракунии равандҳои тиҷоратӣ - технологӣ ва меҳнатиро таъмин мекунанд. Ба ин гуруҳ роҳбарон, кормандони муҳандисӣ –техникӣ ва хизматчиён дохид мешаванд - директор (сардор), муовини директор (муовин), маъмур, мудирони мол, мудирони бахшҳо, муҳосиби калон, муҳосибон, хазиначӣ ва ғ.

Роҳбарии умумии мағозаро директор (мудир) иҷро мекунад, ӯ инчунин корҳои банақшагирӣ ва иқтисодиро роҳбарӣ мекунад, ба интихоби кадрҳо

машғул аст ва такмили ихтисоси онҳоро ташкил менамояд, ҳифзи меҳнат, бехатарӣ, бехатарӣ аз сӯхтор ва риояи қоидаҳои санитариро таъмин месозад. Ба вай инчунин хизматрасониҳои марбут ба меҳнат ва музди меҳнат, баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия тобеъ аст.

Муовини директори (муовин) мағоза фаъолияти тиҷоратиро идора мекунад, ба масъулияти ӯ ташкили амалиёти технологӣ ва хизматрасонии иқтисодӣ дохил мешавад.

Дастгоҳи бухгалтериро аз шахсони масъули моддӣ ҳисоботи молиявӣ-пулӣ қабул мекунад, онҳоро тафтиш ва коркард мекунад, маблағҳо ва қарзҳои бонкро ҳисоб мекунад, инчунин дигар амалиётҳои баҳисобгириро анҷом медиҳад.

Дар мағозаҳои калон метавонанд хизматрасониҳои мустақили тиҷоратӣ фаъолият кунанд, ки ба он директори тиҷоратӣ роҳбарӣ мекунад ва дорои воҳидҳои сохторӣ мебошад, ки ташкилкунандаи фаъолияти маркетингӣ, таблиғотӣ ва тиҷоратии корхонаи савдои чакана дониста мешавад.

Барои кормандони роҳбарикунанда дастурамали вазифавӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад, ки асоси онҳоро хусусиятҳои тахассусии дахлдор ташкил медиҳад.

Ба *кормандони тиҷоратӣ-оперативӣ* (хизматрасонӣ) кормандони муассисаи савдо, ки бевосита ба хизматрасонии савдои шаҳрвандон иштирок мекунанд, дохил мешаванд. Инҳо: мудири шӯъба (бахш); маъмури толори савдо; молшинос; фурӯшандаи маҳсулоти хӯрока; фурӯшандаи маҳсулоти ғайриозуқаворӣ; фурӯшандаи шабакаи хурди чакана; хазинадори толори фурӯш; назоратчӣ-хазинадор; экспедитор; оператори лифти мусофирбар; навбатдори эскалатор; қабулкунаки бағоҷи дастӣ мебошанд.

Тибқи стандарти зикршуда ба кормандони хизматрасон чунин талаботҳои умумӣ гузошта мешаванд: таъмини бехатарии хизматрасониҳои савдо ва равандҳои технологӣ барои ҳаёт ва саломатии харидорон, бехатарии амволи онҳо ва ҳифзи муҳити зист; маълумоти касбӣ доштан ва ба талаботи

тахассусии барои ин касб муқарраршуда ҷавобгӯ будан; донистан ва риояи қонунҳои амалкунанда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба фаъолияти касбии кормандон, тавсифи вазифаҳо, қоидаҳои дохилии меҳнат, фармонҳо ва амрномаҳои маъмурияти корхона; меъёрҳо ва қоидаҳои мавҷудаи санитарию гигиениро донистан ва рияо кардан; ҳангоми қабул ба кор ва дар давраи кор дар корхонаҳои савдои хӯрокворӣ, кормандон бояд тибқи қонунгузории амалкунанда аз муоинаи пешакӣ ва даврии тиббӣ гузаранд; мутобиқати бехатарии маводи бастабандӣ бо моли фурӯхташаванда ва ивазшавандаи бастабандро таъмин кунанд; ба қоидаҳои истифодаи таҷҳизот, ҳифзи меҳнат ва чораҳои бехатарӣ риоя кунанд ва аз таълими бехатарӣ сари вақт гузаранд; малакаҳои роҳбарӣ дошта бошанд (барои мудири шуъба, бахш ва ғ.); дар доираи ҳадди ақали гуфтугӯ забони хориҷии муошырати байналмилалӣ ва истилоҳоти касбиро бо забони хориҷӣ донад (барои кормандони корхонаҳои савдое, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ хизмат мерасонанд).

Функсияҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҳайати хизматрасон бояд дар дастурамалии вазифавии тасдиққардаи роҳбари корхона муқаррар карда шаванд. Онҳо бо назардошти риояи талаботҳои дар стандарт номбаршуда, инчунин маълумотномаи ягонаи тарифӣ ва тахассусии ҷойҳои корӣ ва касбҳои коргарон, хусусиятҳои кори корхонаи мазкур, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳайати хизматрасон, ки аз рӯи хусусияти иҷрои корашон бо хӯрок, зарфҳо, асбобҳо ва таҷҳизот робитаи мустақим доранд, бояд меъёрҳо ва қоидаҳои амалкунандаи санитариро барои корхонаҳои савдои хӯроквориро риоя кунанд.

Кормандони хизматрасон бояд сифати дурусти хизматрасонии савдоро барои харидорон тибқи талаботи ҳатмии стандартҳо ва шартҳои шартнома таъмин кунанд, аз ҷумла: мавҷудият, басандагӣ ва эътимоднокии маълумот дар бораи моли фурӯхташуда ва хизматрасониҳо; риояи талабот оид ба

тамғагузорӣ, бастабандӣ ва бақайдгирии нархномаҳо ва расидҳои фурӯш; риояи қоидаҳои фурӯши молҳо ва фарҳанги хизматрасонӣ ба мизоҷон.

Дар ҷойҳои корӣ кормандони хидматрасон бояд либосҳои санитарӣ ё либоси ягона ва пойафзоли стандартии барои ин корхона муқарраршударо, ки дар ҳолати тозаву озода қарор доранд, ба бар кунанд.

Ҳайати хизматрасони корхонаи хӯроки умумӣ, ки дар биноҳои савдои корхона ҷойгиранд (ошхона, қаҳвахонаҳо ва ғайра), бояд ба талаботи мутобиқат кунанд.

*Кормандони ёрирасон* амалиёти кормандони хизматрсониро дастгирӣ мекунанд ва инчунин нуқтаҳои савдоро дар ҳолати санитарию гигиенӣ нигоҳ медоранд. Ба ин категорияи коргарон кормандони хурди хизматрасонӣ (фаррошон ва ғ.), барқчиён, техникҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Ба категорияҳои коргарон тақсим кардани ҳайати кормандони муассисаи савдо шакли маъмултарини тақсимоти функсионалии меҳнати онҳост.

2. *Аз рӯи вазифаҳо ва касбҳо.* Дар корхонаҳои савдои чакана ба ҳайати роҳбарикунанда вазифаҳои роҳбарон (роҳбарон), мутахассисон ва ғайра ҷудо карда мешаванд. Дар ҳайати кормандони оперативии савдо - мансабҳои (касбҳои) фурӯшандагон, хазиначиҳо, нозирон-хазиначиҳо ва ғайра ҷудо карда мешаванд.

3. *Аз рӯи ихтисосҳо. Дар ҳайати мазкур* вазифаҳои мутахассисон иқтисоддонҳо, мутахассисони бахши молия, молшиносон, муҳосибон ва ғайра дохил мешаванд; дар байни фурӯшандагон ихтисосҳо фарқ карда мешаванд - фурӯшандаи маҳсулоти хӯрокворӣ, фурӯшандаи маҳсулоти ғайриозуқаворӣ ва ғайра.

4. *Аз рӯи сатҳи маҳорат.* Кормандони мансабҳои асосӣ, касбҳо ва ихтисосҳо, вобаста аз сатҳи дониш, малака ва маҳорати корӣ, ба як қатор категорияҳои тахассусӣ тақсим карда мешаванд (фурӯшандаҳо ва хазиначиҳо - 3 нафар; мутахассисон - 4 нафар; боркунакҳо - 6 нафар ва ғ.).

5. *Аз рӯи ҷинс ва синну сол.* Мувофиқи тартиби ҷории баҳисобгирӣ дар корхонаҳои савдо мардони то 30-сола; аз 30 то 60 сола; аз 60-сола боло; ва занони то 30-сола; аз 30 то 55 сола; аз 55 сола ҷудо карда мешаванд. Бо мақсади идоракунии самараноки ҳаракати кормандон дар корхонаҳои калони тиҷоратӣ, гурӯҳбандии нисбатан муфассали кормандонро аз рӯи синну сол қабул кардан мумкин аст.

6. *Аз рӯи таҷрибаи корӣ дар савдо.* Амалияи ҷории баҳисобгирӣ гурӯҳбандии кормандони корхонаҳои савдоро, ки таҷрибаи кори то 1 сола дар савдоро доранд, пешбинӣ менамояд; аз 1 то 3 сол; аз 3 то 10 сола; дар тӯли 10 сол. Бо мақсадҳои мушаххаси идоракунии кормандон, ин гурӯҳбандӣ низ муфассалтар буда метавонад.

7. *Дар робита бо моликият.* Вобаста ба ин аломат, дар корхонаҳои савдо коргарон - соҳибони моликияти он ва кормандони кирояро фарқ мекунанд.

8. *Бо хусусияти муносибатҳои меҳнатӣ.* Аз рӯи ин аломат, кормандони муассисаҳои савдо ба доимӣ ва муваққатӣ тақсим карда мешаванд.

Бо назардошти принсипҳои гузошташудаи тасниф, раванди идоракунии кадрҳои корхонаи савдо сохта мешавад.

## 1.3. Механизми ташаккул ва рушди кадрҳои савдои чакана дар шароити муосир

Дар шароити амали иқтисоди бозорӣ яке аз воситаҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои пешгузоштаи субъектҳои савдои чакана ин кормандони онҳо мебошад. Ба даст овардани фоидаи корхонаҳои савдо бешубҳа бо кормандони он робитаи ногусастанӣ дорад, зеро маҳз кадрҳо дорои донишу малакаҳое мебошанд, ки барои ташкили самараноки раванди савдо ва хизматрасонии истеъмолгарон заруранд.

Ба андешаи мо, баланд бардоштани самаранокии ҷараёни идоракунии кормандон аз ҳаллу фасли вазифаҳои зерин иборат аст:

- таъмини талаботи соҳаи савдо бо нерӯи корӣ;
- ба даст овардани таносуби оптималӣ дар байни сохторҳои ташкилию техникии иқтидори истеҳсолӣ;
- самаранок истифода бурдани потенсиали меҳнатӣ;
- таъмини шароити мусоид барои ба даст овардани сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат;
- таҳкими тартиботу интизоми меҳнат;
- такомули низоми ҳавасмандгардонии меҳнат;
- асоснок намудани сиёсати кадрҳо дар корхона, ҷалби қисмати ҳарчи бештари тобеон ба ҷараёни идоракунӣ дар корхона;
- амалисозии нияту орзуҳо, талабот ва хоҳишу дархостҳои иҷтимоии кормандон бо назардошти манфиатҳои корхона ва давлат;
- боло бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии кормандон, расидан ба мақсадҳои ниҳоии фаъолияти хоҷагии корхона.

Дар навбати худ, идоракунии кадрҳо ин маҷмӯи усулҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки самаранокии меҳнат ва қобилияти рақобатпазирии корхонаро пурмазмун ва мақсаднок мегардонанд.

Ба андешаи муаллиф, низоми идоракунии кадрҳо аз се қисмати таркибӣ иборат аст: ташаккул, истифода ва устувории ҳайати кормандон (расми 1.6.).

Чунончи аз расми 1.6. бармеояд, ташаккули ҳайати кормандон яке аз бахшҳои асосии идоракунии кормандон ба шумор меравад. Моҳияти он дар муайян кардани миқдори кормандон, ҳайати онҳо, нақшагирии кадрҳо, ба кор қабул кардан, ҷобаҷогузорӣ, бастани шартномаҳо ва ғайра ифода меёбад.

Истифодабарии кормандон мунтазам тайёр кардани кадрҳои касбӣ, беҳсозии муҳити маънавӣ-рӯҳӣ ва таъмини кормандонро бо ҷои кор ва шароити меҳнат муттаҳид месозад.




Расми 1.6. Унсурҳои асосии низоми идоракунии кадрҳо (таҳияи муаллиф)

Устувории ҳайати кормандон бештар ба масъалаҳои такмил додани ҷараёни идоракунӣ ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои меҳнати онҳо алоқаманд мебошад.

Моҳият, мақсад ва мазмуни идоракунии кормандон пеш аз ҳама дар сиёсати кадрҳо инъикоси худро меёбад. Сиёсати кадрҳо – ин ҳамон мақсаду вазифаҳое мебошанд, ки тавассути меҳнати мақсадноки кормандони корхона

дар як давраи муайян ҳаллу фасл мегарданд. Ҳар як корхона сиёсати тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла консепсияи тараққиёти кадрии худро бояд дошта бошад.

Тавре таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, консепсияи тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона одатан се қисми асосӣ дорад: якум, истеҳсолӣ, яъне тавлид ва фурӯши мол дар бозор; дуюм, молиявӣ – даромад ва хароҷоти корхона; сеюм, иҷтимоӣ-маданӣ мебошад, ки дар доираи он ояндабинии коллективи меҳнатӣ, аз ҷумла самту роҳҳои асосии сиёсати иқтисодӣ доир ба кадрҳо тарҳрезӣ мегардад.

Сиёсати кадрҳо бояд бахшҳои зеринро дар бар гирад:

- тартибу қоидаҳое, ки ба идоракунии кормандон бештар мусоидат мекунанд;
- муқаррар намудани эҳтиёҷ ба миқдор ва ҳайати штатии кормандон дар корхона;
- муайян намудани шумораи кормандон аз рӯи касб, вазифа ва дараҷаи таҳсилоти онҳо;
- аниқ кардани талабот доир ба кадрҳо барои таълим ва бозомӯзии касбии ҳамаи кадрҳо, аз ҷумла кормандони соҳаи идоракунии кадрҳо;
- маркетинги кадрҳо ва дар амал гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ;
- такомули механизми ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандон, аз ҷумла кормандони бахши идоракунӣ;
- таъмини ҳифзи иҷтимоии кадрҳо;
- такомули низоми иртиботию иттилоотӣ доир ба идоракунии кормандон;
- ҳисоб, ташкил ва назорати иҷрои ӯҳдадориҳою супоришот нисбати ҳамаи кормандони корхона (расми 1.7.).




Расми 1.7. - Сиёсати кадрҳо ва бахшҳои таркибии он  (таҳияи муаллиф)

Сиёсати кадрҳо бояд тавре тарҳрезӣ ва асоснок гардад, ки дар натиҷа, аз як тараф, ҳамаи бахшу сохторҳои корхона бо нерӯи корӣ таъмин гардида, аз тарафи дигар, шароити зарурӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии одилонаи натиҷаҳои он дар корхона ва ташкилот фароҳам оварда шавад.

Сиёсати кадрҳо дар ҳар як корхона бояд барои ноил шудан ба мақсади умумии корхона ва мақсадҳои мушаххса равона гардад. Одатан мақсадҳои корхонаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Якум, мақсадҳое, ки бо омилҳои муҳити берунии корхона сахт алоқаманд мебошанд. Ба гурӯҳи дуюм, мақсадҳое шомиланд, ки бештар ба беҳтар намудани вазъи кор бо кормандон алоқаманд мебошанд. Ба қатори ин гуна омилҳо, масалан, ҷалб кардани миқдори зиёди кормандони тобеъ ба корҳои идоракунии корхона, такмили услуби роҳбарӣ, беҳтар кардани шароити меҳнат, ҷорӣ намудани унсурҳои ташкили илмии

меҳнат, механизми навтарин ва самарабахши ҳавасмандгардонӣ ва ташкили шаклу навъҳои ҳавасмандгардонии меҳнати пурмаҳсул ва ғ. дохил мешаванд.

Сиёсати кадрҳо дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Дар ин ҳолат, хусусан ҳалли масъалаҳои нақшагирии стратегии кадрҳо, мустаҳкам намудани тартибу интизоми меҳнати кормандон, такмили системаи таълиму тарбия дар макотиби олии касбӣ, мактабҳои махсус, бозомӯзии касбии онҳо дар курсҳои мақсадноки кӯтоҳмуддат, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо аз рӯи ихтисос, қобилияти кордонӣ ва дигар сифатҳо, муҳайё сохтани шароити хуби корӣ, ташкили ҳавасмандгардонии меҳнати пурсамари кормандон, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва ғ. аҳамияти калони амалӣ доранд. Аз ин рӯ, роҳбарон ва роҳбарон бояд дар ҷараёни идоракунии кормандон ба ин самтҳои афзалиятноки сиёсати кадрҳо таваҷҷӯҳи бештар диҳанд.

Кадрҳо омили асосӣ ва басо тақдирсози фаъолияти корхона ба ҳисоб мераванд ва сифати меҳнату қобилияти кордонии онҳоро баъзан андозагирӣ кардан хеле душвор аст. Аз ин рӯ, нақшагирӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷи корхона бо кадрҳо ва ҳайати онҳо вазифаи хеле масъулиятнок ба шумор рафта, эҳтимолияти дар ин роҳ иштибоҳ кардан зиёд мебошад.

Бо ибораи дигар, таҳлил, нақшагирӣ, ҷалб, интихоб, хостагирӣ ва ҷобаҷогузории оқилонаи кадрҳо омили муҳим дар роҳи рушди иқтисодии корхона мебошанд.

Ташаккули кадрҳои корхона аз як қатор амалиёту марҳилаҳои бо ҳам пайванд амалӣ мегардад, ки дар шакли нақша тасвир намудан ба мақсад мувофиқ аст (расми 1.8.).

*Муайян намудани эҳтиёҷ ба кадрҳо* марҳилаи аввал ва тақдирсози ташаккули кормандони корхона ва замина барои нақшагирии кадрҳо мебошад.




Расми 1.8. - Раванди ташаккул ва идоракунии кадрҳо (таҳияи муаллиф)

*Нақшагирии кадрҳо* ҷузъи таркибии ҷараёни нақшагирии фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона буда, барои ҷавоб ёфтан ба саволҳои зайл кӯмак мерасонад:

- чӣ миқдор корманд, кай ва ба кадом сохтори корхона зарур аст?
- бо кадом роҳ кадрҳои заруриро ба корхона ҷалб намудан мумкин аст?
- чӣ тавр кадрҳоро бо назардошти қобилият, дониш ва маҳораташон пурсамартар истифода бурдан мумкин аст?
- чунин чорабиниҳои тарҳрезишуда чӣ миқдор хароҷотро талаб мекунанд?

Раванди нақшагирии эҳтиёҷ ба кадрҳо таҳлили амиқи ду самти он: *эҳтиёҷ ба миқдор* ва *таркиби вазифагию ихтисосии кадрҳоро* муттаҳид менамояд.

Эҳтиёҷ ба миқдори зарурии кадрҳо дар асоси таҳлили сохтори ташкилии корхона, тартиботи технологияи истеҳсолот, пешбинии миқдори кормандон ва ғ. муқаррар карда мешавад. Вале муҳимтарин омил, албатта, мавҷуд будани ҷои кор дар корхона аст.

Дар ҷараёни нақшагирии сифати кадрҳо, пеш аз ҳама сатҳи таҳсилот, донишу малакаи касбӣ ва маданияти номзад, ки ба талаботи корхона ҷавобгӯ аст, дар навбати аввал таҳлил карда мешавад.

Эҳтиёҷ ба миқдори кадрҳои аз рӯи касбу ихтисосҳои барои корхона зарурро аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун, ба монанди *эҳтиёҷи умумӣ, эҳтиёҷи асосӣ* ва *эҳтиёҷи иловагӣ ба кадрҳо* муайян кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Эҳтиёҷи умумӣ ба кадрҳо* дар корхона тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Э_у = Э_а + Э_и,$$

дар ин ҷо $Э_у$ – эҳтиёҷи умумӣ ба кадрҳо, нафар;

$Э_а$ – эҳтиёҷи асосӣ ба кадрҳо, нафар;

$Э_и$ – эҳтиёҷи иловагӣ ба кадрҳо, нафар.

*Эҳтиёҷи асосӣ* ба кадрҳоро бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$Э_а = Ҳ_и + И_к,$$

дар ин ҷо $Ҳ_и$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхона, сомонӣ;

$И_к$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як корманди корхона ба ҳисоби миёна дар як сол ё ҳосилнокии меҳнат, сомонӣ.

Дар марҳилаи ташаккули кадрҳои корхона *омӯзиш ва таҳлили вазъи бозори меҳнат* аҳамияти калон дорад.

Дар раванди омӯзиши вазъи бозори нерӯи корӣ таҳлили иттилооти зерин ба мақсади корхона мувофиқ аст:

- сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар минтақа (мамлакат, шаҳр ноҳия ва ғ.);
- сатҳи музди меҳнат;
- муассисаҳои таълимие, ки ба омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисон машғуланд;
- ҳолати демографӣ;
- зеҳнияти миллӣ ва хусусияти маданӣ-иҷтимоии аҳолии маҳал.

Ҳадафи асосии *ҷалби номзадҳо ба корхона* ин ташкил намудани захираи эҳтиётии онҳо ба ҷойҳои корӣ бо назардошти тағйиротҳои ташкилӣ ё кадрӣ дар мисолҳои оянда, ба нафақа баромадани баъзе кормандон, хотима ёфтани мӯҳлати шартномаҳои меҳнатӣ, афзудани сатҳи автоматикунонӣ ва механикакунонии ҷараёнҳои истеҳсолот, дигаргун шудани самти фаъолияти хоҷагӣ ва ғайра мебошад.

Манбаҳои зиёди дохилӣ ва берунии ҷалби кормандон ба ҷойҳои корӣ мавҷуданд, ки онҳоро ҳамаҷониба аниқу баррасӣ кардан аҳамияти амалӣ дорад.

Манбаҳои дохилӣ – ин кормандони худи корхона ё ташкилот ба шумор меравanд. Дар мамолики хориҷӣ, масалан, Ҷопон, ҳангоми пайдо гаштани ҷои холии корӣ одатан пеш аз ҳама дар байни кормандони корхона озмун эълон мекунанд. Танҳо дар ҳолати натиҷаҳои манфӣ, ба озмун мутахассисон аз берун ҷалб карда мешаванд. Чунин амал муҳити иҷтимоии дохилиро беҳтар месозад ва вафодории кормандонро нисбати корхонаи хеш қавитар мегардонад.

Усулҳои гуногуни ҷалби манбаъҳои дохилӣ ба ҷойҳои холии корӣ, ба монанди озмуни дохилӣ ва якҷоянамоии касбҳо ё вазифаҳо мавҷуданд.

Ба манбаҳои берунии ҷалби кормандон ба корхона марказҳои шуғл, агентии кадрҳо, ҷустуҷӯи мустақил, тавассути васоити ахбори умум ва ғайра шомиланд.

Раванди *интихоб ва ба кор қабул кардани кадрҳо* дар корхонаҳо одатан зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

- сӯҳбати пешакӣ бо номзад;
- пур кардани пурсишнома;
- гузаронидани санҷишҳои махсус ва ҳатмии тестӣ;
- талаб кардани тавсияҳо ва таҳлили одилонаи онҳо;
- азназаргузаронии тиббӣ;
- қабул ба кор ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз рӯи ҷадвали мансабии корхона.

Яке аз чорабиниҳои муҳими интихоб ва ба кор қабул кардани кадрҳо ин гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаи кории холӣ мебошад, ки он имконият медиҳад то ба корхона мутахассисону коргарони ҳақиқатан баландихтисос, кордон ва меҳнатдӯсту поквиҷдон ҷалб карда шаванд.

Пас аз ба кор қабул намудани кадрҳо марҳилаи мутобиқшавии онҳо бо ҷои кор ва шароити меҳнат дар корхона оғоз мегардад, ки он вобаста ба дониш, қобилият ва маҳорати кормандон одатан аз ду моҳ то як солу шаш моҳро дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои муҳим ин *баҳо додан ба натиҷаҳои кори кормандон ва аттестатсияи онҳо* ҳисоб меёбад. Дар натиҷаи гузаронидани чунин чорабиниҳо аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳою ӯҳдадориҳои худ ва ба талаботи корхона ҷавоб дода тавонистани кормандон муайян карда мешавад.

Вазифаи дигаре, ки дар раванди идоракунии кормандон нақши назаррас дорад ва ба рушди фаъолияти хоҷагии корхона таъсири бевосита мерасонад, ин коркарди барномаи *ҳавасмандгардонии меҳнат* мебошад, ки он шакли моддӣ ва маънавиро ба худ муттаҳид месозад.

Ба зарурати *омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо* омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- ҷорӣ намудани техника ва технологияи муосир, истеҳсоли моли нав, тараққии имконоти иртиботӣ ва ғайра;
- босуръат боло рафтани сатҳи рақобати бозорӣ;

- омӯзонидани кадрҳои дохилӣ нисбати аз берун ҷалб кардани чунин мутахассисон хароҷоти камтарро талаб мекунад.

Самтҳои асоии ташкили меҳнат дар корхонаҳои савдоро чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 1.9.).




Расми 1.9. - Самтҳои асосии ташкили меҳнат дар корхонаҳои савдои чакана (таҳияи муаллиф)

Ҳамин тавр, барои таҳия ва асоснок намудани сиёсати кадрҳо зарур аст, ки дар раванди ҷалб намудан, интихоб, ҷобаҷогузорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва бозомӯзии кормандон ба усулу воситаҳои хос ва ҳозиразамон такя намоянд.

# ХУЛОСАИ БОБИ 1

Дар боби якуми диссертатсия моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори хизматрасониҳои тиҷоратӣ баррасӣ гаштааст ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана дар шароити муосир муайян шудаанд.

Дар диссертатсия нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир мушаххас гардонида шудааст. Таъкид гардидааст, ки нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана дар шароити муосир дар самти таъмини аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ боз ҳам боло меравад. Алҳол дар бозори ҷаҳонии савдои чакана тамоюлҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди сабз вобастагӣ доранд. Равандҳои зикршуда ба савдои чакана низ таъсири худро мерасонанд. Бинобар ин дар диссертатсия диққати махсус ба рушди савдои чакана дар шароити зуҳуроти номбаршуда равона шудааает.

Таҳлили таърифҳои гуногуни мафҳуми савдо ба мо имкон дод, ки онро ҳамчун фаъолияти махсус оид ба расонидани неъматҳои моддӣ аз зинаи истеҳсолот то истеъмолгарони ниҳоӣ бо роҳи хариду фурӯши онҳо бо мақсади таъмини тақозои пардохтпазири харидорон ва гирифтани фоида таъриф диҳем.

Дар диссертатсия савдо аз рӯи мазмун ва таъиноти вазифавии худ ҳамчун соҳаи мустақили иқтисоди Бозорӣ, намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ ва шакли муомилоти молу меҳнати ҷамъиятӣ баррасӣ шудааст.

Зернизоми чаканаи савдои дохилӣ дар шароити имрӯза қариб 90 %-и гардиши моли ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва низоми мураккабе дар доираи муҳити иқтисодиву иҷтимоии зудтағйирёбандаи бозорӣ мебошад. Ҳиссаи он ҳамчун бахши махсуси иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли ММД-и ҷумҳурӣ дар соли 2021 12,4 %-ро ташкил дод. Дар шароити муосир ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар

соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ тадриҷан зиёд гашта, тибқи омори расмӣ алҳол беш аз 6,3 %-и шумораи аҳолии фаъоли иқтисодиро ташкил медиҳад.

Ба андешаи муаллиф, аз нуқтаи назари фаъолияти амалӣ мувофиқи мақсад аст, ки омилҳои асосии ба рушди савдои чакана таъсиррасон дар шароити амали механизмҳои бозорӣ ва рақобати шадид дар бозори истеъмолӣ муайян карда шавад. Бо ин мақсад, дар ҷараёни таҳқиқот омилҳое муайян карда шуданд, ки ба рушди устувори савдои чакана таъсир мерасонанд.

Дар диссертатсия исбот шудааст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди савдои чакана – ин таъмини рушди он бо кадрҳои зина ва категорияҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар рисола ба ин масъала диққати махсус равона шудааст ва он меҳвари асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти дар ин самт мо муайян гардид, ки умуман меҳнат дар соҳаи савдои чакана хусусиятҳои хосро доро мебошад ва раванди ташаккули иқтидори кадрӣ низ дар шароити муосир тағйир ёфтааст.

Муайян карда шуд, ки ҳамаи равандҳои меҳнатие, ки кормандони корхонаҳои савдо иҷро мекунанд, вобаста ба моҳият ва мазмуни худ ба ду намуд тақсим мешаванд: вобаста ба ивази шакли арзиши мол; вобаста ба идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот.

Ҳамин тавр, раванди меҳнат дар корхонаҳои савдо бо хусусиятҳои дуҷониба доштан, идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот алоқаманд будан, якранг ва айни замон фишори зиёди асабӣ ва ҷисмонӣ доштан, таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ ва шиддатнокӣ ба он ва натиҷаи ниҳоии меҳнат на маҳсулот, балки хизматрасонӣ будан тавсиф дода мешавад.

Дар диссертатсия ҳамчунин таснифи кадрҳои савдои чакана дар шароити муосир аз рӯйи 8 нишондиҳанда амалӣ карда шудааст. Ба андешаи мо, яке аз муҳимтарин нишона ин таснифи кормандони савдои чакана аз рӯйи нишондиҳандаи категорияи кадрҳо ба ҳисоб меравад, ки мутобиқи он кадрҳои савдои чаканаро ба кормандони зинаи идоракунӣ, кормандони савдою оперативӣ (хизматрасон) ва кормандони ёрирасон.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАЪМИНИ КАДРИИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА

## 2.1. Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи муосири рушди савдои чаканаи ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои хоси онро бо дарназардошти рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин соҳа муқаррар гардидаанд.

Таҳлили вазъъи муосир ва тағйирёбии рушди савдои чакана асосан бо тағйирёбии ҳаҷм, сохтор ва суръати афзоиши гардиши чаканаи молҳо дар маҷмӯъ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, фурӯши миёнаи молҳо ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи муайян, инчунин баланд бардоштани сатҳи қонеъгардонии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ дар муқоиса бо меъёрҳои илмии муқарраргардида ва истифодаи оқилонаи онҳо тавсиф карда мешавад.

Ҳамзамон, гардиши чаканаи молҳо ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ, ки фаъолияти тиҷоратии корхонаҳоро тавсиф мекунад, на танҳо тамоюли фурӯши умумии молҳоро ба аҳолӣ тавассути тамоми роҳҳои фурӯш, балки вазъи кунунии иқтисодиёти миллӣ, тағйирёбии даромади пулии аҳолӣ, таваррум, сатҳи инкишофи бозори дохилии молҳои истеъмолӣ, конъюктура ва иқтидори онро ифода мекунад.

Рушди савдои чакана ҳамчун сатҳи ниҳоӣ дар муносибатҳои моливу пулӣ бояд аз нуқтаи назари хусусиятҳои макроиқтисодӣ, ба монанди бехатарии захираҳо, самаранокӣ ва суботи молиявӣ ва иқтисодӣ, қобилияти рушди минбаъда, сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, хароҷоти хонавода ва ғайра баррасӣ ва баҳогузорӣ карда шавад. Ин равиш ба мо имконият медиҳад, ки ҳолат ва тамоюлҳои рушди савдои чакана мунтазам тавсиф карда шаванд, зеро он бо назардошти мавҷудияти иқтидори захираҳо, мувозинат ва устувории

рушд бо тағйири нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи самаранокии макроиқтисодии ҳоҷагӣ ва инчунин заминаҳои афзоиши ҳаҷми савдои чакана ба назар гирифта мешавад.

Дар ин асос, ҳангоми баҳодиҳии динамикаи рушди воқеии ҳаҷм, суръат ва сохтори гардиши чаканаи молҳо, истифодаи меъёрҳои муқоисавӣ ва занҷираи солонаи тағйирёбии чунин нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар зарур аст (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. – Динамикаи тағйирот дар нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо % нисбат ба солҳои гузашта)**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти кишоварзӣ | Даромади пулии аҳолӣ | Индекси нархҳои истеъмолӣ | Гардиши савдои хориҷӣ | Гардиши чаканаи молҳо |
| **2010** | 106,5 | 109,2 | 106,8 | 113,9 | 106,5 | 107,6 | 107,5 |
| **2011** | 107,4 | 105,7 | 107,9 | 108,6 | 112,5 | 115,9 | 109,1 |
| **2012** | 107,5 | 110,8 | 101,4 | 117,7 | 105,8 | 115,1 | 115,9 |
| **2013** | 107,1 | 103,8 | 107,6 | 105,4 | 105,1 | 97,1 | 118,8 |
| **2014** | 106,7 | 105,0 | 104,5 | 102,1 | 106,1 | 105,7 | 106,7 |
| **2015** | 106,0 | 111,3 | 103,2 | 101,7 | 105,8 | 82,0 | 105,6 |
| **2016** | 106,9 | 106,0 | 105,2 | 107,2 | 105,9 | 90,8 | 106,0 |
| **2017** | 107,1 | 121,3 | 106,8 | 101,6 | 107,3 | 101,3 | 106,3 |
| **2018** | 107,6 | 110,6 | 104,0 | 110,3 | 103,8 | 106,3 | 107,4 |
| **2019** | 107,4 | 113,2 | 107,1 | 116,8 | 107,9 | 107,1 | 112,0 |
| **2020** | 104,4 | 108,8 | 108,8 | 136,2 | 108,6 | 100,8 | 97,9 |
| **2021** | 109,2 | 12,8 | 12,8 | 123,2 | 108,0 | 139,5 | 113,0 |

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1. ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2021 суръати солонаи афзоиши нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ - маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ, маҷмӯи даромади пулии аҳолӣ, индекси умумии нархҳои истеъмолӣ, арзишҳои содиротӣ ва воридотӣ дар маҷмӯъ ҳаҷми гардиши савдои чаканаи кишвар аз тамоми манбаъҳои ташаккул ва рушди онҳо тағйиротҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд.

Аз натиҷаҳои гирифташуда маълум аст, ки сатҳи таваррум ба динамикаи тағйирёбии гардиши чаканаи молҳо таъсири назаррас расонидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи аввали гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон бо як қатор сабабҳо коҳиши якбораи ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, баландшавии сатҳи таваррум аз ҳисоби афзоиш ва сатҳи умумии нархи чаканаи молҳои истеъмолӣ ба назар мерасид. Ҳамзамон, сатҳи пасти даромади пулии аҳолӣ ва афзоиши бекорӣ ва ғайра дида мешуд.

Ба мушкилот ва монеаҳои мавҷуда нигоҳ накарда, дар роҳи рушди соҳаи савдо ҳамчун соҳаи ҳассоси иҷтимоӣ, таҳаввулоти бозорӣ оғоз ёфт. Дар натиҷаи гузаронидани сиёсати фаъоли гузариш ба иқтисоди бозорӣ, субъектҳои савдои чакана, ки ба принсипҳои хоҷагидории бозорӣ такя мекарданд, нисбатан озод шуданд. Ин ба шарофати хусусигардонии аввалияи корхонаҳои давлатӣ дар соҳаи савдо имконпазир гардид.

Дар айни замон, натиҷаҳои бадастомадаи иҷтимоию иқтисодиро, ки дар тағйироти низоми мутаммаркази молтақсимкунӣ, ташаккули шаклҳои куллан нави моликият дар савдо, ташаккули категорияҳои нисбатан манфиатдори аҳолӣ дар шакли соҳибкорони инфиродӣ, ки бо ташаббус ва воситаҳои худашон чораҳои муассирро барои пур кардани бозори молҳои истеъмолӣ ва рушди фаъолияти савдо зоҳир мекунанд, баҳо додан мумкин аст.

Агар қабл аз оғози таҳаввулоти бозорӣ дар ҷумҳурӣ, молҳои истеъмолӣ ба аҳолӣ танҳо аз ҷониби якчанд ташкилотҳои тиҷоратии давлатӣ ва кооператсияи матлубот фурӯхта мешуданд, пас дар айни замон ин вазифаи муҳимро корхонаҳои савдои чаканаи моликияташон хусусӣ, кооперативӣ, коллективӣ ва дигар шаклҳои моликият, асосан ин амал аз ҷониби субъектҳои бахши хусусии савдо, ки ҳиссаи онҳо дар муомилоти савдои чакана тамоюли афзоиш дорад, амалӣ карда мешаванд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки бозори истеъмолии шаҳри кишвар дар ҳамалоқамандӣ бо раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ

инкишоф ёфта, ба фаъолияти субъектҳои соҳаи савдо диққати махсус равона шуда истодааст.

Таҳлили ҳолати ҷорӣ ва тамоюлҳои рушди савдои чакана бо ҳаҷм, сохтор ва суръати тағйирёбии гардиши чаканаи молҳо, фурӯши миёнаи он ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин дараҷаи қонеъгардонии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқворӣ тавсиф карда мешавад (ҷадвали 2.2.).

**Ҷадвали 2.2. Динамикаи ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2021, млн.сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2019 ба 2015, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол бо ҳама роҳҳои фурӯш | 22181,6 | 23512,5 | 24993,8 | 26843,3 | 30064,5 | 29433,2 | 33259,5 | 1,5 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| - бахши давлатӣ | 89,4 | 122,8 | 89,0 | 172,7 | 315,7 | 143,6 | 235,4 | 2,6 |
| - бахши ғайридавлатӣ | 22092,2 | 23389,7 | 24904,8 | 26670,6 | 29748,8 | 29289,6 | 33024,1 | 1,5 |
| *аз ин:* | | | | | | | | |
| - савдои тиҷоратӣ | 4975,9 | 5329,2 | 6592,2 | 8675,3 | 10072,0 | 10303,7 | 13363,9 | 2,7 |
| - савдои кооперативии «Тоҷикматлубот» | 100,8 | 16,6 | 3,1 | 1,7 | 0,6 | 0,3 | 0,3 | - |
| - бозорҳо ва дигар сохторҳои тиҷоратӣ | 17015,5 | 18043,9 | 18309,5 | 17993,6 | 19676,2 | 18985,6 | 19659,9 | 1,15 |

**Манбаъ:** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 342.*

Мувофиқи маълумотҳои овардашуда дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2015 ҳаҷми гардиши савдои чаканаи шаҳри ҷумҳурӣ хислати устуворро соҳиб гардид ва дар нархҳои муқоисавӣ то 1,5 маротиба афзуд.

Натиҷаҳои ба даст оварда нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ афзоиши ҳаҷми умумии гардиши чаканаи молҳо, ба истисноИ савдои кооперативии Тоҷикматлубот мушоҳида карда мешавад. Ҳамзамон, ҳаҷми умумии гардиши чаканаи молҳо ҳамчун нишондиҳандаи мутлақи рушди фаъолияти савдо, марҳилаи интиҳоӣ ва ниҳоии ҳаракати молҳо аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ба доираи истеъмолоти шахсӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, таносуб ва саҳми воқеии гардиши моли чаканаро арзёбӣ намудан ба маврид аст. Нишондиҳандаҳои савдои чакана дар ВМКБ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо дар нисбати соли 2010 ба миқдори 137,3 млн сомонӣ ва дар ҳамин давра 5,26 маротиба тағийр кардааст. Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки сектори давлатӣ ва савдои кооперативии "Тоҷикматлубот" ҳиссаи худро комилан аз даст додааст. Танҳо сектори ғайридавлатӣ ва бозори номуташаккил тамоюли рушдро касб кардааст. Мавриди зикр аст, ки ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдои ВМКБ, нисбати ҳаҷми умумии гардиши моли чаканаи ҳамаи соҳаҳои савдои ҷумҳурӣ дар соли 2021 ба 1,12% баробар аст. Муаммову мушкилот асосан дар мақсаднок истифода нагадидани иқтидори кадрӣ ва захираҳои меҳнатӣ зоҳир мешавад.

Андозаи гардиши чаканаи молҳо тавассути ҳама роҳҳои фурӯш яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои муайян намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Гардиши чакана на танҳо дигаргуниҳое, ки дар равандҳои иқтисодиву ичтимоӣ дар миқёси кишвар рух медиҳанд, инъикос менамояд, балки бо вазъи молиявии кишвар ва минтақаҳо бо иҷрои даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва гардиши пул зич алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки маълумоте, ки омори расмӣ дар даҳсолаи охир нашр кардааст, вазъи воқеии бозори истеъмолиро комилан инъикос намекунад. Ҳамин тавр, дар солҳои охир шумораи зиёди дӯконҳо, хаймаҳо, киоскҳо пайдо шуданд, ки дар мақомоти дахлдори давлатӣ ба қайд гирифта нашудаанд ва ҳисоботи омории дахлдорро ба мақомоти давлатӣ пешниҳод намекунанд.

Ба ақидаи мо рушди савдои чаканаи молҳо то андозае бо сабаби таъсири манфии чунин омилҳо ба монанди: нарасидани воситаҳои сармояи гардони худӣ, меъёрҳои баланди андоз ва баъзе мушкилотҳо дар бақайдгирии корхонаҳои нав, сатҳи баланди маблағи иҷора ва пардохтҳои фоизӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ барои гирифтани қарзҳо, норасоии истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ,

қобилияти пасти харидории аҳолӣ, сатҳи пасти таҷҳизоти техникии корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ дида мешуд.

Таҳлил нишон дод, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат дар шароити муосир дар соҳаи савдои чаканаи шаҳр мушкилоту проблемаҳо ҷой доранд, ки ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ба харидорон таъсири манфӣ мерасонад. Ба қатори мушкилоти ҳалталаб механизми номукаммали рушди инфрасохтори савдои чакана, салоҳияти касбии нисбатан пасти кормандон, андозаи пасти музди меҳнати кормандони савдо дар фарқият нисбати дигар соҳаҳо, масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, фарқияти бештар дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана; фоизи баланди аз кор рафтани кормандони савдои чакана, ноустувории ҷойи кории онҳо, нуфузи пасти касби корманди савдо дар ҷомеа ва ғайра шомил шудаанд.

Дар шароити ташаккули модели бозаргонии иҷтимоии нигаронидашудаи хоҷагидорӣ, заминаи моддию техникии савдои чакана бояд тавре рушд ёбад, ки шароити зарурии рушди гардиши чакана мутобиқи талаботи қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва ҳадафҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо мусоидат намояд.

Қисми асосии заминаи моддию техникии савдои чаканаро шабакаи савдои чакана ташкил медиҳад, ки маҷмӯи корхонаҳои савдои чакана ва дигар ҷузъҳои савдо дар қаламрави муайян бо мақсади хизматрасонӣ ба харидорон мебошанд.

Дар чунин шароит, вазифаҳои асосии шабакаи савдои чакана аз он иборатанд, ки аз таҳвилгарон молҳоро харидорӣ намоянд, ташкили самараноки кашонидани молҳоро таъмин кунанд, низоми қабул ва нигоҳдории молҳо такмил диҳанд, ба навъҳо ҷудо намудан ва омода кардани молҳо барои фурӯш, бо маълумоти зарурӣ таъмин намудани иштирокчиёни бозор, гирифтани маълумот дар бораи вазъ ва имкониятҳои фурӯши молҳо ба аҳолӣ

ва таъмин намудани харидорони яклухт ба молҳо ва барои қонеъгардонии талаботи аксари аҳолӣ ба мол ва хизматрасонӣ ва ғайра баррасӣ намоянд.

Шумораи зарурии шабакаи савдои чакана набояд аз рӯи гардиш ва номгӯи молҳои фурӯхташуда, балки пеш аз ҳама аз рӯи эҳтиёҷоти аҳолӣ муайян карда шаванд. Дар оянда афзоиши таъмини аҳолӣ ба шабакаи савдо бояд бо суръати тезтар аз ҳисоби васеъ гардидани манбаъҳои маблағгузории рушди шабакаи чакана (корхонаҳои саноатӣ, муштарак, коллективӣ, хусусӣ ва хориҷӣ) сурат гирад. Таъмин набудани аҳолии ҷумҳурӣ бо шабакаи савдо ва масоҳати фурӯш асосан бо ду сабаб вобаста аст:

1. Дар тӯли солҳои таҳаввулоти иқтисодӣ бисёр корхонаҳои савдое, ки хусусӣ гардонида шудаанд, вобаста ба зарурияти ба амал омада фаъолияти худро дигар намуданд, ки ин ба камшавии масоҳати фурӯш ва номгӯйи зарурии молҳои истеъмолӣ оварда расонид.

2. Даромади нокифояи аксарияти аҳолӣ онҳоро водор сохт, ки молҳоро дар бозорҳои либоса ва озуқаворӣ бо нархи нисбатан арзон харидорӣ намоянд, ҳарчанд сифати онҳо ба талабот ҷавобгӯ набошад ҳам.

Фурӯши молҳо дар бозорҳои озуқаворӣ ва либоса бо нархҳои озод амалӣ карда мешаванд. Тартиби фаъолияти бозор барои соҳибкорон тибқи шартномаи иҷора бо андозаи пардохт барои ҷой ва хизматрасониҳо аз ҷониби маъмурияти бозор муайян карда мешавад.

Муайян карда шудааст, ки маҳсулоти хӯроквторӣ бояд танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сифат, яъне сертификати мутобиқат фурӯхта шаванд. Назорати сифат тавассути лабораторияи экспертизаи байторӣ ва санитарӣ ташкил карда мешавад. Ҳама савдогарони бозорҳо барои вайрон кардани қоидаҳои савдо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Таҳлили вазъи заминаи моддию техникии бозорҳои озуқаворӣ ва омехта нишон дод, ки ба ҳар як савдогари хусусӣ танҳо 2-4 метри мураббаъ масоҳати фурӯш рост меояд. Бисёрии онҳо анборҳо барои нигоҳдории мол надоранд, ки

Модели либералӣ, ки ба дахолати ками давлатӣ асос ёфтааст, дорои чунин хусусиятҳои хос: кам шудани шумораи корхонаву ташкилотҳои давлатӣ, либерализми субъектҳои савдои чакана ва иштироки ҳадди ақали давлат барои расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ мебошад. Нақши давлат бояд бо пеш бурдани сиёсати иқтисодии дахолат накардан ва таҳияи заминаи қонунии фаъолияти онҳо маҳдуд карда шавад. Ин равишро мактаби классикии англис пешниҳод кардааст(А. Смит, Д. Рикардо, Д. Милл). Аслан танзим характери иқтисодӣ дошта, бо равандҳои макроиқтисодӣ маҳдуд аст. Ин модел барои давлатҳои ИМА, Британияи Кабир, Фаронса хос аст.

Модели ба иҷтимоиёт нигаронидашуда бо дараҷаи назарраси танзими давлатии иқтисодиёт фарқ мекунад, ки дараҷаи танзими давлатӣ дар бозор баланд аст; равандҳои макроиқтисодӣ ва самтҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкориро бевосита давлат танзим менамояд; сиёсати давлатӣ барои тақозои аҳолиро ба манзил, маорифу  фарҳанг, соҳаи тандурустӣ қонеъ намудан ва инчунин ба ҷои кор таъмин кардани аҳолӣ равона гардидааст.

Сиёсати фаъоли дастгирии давлатии савдои чакана дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз соли 1953 оғоз ёфтааст. Соли 1958 Барномаи «Сармоягузории ширкатҳои бизнеси хурд» қабул карда шуд. Он барои «ҳавасмандгардонӣ ва такмили сармояи хусусӣ ва ҷараёни дарозмуддати

захираҳо, фаъолияти тиҷоратӣ, рушд, васеъшавӣ ва навсозии онҳо таҳия шудааст»[10].

Бонки сармоягузории Аврупо соли 1958 мутобиқи шартномаи Рим оид ба таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Аврупо таъсис дода шудааст ва яке аз афзалиятҳои бонк дастгирии соҳибкории хурд ва миёна мебошад, ки бештари онҳо ба фаъолияти савдо машғул буданд. Дар дигар давлатҳои Аврупо дар солҳои 60-70 асри XX инчунин сиёсати фаъол дар бахши корхонаҳои хурду миёна вуҷуд дошт.

Марҳилаи сеюми муосир, рушди савдои чакана ва низоми дастгирии он бо таъмини рушди устувори на танҳо иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ, балки аз ҷумла бахши корхонаҳои  хурду миёна алоқаманд аст. Рушди соҳибкории хурду миёнаи инноватсионӣ дар шароити муосир аҳамияти калон дорад.

Таҷрибаи Россия нишон медиҳад, ки шумораи зиёди интишорот ба мавзӯи интихоби модели дастгирии давлатии савдои чакана бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба табиати амалии истифода диққат медиҳанд. Асосан, муаллифон диаграммаҳои гуногуни графикиро пешниҳод мекунанд, ки унсурҳои асосии низом, мавҷудияти пайвандҳо, иерархияи байни онҳо ва натиҷаҳои дилхоҳро ҷамъбаст мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асари олимони рус Н.Б. Завялова, О. В. Сагинова ва дигарон мартабабандии барномаҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи савдо ба таври схемавӣ нишон дода шудаанд: барномаҳои федералӣ, минтақавӣ ва шаҳрӣ[11].

Натиҷаи барномаҳои пешниҳодшуда ба васеъшавии имкониятҳои тиҷоратӣ, дастгирии молиявӣ ва амволии субъектҳои савдои чакана, омӯзиш ва додани машварат барои соҳибкорон, беҳтар намудани фазои савдои чакана ва дастгирии иттилоотӣ оварда мерасонад. Барномаҳои мазкур ба муҳимтарин

---

[10]Экономическая комиссия ООН для Европы [Электронный ресурс]. URL: http://www.unece.org
[11]Завьялова Н.Б., Сагинова О.В., Сидорчук Р.Р., Скоробогатых И.И. Уровень государственной поддержки малого бизнеса с точки зрения ее получателей // Маркетинг и маркетинговые исследования. 2013. № 2 (104). С. 82–93.

василаҳои ташкилию ҳуқуқии низоми дастгирии давлатии савдои чакана, дар маҷмӯъ ба мақсадҳои пешбинишуда равона карда шудаанд.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки тақрибан дар ҳама кишварҳо ташкилотҳои махсуси дастгирии субъектҳои савдои чакана таъсис дода шудаанд ва барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии савдои чакана амал мекунанд.

Ба усулҳои асосии татбиқшавандаи дастгирии давлатии субъектҳои савдои чакана усулҳои мақсаднок дохил мешаванд, ки барои ба он ҳадафҳо ноил шудан давраи муайяни вақт зарур мебошад. Аз инҳо, ду усули калидиро ҷудо кардан мумкин аст:

- усули барномавӣ- мақсаднок интихоби чораҳо оид ба рушди намудҳои фаъолияти субъектҳои савдои чакана, соҳаҳо ва ҳудудҳои маъмуриро дар бар мегирад, ки ба маҷмӯи мувофиқи воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ дар давраи муайян мувофиқат мекунанд;

- усули лоиҳавӣ- мақсаднок мутобиқи ҳадафи муайяншудаи рушди савдои чакана, дастгирии давлатии лоиҳаҳои соҳибкориро (бизнес- нақшаҳоро) муайян мекунад.

Дар тӯли солҳои зиёд, усули барномавӣ-мақсаднокро як қатор кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили Канада, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Австрия, Олмон, Фаронса, Финляндия, ИМА ва кишварҳои ИДМ истифода мебурданд.

Таърихан, шароитҳои иҷтимоию иқтисодии давлатҳо, механизмҳо ва шаклҳои воситаҳои(инструментҳои) барномавӣ-мақсадноки ин кишварҳоро муайян кардаанд, ки аз якдигар хеле фарқ доранд. Равиши барномавӣ-мақсаднок ба ҳукуматҳои бисёр кишварҳои мутараққӣ имкон медиҳад, ки захираҳои давлатиро дар ҳавасмандгардонии таҳқиқоти илмӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ самаранок истифода баранд[12].

[12]Стефанин А.Л. Мировой опыт применения программно-целевого подхода в научно-технической сфере // Новости науки и технологий. – Мн.: ГУ «БелИСА». 2008. № 3(9).

Муваффақиятҳои иқтисодиёти Чин дар охири асри 20 яке аз рӯйдодҳои асосии таърихи иқтисоди ҷаҳонӣ гардиданд. Дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи истеҳсолот, истифодаи қарзҳои хориҷӣ, васеъшавии савдои хориҷӣ) бо сабаби ба сиёсати кушод гузаштани иқтисоди Чин як қатор мушкилот ҳалли худро ёфтанд. Гузариши ба тадриҷ аз идоракунии мустақими маъмурӣ-директивӣ ба танзими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, асосан бо усулҳои иқтисодӣ, дар Ҷумҳурии халқии Чин самти асосии ғайриинҳисорикунонӣ ва ғайримарказикунонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ гардид.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосир ва тамоюли таъмини кадрии савдои чакана мавриди таҳлил қарор дода шуда, арзёбии таъсири омилҳо ба низоми идоракунии кадрҳои савдои чакана дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ амалӣ гаштааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи муосири рушди савдои чаканаи ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои хоси онро бо дарназардошти рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин соҳа муқаррар гардидаанд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки бозори истеъмолии шаҳри кишвар дар ҳамалоқамандӣ бо равандиислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ инкишоф ёфта, ба фаъолияти субъектҳои соҳаи савдо диққати махсус равона шуда истодааст.

Мувофиқи маълумотҳои овардашуда дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2015 ҳаҷми гардиши савдои чаканаи шаҳри ҷумҳурӣ хислати устуворро соҳиб гардид ва дар нархҳои муқоисавӣ то 1,5 маротиба афзуд.

Таҳлил нишон дод, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат дар шароити муосир дар соҳаи савдои чаканаи шаҳр мушкилоту проблемаҳо ҷой доранд, ки ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ба харидорон таъсири манфӣ мерасонад. Ба қатори мушкилоти ҳалталаб механизми номукаммали рушди инфрасохтори

савдои чакана, салоҳияти касбии нисбатан пасти кормандон, андозаи пасти музди меҳнати кормандони савдо дар фарқият нисбати дигар соҳаҳо, масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, фарқияти бештар дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана; фоизи баланди аз кор рафтани кормандони савдои чакана, ноустувории ҷойи кории онҳо, нуфузи пасти касби корманди савдо дар ҷомеа ва ғайра шомил шудаанд

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб – ин андозаи музди меҳнати кормандони савдо мебошад, ки дар фарқият нисбати дигар соҳаҳо камтар аст (ҷадвали 2).

Махсусан бояд қайд кард, ки дар бозори савдои чаканаи ҷумҳурӣ дар самти таъмини кадрии он мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёд аст. Дар ин робита махсусан масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, ки бевосита ба истеъмолгарон хизмат мерасонанд, қайд кардан мумкин аст. Таҳлили пурсиши коршиносони соҳа имкон дод, ки чунин хулоса бароварда шавад, ки сатҳи салоҳияти касбии ин категорияи кормандон дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Ҳамчунин фарқияти хеле зиёд дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана ба назар мерасад.

Мушкилоти дигар ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани низоми тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои категорияи миёна барои савдои чакана ба ҳисоб меравад, ки дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи маълумоти оморӣ  дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 161 нафар корманди соҳаи савдо аз такмили ихтисос гузаштааст, ки ин нишондиҳанда воқеан нигароникунанда мебошад. Ҳол он ки тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ корманди савдо бояд дар 3 сол як маротиба аз ҳисоби маблағҳои кордиҳанда аз такмили ихтиос гузарад.

Омилҳои номбаршуда боис гаштанд, ки дар соҳаи савдо фоизи аз кор рафтани кормандон хеле баланд аст, ки устувории ҷойи кор таъмин намегардад.

Дар диссертатсия дар асоси пурсишномаи роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва коршиносони соҳа ҳамчунин омилҳои ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таъсиррасон ошкор гардидаанд. Ба таври анъанавӣ ҳамаи омилҳо ба омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Ба қатори омилҳои берунӣ сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва минтақаи алоҳида, вазъи бозори меҳнат, заминаи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодию меҳнатӣ, сифати низоми маориф ва зинаҳои он, вазъи демографӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи омилҳои муҳити дохилӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии корхона, услуби дар корхона истифодашавандаи роҳбарӣ, фарҳанги дохилиташкилотӣ, сатҳи самаранокии низоми идоракунии кормандон, шароити меҳнат, муҷаҳҳазгардонии техникии ҷойҳои корӣ, сифатҳои шахсии корманди мушаххас дохил мешаванд.

Дар таҳқиқот ҳамчунин таҷрибаи хориҷии рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини кадрии савдои чакана мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва оид ба истифодаи таҷрибаи пешқадам дар амали хоҷагидории субъектҳои савдои чаканаи ҷумҳурӣ тавсияҳо асоснок гардидаанд.

# БОБИ 3. ДУРНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ ТАЪМИНИ КАДРИИ САВДОИ ЧАКАНА

## 3.1. Самтҳои асосии рушди савдои чакана ва таъмини кадрҳои он

Дар шароити амали модели ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи иқтисодиёти бозорӣ аҳамият ва мубрамияти махсусро рушди стратегӣ ва такмили савдои чаканаи молҳои истеъмолӣ соҳиб мешавад. Дар чунин шароит субъектҳои савдои чакана ба шаклҳои гуногуни моликият (хусусӣ, давлатӣ, омехта, кооперативӣ ва ғайраҳо) асос ёфта, бо роҳи иҷрои вазифаҳо оид ба фурӯши мол ва хизматрасонии савдо бевосита дар ҳалли вазифаҳои масъули қонеъгардонии тақозои пардохтпазири аҳолӣ ва бемайлон баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии онҳо иштирок менамоянд.

Дар баробари ин, таҳқиқоти аз ҷониби мо гузаронидашуда нисбати ҳолати воқеии рушди савдои чаканаи Тоҷикистон маълум намуд, ки новобаста аз зуҳуроти мусбат инкишофи он аз талаботи афзоишёбанда ақиб мондааст, ки чунин сабабҳоро дорад:

- номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи савдо;
- ҳиссаи бузури маҳсулоти воридотӣ дар сохтори гардиши савдои чакана, ки ба амнияти озуқаворении ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад;
- суръати нобаробари рушди савдои чакана аз рӯи нишонаҳои минтақавии бозори истеъмолӣ ва таъминоти нисбатан пасти хизматрасониҳои савдои чакана дар деҳоти ҷумҳурӣ;
- дастрасии маҳдуд ба хизматрасонии савдои чакана, рушди нокифояи савдои чаканаи иҷтимоӣ, ки ба қонеъ гардонидани тақозои аҳолии камбизоат ва осебпазир ба молҳои талаботи ҳаррӯза ва сифати хизматрасониҳои савдо нигаронида шудааст;
- амалан истифода нашудани механизми ҷойгирсозии оқилонаи субъектҳои савдои чакана;

- дараҷаи пасти рақобат дар байни субъектҳои савдо ва нисбатан кам будани шабакаҳои савдои чаканаи озуқавории муосир дар бозори истеъмолии молу хизматрасонӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити муосир дар бахши савдои ҷумҳурӣ номувозинатӣ байни савдои чакана ва яклухт дар ташкили идоракунии самараноки раванди ҳаракати мол ва нигоҳдории захираҳои молӣ мавҷуд аст. Вазъи мавҷударо дар бозори молҳои истеъмолӣ афзоиши миқдори миёнаравҳо душвортар карда истодааст, ки онҳо дар раванди фурӯши мол одатан бенизом иштирок менамоянд ва сабаби асосии баландшавии беасоси нархҳои чакана мегарданд.

Дар бозори истеъмолии дохилӣ низоми то андозае ғайрисамараноки идоракунии сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ боқӣ мондааст, ки дар натиҷаи он ба бозори истеъмолӣ молҳои бесифат ва ҳатто барои саломатии истеъмолгарон хавфнок ворид мешаванд.

Новобаста ба он, ки соли 2013 бори аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» қабул гардид, дар татбиқи амалии он мушкилоти муайян ҷой дорад. Қонуни мазкур барои таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳо ва стандартҳо дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишии аҳолӣ бояд заминаи муҳим бошад. Аммо то ҳол аз сабаби номукаммалии заминаи ҳуқуқию меъёрӣ дар савдои чакана мушкилоти ҳалнашуда мавҷуданд. То ба ҳол мушкилот дар соҳаи омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо барои савдо, дар таъминоти меъёрӣ ва рушди шаклҳои муосири савдо, тараққиёти савдои электронӣ, тартиби хизматрасонии кишрҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон ва ғайраҳо ҷой доранд.

Яке аз омили боздорандаи рушди босуръати савдои чакана ва таъмини сифати хизматрасонии савдои аҳолӣ ин таъминоти нисбатан кам бо шабакаҳои савдои чакана ва муҷаҳҳазгардонии сусти техникии онҳо мебошад. Махсусан ақибмонӣ дар рушди нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти савдо аз сатҳи кишварҳои хориҷӣ дар низоми омодакунии мутахассисони соҳаи савдои чакана, дар дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонии равандҳои корӣ,

татбиқи таҷҳизоти муосир ва низомҳои иттилоотӣ дар равандҳои савдою технологӣ хеле назаррас аст.

Таҳлили ҳолати воқеии савдои чакана, ки аз тарафи муаллифон гузаронида шудааст, гувоҳӣ медиҳад, ки дар савдои чакана объектҳои инфрасохтори бозори истеъмолӣ, аз ҷумла институтҳои мусоидат бо рушди савдои чакана, пеш аз ҳама марказҳои омодакунӣ ва бозомӯзии мутахассисони савдо, шабакаҳои маркетингӣ ва агентиҳои рекламавӣ, институтҳои сертификаткунонӣ ва менеҷменти соҳаи савдо, корхонаю ташкилоти он ва ғайраҳо рушди зарурироро соҳиб нашудаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар марҳилаи амалӣ намудани ислоҳоти бозорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ барномаи илман асосноки рушди савдои дохилӣ таҳия ва қабул карда нашудааст, ки он ба ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоӣ, ки бо қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо алоқамандӣ дорад, таъсири манфӣ мерасонад.

Ба андешаи мо, фаъолияти самаранок ва рушди бахши савдои чаканаи бозори истеъмолӣ ва такмили минбаъдаи он ба таҳияи стратегияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи дарозмуддат, масалан то соли 2030, зарурат дорад.

Дар шароити ҳозира чунин ҳуҷҷати хеле муҳим дар шакли стратегияи рушди савдои чакана, ки самтҳои афзалиятноки рушди босамари савдои молҳои истеъмолиро фарогир аст, вуҷуд надорад, ҳарчанд зарурат ба коркарди он аз нуқтаи назари назариявӣ, методологӣ ва хусусан амалӣ хеле мубрам аст. Таҳияи чунин ҳуҷҷати муҳимро барои савдои чаканаи кишвар барои дурнамои дарозмуддат бояд бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ, кормандони илмӣ, ходимони институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, донишгоҳҳои махсуси савдою иқтисодӣ, роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои савдо, ҳамчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳти роҳбарии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшидан муҳим аст.

Мо чунин меҳисобем, ки бо мақсади таъмини рушди устувори савдои чакана  бартараф кардани монеаҳои нигоҳдорандаи манфӣ тавассути коркард ва татбиқи самтҳои асосии стратегияи рушди он  дар дурнамои миёнамуддат ва дарозмӯҳлат, ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳадафи асосии стратегияи рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ барои давраи то соли 2030 бояд таҳияи механизми самараноки расонидани молҳо аз истеҳсолгарон то ба истеъмолгарон бошад, ки ба талаботи рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ мувофиқ буда, ҳамчунин такмили раванди савдои чаканаро барои пурра қонеъ гардонидани тақозои истеъмолгарон, дастгирии давлатӣ ва танзими хизматҳои аз назари иҷтимоӣ муҳим ва таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгаронро фаро гирад.

Ба андешаи мо, барои ноил шуда ба ин ҳадаф ҳалли самараноки вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

- такмили шароити иқтисодӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ барои рушди устувори савдои чакана дар бозори истеъмолӣ;
- такмили инфрасохтори ҳамаи бахшҳои бозори молҳои истеъмолӣ, аз ҷумла савдои чакана;
- фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ тавассути бартараф намудани ҳамаи монеаҳои мавҷуда (андозӣ, қарзӣ ва ғайра), ки рушди устувор ва озоди савдои чаканаро бозмедоранд;
- ташаккули низоми инклюзивии (ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи) савдои чакана, ки дастрасии нисбии нархиии мол ва хизматрасониҳоро ба табақаи камбизоат ва осебпазири аҳолӣ таъмин менамояд;
- таъмини низоми иттилоотии самараноки савдои чакана;
- амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати таъминоти бехатарӣ ва сифати молу хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;
- ҳавасмандгардонии пешниҳоди молӣ дар асоси рушди истеҳсоли молҳои ватанӣ ва таъмини таносуб дар байни молҳои дохилӣ ва воридотӣ дар бозори истеъмолии ҷумҳурӣ;

- васеъ гардонидани доираи хизматрасониҳои савдои пешниҳодшаванда, ташаккули низоми сервиси хизматрасонии кафолатӣ;
- баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ дар савдои чакана;
- ташаккули шароити мусоид барои рушди устувори соҳибкории хурд дар савдои чакана.

Ба ақидаи мо, сохтор ва мундариҷаи стратегияи рушди савдои чакана, бояд самтҳои асосии зеринро фарогир бошад:

1. Фароҳам сохтани шароит барои таъмини рақобат дар савдои чакана.
2. Рушди инфрасохтор (заминаи моддию техникӣ), ҷойгирсозии оқилонаи шабакаҳои савдо
3. Афзоиши ҳиссаи шаклҳои (форматҳои) муосири савдо.
4. Такмили низоми амалкунандаи танзими давлатии рушди савдои чакана.
5. Таҳия ва татбиқи фаъолияти инноватсионии субъектҳои савдои чакана ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.
6. Ташаккул ва рушди савдои чаканаи электронӣ ва шабакавӣ.
7. Дастгирии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар савдои чакана.
8. Ташаккули низоми самараноки омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳои савдои чакана.
9. Байналмилалшавии савдои чакана ва ҳимояи манфиатҳои бозори истеъмолии дохилӣ.
10. Ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ.
11. Таъмини сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ, андешидани тадбирҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар низоми савдои чакана.

**Самтҳои асосии рушди савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### Ҳадаф

Таҳияи механизми ба истеъмолкунандагон расонидани молҳое, ки ба талаботи рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ҷавобгӯ мебошанд, такмилдиҳии минбаъдаи раванди савдо барои қонеъ гардонидани максималии талаботи аҳолӣ, беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаҳои савдо, дастгирии давлатии хизматрасониҳои дорои аҳамияти иҷтимоии савдо, таъмини кафолати давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

### Вазифаҳои асосӣ

1. Такмили заминаи ташкилӣ ва меъёрию ҳуқуқии савдои чакана.
2. Рушди шаклҳои муосир ва такмили шаклҳои хизматрасонии савдо, бозсозии субъектҳои мавҷудаи савдои чакана.
3. Мусоидат ба таъмини бехатарии мол ва хизматрасониҳо, инчунин дастрасии нархии онҳо барои қишрҳои гуногуни аҳолӣ.
4. Мусоидат ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар савдои чакана.

### Самтҳои афзалиятноки рушд

1. Фароҳам сохтани шароит барои таъмини рақобат дар савдои чакана.
2. Рушди инфрасохтор (заминаи моддию техникӣ), ҷойгирсозии оқилонаи шабакаҳои савдо
3. Афзоиши ҳиссаи шаклҳои (форматҳои) муосири савдо.
4. Такмили низоми амалкунандаи танзими давлатии рушди савдои чакана.
5. Таҳия ва татбиқи фаъолияти инноватсионии субъектҳои савдои чакана ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.
6. Ташаккул ва рушди савдои чаканаи электронӣ ва шабакавӣ.
7. Дастгирии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар савдои чакана.
8. Ташаккули низоми самараноки омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳои савдои чакана.
9. Байналмилалшавии савдои чакана ва ҳимояи манфиатҳои бозори истеъмолии дохилӣ.
10. Ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ.
11. Таъмини сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ, андешидани тадбирҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар низоми савдои чакана.

### Принсипҳои асосӣ

- Мувофиқати самтҳои асосии стратегия бо муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ
- Бонизомии қарорҳои қабулшуда, масъулият оид ба риояи талаботи қонунгузорӣ дар ҳамаи сатҳҳои фаъолияти субъектҳои бозор
- Мутаносибӣ - фароҳам овардани шароит барои ҳимояи манфиатҳои истеҳсолгарон ва истеъмолгарон бо мақсади рушди мавзуни бозори молҳои истеъмолӣ
- Шаффофият - фароҳам овардани шароит барои таъмини шаффофӣ ва таъминоти иттилоотии сиёсати ҷорӣ

Расми 3.1. –Тарҳи пешниҳодшавандаи ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Самтҳои пешниҳодшудаи стратегия бояд пурра дар асоси маводҳо ва натиҷаҳои таҳлили маълумоти оморӣ ва ҳисоботӣ, мусоҳиба бо намояндагони савдо, коршиносон, олимон ва ҷомеаи соҳибкорӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ, инчунин ба инобат гирифтани фикру андешаҳои дигар шахсони манфиатдор таҳия карда шавад.

*1. Фароҳам сохтани шароит барои таъмини рақобат дар савдои чакана*

Масъалаи таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ омили хеле муҳими ба рушди савдои чакана ва баландбардоштани сифати хизматрасонии аҳолӣ мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини зиддиинҳисории бозор бояд дар асоси принсипи барҳамдиҳии мавқеи инҳисории субъектҳои алоҳидаи савдои чакана дар бозори истеъмолӣ ва ҳавасмандгардонии ҳаматарафаи рақобати озод дар он, таҳия ва такмил дода шавад.

Ба андешаи мо, бо мақсади роҳ надодан ба инҳисорот дар бозори истеъмолӣ ва дар ин асос, беасос баланд кардани нархҳои чакана аз тарафи корхонаҳои савдо, бояд таҳлили фаъолияти корхонаҳои савдо гузаронида шавад. Ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои маҳдудияти рақобат бояд чораҳои қатъие, ки дар қонунгузаронии зиддиинҳисории ҷумҳурӣ муайян гаштаанд, андешида шавад.

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои савдои чакана зери назорати доимии мақомоти зиддиинҳисорӣ қарор доранд. Маҳз мониторинги доимии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана ҷиҳати пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ воситаи муҳими таъмини рақобатпазирии онҳо ба ҳисоб меравад.

Таъмини сатҳи зарурии рақобат шарти асосии рушди савдои чакана дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мебошад. Дар робита ба ин, ки савдои чакана соҳаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ мебошад, тадбирҳои зиддиинҳисории самараноке, ки

ба таъмини рақобат байни корхонаҳои савдои чакана мусоидат менамояд, зарур аст.

Ташаккули шароити мусоид барои дастгирии рақобат дар савдои чакана рушди босуръати шаклҳои муосири савдоро аз ҳисоби ҷалби бошиддати субъектҳои хоҷагидорӣ ва намудҳои онро тақозо дорад.

Ба андешаи мо, барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана тадбирҳои зерин мусоидат хоҳанд кард: ҳамгироии соҳаи истеҳсолот ва савдо тавассути шабакаи корхонаҳои фирмавӣ; диверсификатсияи фаъолияти корхонаҳои савдои чакана, вақте, ки вазифаҳои асосӣ оид ба фурӯши молҳо ва хизматрасонии савдо бо дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ пурра карда мешаванд: миёнаравӣ, суғуртакунӣ, ташкили хизматрасонии таъмирӣ, марказҳои хизматрасонӣ, хизматрасонии техникии молҳо ва ғайраҳо; рушди савдо тавассути фармоишоти пешакӣ; рушди Интернет-савдо, савдои электронӣ ва мобилӣ.

*2. Рушди инфрасохтор (заминаи моддию техникӣ), ҷойгирсозии оқилонаи шабакаҳои савдо*

Шарти асосии рушди иқтисодию иҷтимоии савдои чакана бояд инкишофи инфрасохтори корхона бошад, ки он пеш аз ҳама рушди хоҷагии анборӣ, хизматрасонии логистикию нақлиётӣ, таъмини иттилоотии бозори молҳои истеъмолӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад.

Такмили инфрасохтори соҳаи савдои чакана дар шароити муосир бо чунин сабабҳо суръати наонқадар баландро соҳиб аст: нокифоягии захираҳои молиявии корхонаҳои савдои чакана, низоми ғайрисамараноки гирифтани қарз аз бонкҳои тиҷоратӣ, мавҷуд набудани ҳамоҳангӣ дар фаъолияти корхонаҳои савдо ва корхонаҳои нақлиётӣ, нарасидани биноҳо барои анбор, сатҳи баланди маблағҳои иҷора ва ғайраҳо.

Ба ақидаи мо, рушди инфрасохтори корхонаҳои савдои чакана бояд ба бартарафкунии камбудиҳои мавҷуда дар ин соҳа ва ташаккули шароити оптималӣ барои фаъолияти самараноки онҳо равона карда шавад, ки он

албатта маблағгузории мувофиқ ва сармоягузориҳо аз сарчашмаҳои гуногунро (буҷавӣ, хусусӣ, воситаҳои қарзии бонкҳо, грантҳо ва ғайраҳо) тақозо дорад.

Маълум аст, ки савдои чакана дар бозори истеъмолӣ бевосита ба манфиатҳои аҳолӣ таъсир мерасонад. Бо дар назардошти ин ҳолат, дар дурнамо рушди савдои чакана бояд таъмини таносуби оқилонаро байни шаклҳои статсионарӣ ва ғайристатсионарии фурӯши молҳоро ба назар гирад. Қайд намудан лозим аст, ки вақтҳои охир таносуб дар соҳаи фаъолияти савдо тағйирёбии мусбатро гум кардааст. Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки қисми асосии гардиши савдои чаканаи Ҷумҳурии мо дар асоси ғайристатсионарӣ ё ғайримағозавӣ, хусусан дар бозорҳои озуқаворechи гуногун татбиқ мешавад, ки ҳолати инфрасохтори аксари онҳо ба талаботи санитарию гигиенӣ, стандарт ва қоидаҳои пешбурди савдои мутамаддин ҷавобгӯ нест.

Мо чунин меҳисобем, ки дар самтҳои фазалиятноки рушди савдои чаканаи Ҷумҳурӣ, ки мо пешниҳод намудаем, бояд ҳиссаи савдои статсионарӣ дар муқоиса бо шакли ғайристатсионарии фурӯши молҳо баррасӣ гардад. Ҳамзамон дар такмили шаклҳои мағозавии фурӯши молҳо бояд на фақат бисёрнамудии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана, балки риояи принсипҳои зерин низ ба роҳ монда шавад:

- махсусгардонии корхонаҳои савдои чакана оид ба фурӯши молҳои ғайриозуқаворӣ. Махсусгардонии корхонаҳои савдои чакана ба бисёр ҷанбаҳои фаъолияти хоҷагидории савдои чакана, хусусан ба фурӯши молҳои маишӣ ва саноати сабук таъсири назаррас мерасонад;
- дар минтақаҳои марказии шаҳрҳои нисбатан калон таъсис додани корхонаҳои савдои чакана бо сатҳи баланди хизматрасонии савдо, хусусан барои харидорони хориҷӣ;
- дар ҳама шаҳрҳо ва деҳот ҷудо намудани ҷойҳои махсус барои гузаронидани ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳои мавсимӣ.

Бо дар назардошти риояи принсипҳои номбаршудаи такмил, инфрасохтори савдои чакана бояд ба таъмини шаклҳо ва усулҳои гуногуни хизматрасонии савдо равона карда шавад ва ҳамеша ба самтҳои мушаххас равона карда шавад.

Шарти муҳими раванди банақшагирии рушд ва ҷойгирсозии корхонаҳои савдои чакана бояд истифодаи якҷояи принсипҳои соҳибкории озод ва танзим аз тарафи мақомоти давлатӣ бошад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки низоми таҳия ва асосноккунии нақшаҳои дарозмуддати рушд ва ҷойгирсозии субъектҳои савдои чакана ҳамчун унсури таркибии нақшаҳои генералии рушди шаҳрҳо, ноҳияҳо ва бахшҳои деҳот такмил дода шавад.

Нақшаҳои дурнамои рушд ва ҷойгирсозии корхонаҳои савдои чакана аҳамияти калон доранд ва онҳо бояд заминаи асосӣ барои инкишофи шабакаҳои савдо, ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтмони корхонаҳои нави савдои чакана гарданд.

Гуногуннамудии корхонаҳои савдои чакана бояд аз рӯи нишондиҳандаҳои функсионалии худ дар асоси ташаккул ва рушди маҷмӯи корхонаҳо дар асоси шаклҳои гуногуни моликият таъмин карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки рушди системаи корхонаҳои савдои чакана бевосита аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои яклухтфурӯшӣ, инчунин аз ҷониби давлат раванди комилан табиӣ буда, ба фароҳам овардани муҳити пурраи фарогир дар бозори савдои чакана равона карда шудааст.

Таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки корхонаи давлатӣ, чун қоида, як корхонаи савдои чаканаи иҷтимоӣ мебошад, ки низоми давлатии дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро мукаммал менамояд.

Шакли махсуси корхонаҳои савдои чакана бояд объектҳои савдо дар сохтори марказҳои бузурги савдо бошанд. Маркази савдо маҷмӯаи корхонаҳои савдои чакана мебошад, ки ҳамчун комплекси ягонаи савдо

идора карда мешавад. Вай ҳамеша ба истеъмолгарон доираи васеи маҳсулот ва хизматро пешниҳод мекунад.

Аммо, боиси зикр аст, ки ташкили самараноки корхонаҳои савдои чакана бояд на танҳо ба рушди шабакаҳои статсионарии савдо, балки ба инкишофи шаклҳо ва усулҳои фурӯши берун аз мағозаро низ дар назар дорад.

Такмили шаклҳои савдои чаканаи берун аз мағоза, аз як тараф, бо таҳаввулоти худи фаъолияти савдо, аз тарафи дигар, тавассути ба ҳаёти ҳамаи харидорон ворид гаштани воситаҳои гуногуни техникӣ, вобаста аст. Дар робита ба ин, шаклҳои ғайри статсионарии фурӯши молҳо ҳамеша ба бахшҳои муайяни бозори истеъмолӣ нигаронида шудаанд ва бо ёрии онҳо як қатор вазифаҳои муайян ҳал карда мешаванд.

Таҷрибаи савдои чакана дар бисёр кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳатто дар низомҳои хеле пешрафтаи савдои чакана бозорҳо, инчунин савдои чаканаи кӯчагӣ ва савдои хурди сайёр мавҷуданд.

*3. Афзоиши ҳиссаи шаклҳои (форматҳои) муосири савдо*

Дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии корхонаҳои савдои чакана, шаклҳои муосир бо самаранокии нисбатан баланди фурӯши мол, хароҷоти ками муомилот, нархҳои нисбатан пасти чакана, сифати баланди хизматрасонӣ, инчунин назорати бехатарии молу хизматрасонӣ фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, шаклҳои мазкур барои истеъмолгарон, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати дастрасии нархӣ, сифати молҳо ва хизматрасонии сатҳи баланд ҷолиб мебошанд.

Принсипи муттаҳидсозии корхонаҳои савдо имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои зарурии барои соҳаи савдо дар харид, ташкили логистика ва ҷалби захираҳои молиявӣ аҳамиятдошта, амалӣ карда шаванд.

Бешубҳа, танҳо корхонаҳои бузурги савдо имконият доранд, ки ба равандҳои инноватсионӣ ва намудҳои фаъолият сармоягузориҳои бузургро

роҳандозӣ намоянд, ки ба паст шудани сатҳи хароҷоти муомилот ва баланд бардоштани самаранокии низоми ҳаракати мол мусоидат мекунад.

Корхонаҳои нисбатан калони савдо имконият доранд, ки ба таъминкунандагони молҳо бо мақсади паст кардани нарх, баланд бардоштани сифати молҳо ва самаранокии равандҳои корӣ таъсири назаррас расонанд, ки он ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдо мусоидат мекунад, яъне шарти муҳими татбиқи модели инноватсионии рушди корхонаҳои савдои чакана хоҳад буд.

*4. Такмили низоми амалкунандаи танзими давлатии рушди савдои чакана*

Ба андешаи мо, самтҳои афзалиятноки танзими давлатӣ ва дастгирии савдои чакана бояд инҳо бошанд:

• таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии савдои чакана;

• рушди фазои рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ;

• танзими нархҳо барои намудҳои алоҳидаи молҳои истеъмолӣ;

• танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини кадрҳои савдои чакана;

• такмили низоми қарздиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ва андозбандӣ;

• ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон ва назорати сифату бехатарии молу хизматрасонӣ;

• ҳифзи бозори дохилӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ.

Ба андешаи мо, мақомоти давлатии идоракунии савдо дар ҷумҳурӣ бояд ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси корхонаҳои савдои чаканаи иҷтимоӣ, ки ба хизматрасонии савдо ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ нигаронида шудаанд, мусоидат кунанд. Ҳамчунин андешидани тадбирҳои мушаххас барои фароҳам овардани шароит барои одамони имконияташон маҳдуд дар корхонаҳои савдои чакана мувофиқи мақсад аст.

*5. Таҳия ва татбиқи фаъолияти инноватсионии субъектҳои савдои чакана ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана*

Зарурати объективии ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар савдо аз он сабаб ба амал омадааст, ки аз ҷиҳати техникӣ соҳаи савдо аз дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ хеле ақиб мондааст.

Ба андешаи мо, татбиқи сиёсати инноватсионӣ барои рушди корхонаҳои савдои чакана чунин тадбирҳоро дар назар дорад: фароҳам овардани шароите, ки ба бозор баровардани маҳсулоти инноватсионии корхонаҳои ватаниро таъмин менамояд; дастгирии самтҳои афзалиятнок тавассути татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ аз ҷониби корхонаҳои чакана; фароҳам овардани шароит барои татбиқи системаи маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ дар амали корхонаҳои савдои чакана, ки ба афзоиши самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд; дастгирии самтҳои технологӣ, ки ташкил ва истифодаи маҳсулоти инноватсионӣ ва бозорҳоро барои корхонаҳои савдои чакана таъмин мекунанд; тақвияти нерӯи инсонии корхонаҳои савдои чакана дар соҳаи рушди инноватсионӣ; ҳавасмандгардонии иштироки савдои чакана дар татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои савдо.

*6. Ташаккул ва рушди савдои чаканаи электронӣ ва шабакавӣ*

Тамоюли муҳимтарини рушди бозори чаканаи ҷаҳонӣ ба гузариши мағозаҳо ба сохторҳои шабакавӣ вобаста аст, ки аз ҳисоби афзалиятҳои ташкилоти шабакавӣ самаранокии баландтар нишон медиҳанд ва он имкон медиҳад, ки: а) амалӣ намудани сиёсати ягонаи харид, сарфа кардан вобаста ба миқёс; б) таъсиси марказҳои тақсимотии худӣ; в) низоми баҳисобгирии равандҳои молӣ ва молиявиро беҳтар намуда, таъминоти барномавии муосирро истифода барад. Шабакаҳои савдои чакана дар таърифи классикӣ – ин чунин шакли савдои чакана мебошанд, ки хусусияти фарқкунандаи онҳо дар мавҷуд будани якчанд нуқтаҳои фурӯш дар корхонаҳои савдо мебошад.

Рушди воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои васеъшавии чунин шаклҳои муосир ва ғайримуқаррарии савдо замина фароҳам меорад,

ки дар он истеъмолгарон бо номгӯй шинос шуда, молҳоро интихоб мекунад ва бо истифодаи технологияҳои нав харидҳои мувофиқро роҳандозӣ мекунанд.

Ба назари мо, такмили тиҷорати электронӣ воридшавии фаъоли ҷумҳурии моро ба фазои ҷаҳонии тиҷорати иттилоотӣ таъмин менамояд ва ба афзоиши шаффофияти муомилоти савдо мусоидат мекунад.

*7. Дастгирии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар савдои чакана*

Таҷриба нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ва миёна дар рушди иқтисод ва афзоиши шуғли аҳолӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар кишварҳои хориҷӣ одатан корхонаҳои хурду миёна ҳиссаи хеле калони савдои чаканаро таъмин менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити рушди корхонаҳои бузурги савдои чакана ва муттаҳидсозии савдои чакана ҳиссаи соҳибкорони хурд ва миёна дар низоми савдои чакана коҳиш меёбад. Ҳамзамон, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муттаҳидсозии шабакаҳо боиси аз байн рафтани тиҷорати хурду миёна намегардад, зеро корхонаҳои хурд ва миёна бо сабаби баланд бардоштани инфиродикунии хизматҳо, пешниҳоди молҳои нодир ва фаъолияти маркетингӣ метавонанд бо корхонаҳои калон рақобат кунанд.

Соҳибкории хурд ва соҳибкорони инфиродӣ дар муқоиса бо корхонаҳои калон дар соҳаи нишонаҳои махсуси бозор, истеҳсоли молҳои махсус дар гурӯҳҳои хурд; дастрасӣ ба бозорҳои маҳаллӣ ва донистани хусусиятҳои бозорҳои мушаххаси маҳаллӣ бартарӣ доранд.

Ба ғайр аз рушди пешниҳоди ғайристандартии молӣ ё ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ рӯ овардани онҳо, дар шароити рақобати шадид бо корхонаҳои бузурги савдои чакана, корхонаҳои хурду миёна метавонанд ба кооперативҳо муттаҳид шаванд ва ба ин васила миқёси амалиёти савдоро васеъ намоянд, инчунин таъсири манфии манбаъҳои маҳдуди молиявӣ ва захираҳои меҳнатии ба соҳибкории хурд хосро кам кунанд. Дар аксар

кишварҳои ҷаҳон, бисёр корхонаҳои хурду миёна одатан ба кооперативҳо муттаҳид карда мешаванд.

Дар шароити муосир, шакли самарабахши рушди тиҷорати хурд франчайзинг мебошад, ки низоми амудии маркетингии фурӯши молҳо буда, муносибатҳои дарозмуддати шартномавиро пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он як корхона ба дигар корхона ҳуқуқи пешбурди тиҷоратро тибқи қоидаҳои муқarrаршуда ва таҳти бренди муайян медиҳад.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон ин низом ҳамчун яке аз усули муосир ва самараноки васеъкунии соҳибкории хурд ва миёна эътироф шудааст.

Дар шароити номуайянӣ ва рақобат дар бозори чаканаи ҷумҳурии мо бартариҳои франчайзинг хеле аён ба назар мерасанд. Иқтисодиёт ба эҳёи фаъолияти тиҷоратӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои нав, хусусан соҳибкории хурду миёна ниёзманд аст ва маҳз татбиқи франчайзинг ба он мусоидат мекунад.

*8. Ташаккули низоми самараноки омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳои савдои чакана*

Ба андешаи мо, дар ҷумҳурӣ зарурати ташаккули низоми самараноки омодакунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи савдо ба миён омадааст. Вобаста ба ин, мо чунин мешуморем, ки тадбирҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои таъминоти кадрҳо дар савдои чакана ва қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои савдои чакана ба кадрҳои салоҳиятнок равона шудаанд, бояд самтҳои зеринро дар бар гиранд:

• ҳавасмандгардонӣ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи савдои чакана;

• гузаронидани таҳлили вазъи тақозо ва арза ба нерӯи корӣ дар корхонаҳои савдои чакана;

• таъсис додани низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси роҳбарон ва кормандони корхонаҳои савдои чакана;

• ташкил ва гузаронидани семинару тренингҳо оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо;

• ташкили чорабиниҳое, ки ба рушди иқтидори кадрӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти касбии кормандони савдои чакана мусоидат мекунанд;

• татбиқи барномаҳои махсуси баланд бардоштани тахассуси роҳбарони корхонаҳои хурду миёна оид ба масъалаҳои рушди тиҷорат, таҳияи бизнес-нақшаҳо, қонунгузории савдо ва андоз.

*9. Байналмилалшавии савдои чакана ва ҳимояи манфиатҳои бозори истеъмолии дохилӣ*

Бозори истеъмолии дилхоҳ давлат аз низоми савдои ҷаҳонӣ вобаста аст. Бинобар ин, рушд ва иштироки васеи сармоягузорони хориҷӣ дар ташаккули бозори истеъмолии ҷумҳурии мо дар оянда ин зарурати объективӣ ва шарти хеле муҳими инкишофи ҳамаҷонибаи он мебошад. Бояд қайд кард, ки барҳам додани монополияи давлатӣ дар тиҷорати хориҷӣ ва гузариш ба механизми бозории ташкили он, яке аз қадамҳои муҳим дар ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Зикр менамоем, ки озодшавии савдои хориҷӣ зарурати объективии истифодаи низоми тадбирҳои ҳимоятгароӣ барои бозори истеъмолии дохилӣ аз рақобати аз ҳад зиёди хориҷиро низ дар назар дорад.

Бидуни ташаккули асосҳои стратегии дахлдори ҳимояи бозори истеъмолии дохилӣ афзоиши самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ва рақобатпазирии онро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Воситаи муҳим барои татбиқи чунин чорабиниҳо истифодаи механизми муайяни ҳимоятгароӣ мебошад, ки ба берун шудани истеҳсолкунандагони ватанӣ аз бозори молҳои истеъмолии дохилӣ монеъ мешаванд.

Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба устуворӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ бояд ба ҳалли муҳимтарин вазифаи таъмини амнияти озуқаворecho

ҷумҳурӣ равона карда шавад. Зимнан, мустақилияти муайяни бозори истеъмолии дохилӣ таъминнашуда ҳисоб карда мешавад, агар ҳиссаи молҳои истеъмолии ватанӣ дар бозори дохилӣ аз меъёри муқарраршуда камтар бошад. Ин нишондиҳанда бояд ҳамчун меъёри муҳими устувории вазъи бозор баррасӣ карда шавад. Дар назар дошта мешавад, ки берун аз он вобастагии бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ аз воридоти молҳо аз хориҷи кишварр ба миён меояд.

*10. Ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ*

Мушкилоти хеле ҷиддии бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ рушди нобаробари нишондиҳандаҳои асосии савдои чакана дар минтақаҳои алоҳидаи он, дастрасии нокифояи хизматрасонии савдои чакана барои аҳолӣ вобаста ба минтақа ба ҳисоб меравад.

Ин масъала махсусан барои деҳоти ҷумҳурӣ мубрам буда, дастрасии нисбатан сусти хизматрасонии савдои чакана барои аҳолии он ба бор меорад. Бояд зикр кард, ки дар деҳот амалан шаклҳои муосири савдо мавҷуд нестанд ва принсипи дастрасӣ риоя карда намешавад. Дар ҷойгирсозии корхонаҳои савдои чакана дар бахшҳои шаҳр ва деҳоти бозори молҳои истеъмолӣ номутаносибӣ ба назар мерасад, ки баҳои манфӣ мегиранд ва ба рушди устувории савдои чакана дар деҳот монеъ мешаванд.

Масъалаи дигар дар он зоҳир меёбад, ки дар ҷумҳурӣ талаботи объективии мавҷуда ба корхонаҳои савдо бо нархҳои нисбатан арзон қонеъ карда намешавад. Бахши пасттари нархро танҳо шаклҳои ғайримуташаккили савдо дастгирӣ мекунанд, ки ба сифат ва бехатарии молҳои фурӯхташуда, сатҳи хизматрасонии савдо таъсири манфӣ мерасонанд. Бартараф кардани нобаробарии ҳудудӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва нархҳои хизматрасонии савдои чакана, ба андешаи мо, амалӣ намудани самтҳои зеринро тақозо дорад:

1) Аввалан, зарурати ташкили савдои чаканаи фарогир (инклюзивӣ) бо дар назардошти мавқеи стратегии дастгирии қишрҳои имкониятшаон маҳдуд ва камбизоати аҳолӣ ба миён омадааст. Қайд кардан зарур аст, ки дастрасии хизматрасониҳои савдои чакана барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир бо роҳҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Савдои чаканаи иҷтимоӣ бояд на танҳо ба баланд бардоштани дастрасии молу хизматрасонӣ, балки ба ҳамкории мақомоти давлатӣ, корхонаҳои истеҳсолии маҳаллӣ, ширкатҳои чакана, истеъмолгарон, ки дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври объективӣ талабот доранд ва ба идеологияи рушди шарикии иҷтимоӣ мувофиқат мекунанд, нигаронида шавад. Ҳадафҳое, ки барои ҳар як иштирокчиёни фаъолияти савдо мушаххас боқӣ мемонанд, дар ин маврид бо мақсадҳои дигар илова карда мешаванд: татбиқи механизми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои савдои чакана; дастгирии истеҳсолгарони ватанӣ; рушди савдои чаканаи иҷтимоӣ; афзоиши даромаднокии нишондиҳандаҳои фаъолияти шабакаҳои савдо. Таъсиси чунин шабакаи савдо иштирок ва ҳамкории мақомоти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ ва субъектҳои савдои шаклҳои гуногуни моликиятро тақозо мекунад.

2) Таъмини дастрасии ҳудудии хизматрасонии савдои чакана тавассути ҷойгирсозии оқилонаи корхонаҳои савдои чакана: дар бахши шаҳрии савдои чакана - дар сатҳи на камтар аз стандартҳои қабулшудаи шаҳрсозӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ; дар бахши деҳоти савдои чакана - дар сатҳи таъмини масофаи пиёдагард ва мувофиқи нақшаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот.

3) Баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдои чакана ва мутаносибии тақсимот тавассути ҷалби ҳамаҷонибаи сармоягузорон ва соҳибкорони хурду миёна барои сохтани корхонаҳои нави савдои чакана дар деҳот.

4) Ташкили нуқтаҳои хурд барои фурӯши чаканаи молҳо аз корхонаҳои истеҳсолии маҳаллӣ бо нархҳои нисбатан арзон ва дар ҷойҳое, ки ба истеъмолгарони ниҳоӣ наздиктар ҷойгир карда шаванд.

5) Ҷудо намудани минтақаҳо ва ташкили ҷойҳои махсус барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва баргузории ярмаркаҳо.

6) Таъмини ҳимоя ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдои маҳаллӣ ва субъектҳои соҳибкории хурду миёна.

Самти афзалиятноки нигоҳ доштани сатҳи зарурии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ин назорати доимии нархҳои чакана барои гурӯҳҳои маҳсулоти дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва татбиқи тадбирҳо оид ба бартараф намудани афзоиши беасоси нархҳои молҳои ниёзи аввал мебошад.

Бо мақсади расонидани кӯмаки ҳамаҷониба ҷиҳати таблиғи молҳои корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ дар нуқтаҳои савдо, ба эътидол овардани механизми нархгузории маҳсулоти хӯрокворӣ, ба истеъмолкунандагон пешниҳод намудани молҳои гуногун ва хизматрасониҳои зарурӣ, ба андешаи мо, шабакаҳои ба истеъмолгарон ба таври мустақим расонидани маҳсулоти кишоварзиро баргузории тавассути ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳо таҳия кардан зарур аст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои аҳолии бо даромади сатҳи фарқдошта мавҷуданд, ки майлу хоҳиши истеъмолии онҳо тафовут доранд ва дараҷаи воқеии истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар молҳои истеъмолӣ гуногун аст. Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки дар шароити камбизоатӣ ва даромади ночиз зиндагӣ мекунанд, дар вазъияти хеле душвор қарор доранд. Барои чунин гурӯҳҳои аҳолӣ омилҳои муайянкунандаи рафтор дар корхонаҳои савдои чакана, бешубҳа, нархи чаканаи молҳо мебошад, бинобар ин, мушкилоти дастрасӣ бояд тавассути кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба ниёзмандон ҳалли худро ёбад.

Бояд қайд кард, ки дар модели иқтисодиёти бозорӣ нархҳои чаканаи молҳо ва хизматрасонӣ озоданд, сатҳи онҳо бо таносуби тақозо ва арза дар

бозори молҳои истеъмолӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон, дар доираи стратегияи таҳияшуда пешниҳод карда мешавад, ки мониторинги доимии нархҳои маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, ки дар бозори истеъмолӣ фурӯхта мешаванд, бо мақсади андешидани тадбирҳои муассир аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар сурати болоравии беасоси нархҳо гузаронида шавад.

Тафовут аз нуқтаи назари қишрҳои иҷтимоии гурӯҳҳои асосии истеъмолгарон вобаста ба рушди муносибатҳои бозорӣ таъсиси корхонаҳои савдои чаканаро тақозо дорад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои мушаххаси аз рӯи сатҳи даромад ва дараҷаи пардохтпазирӣ мавҷуданд, ки вазъи воқеии истеъмоли маводи ғизоӣ аз ҷониби онҳо фарқияти ҷиддӣ доранд.

Дар шароити ҳозира, дар ҷумҳурӣ эҳтиёҷоти хоси харидорон, ки аз рӯи нишонаҳои демографӣ, иҷтимоӣ, ҷинсӣ ва синну сол ва хусусиятҳои дигар амалан ба назар гирифта намешаванд. Дар натиҷа, шабакаи савдои чакана дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ ба қадри кофӣ чандир нест.

Таҷрибаи соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои пешрафта чунин эҳтиёҷот бо роҳи ташкили корхонаҳои савдо, ки ба қонеъ гардонидани талаботи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ равона карда шудаанд ва мағозаҳое, ки аз ҷиҳати сатҳи нархҳо фарқ мекунанд, ба инобат гирифта мешавад. Аз як тараф, мағозаҳои ҳозиразамон мавҷуданд, ки доираи васеи хизматрасониҳои нодир (истисноӣ) доранд ва аз тарафи дигар, корхонаҳое, ки бо нархи арзон ва хизматрасонии ҳадди ақал фурӯхта мешаванд, ки барои табақаҳои камбизоат нигаронида шудаанд.

Дар робита ба ин, дар рушди савдои чаканаи иҷтимоӣ амалӣ намудани чунин тадбирҳо ба мақсад мувофиқ аст:

- рушди шабакаи муассисаҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонӣ, ки ба қишри камбизоати шаҳрвандон равона шудаанд;
- ҳимояи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, таъмини сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ.

Таъмини дастрасии ҳудудӣ ва нархии молҳо бояд ба мутобиқсозии талабот ва пешниҳод дар бозори истеъмолӣ дар асоси талаботи қишрҳои мухталифи аҳолӣ равона карда шавад ва самтҳои зеринро ба инобат гирад:

• кушодани нуқтаҳои нави савдои чакана;

• рушди шабакаи савдои чакана барои хизматрасонии имтиёзнок ба аҳолӣ;

• ба тартиб даровардан ва такмили савдои чаканаи хурд;

• ташкили фаъолияти ярмаркаву намоишгоҳҳо.

*11. Таъмини сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ, андешидани тадбирҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар низоми савдои чакана*

Дар ин робита, пеш аз ҳама, зарурати мубориза бо воридшавии молҳои қалбакии истеъмолӣ дар бахши савдои чакана, алахусус маводи ғизоиро, ки имрӯзҳо таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, қайд кардан ҷоиз аст. Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки шумораи шикоятҳои аҳолӣ аз сатҳи пасти тахассуси кормандони савдо, надонистани қоидаҳои оддии фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ аз ҷониби онҳо афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, қонунгузории амалкунанда талабот оид ба мавҷудияти шаҳодатномаҳои тайёрии касбиро ба кормандони савдо (фурӯшандагон, хазинадорон) муайян намудааст. Инчунин корхонаҳои савдо ҳуқуқ доранд, ки марказҳои таълимии худро ташкил кунанд. Гуфтаҳои боло ба риояи ҳуқуқи истеъмолгарон дар бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат мекунанд.

Таҳлили вазъи воқеии бозори чаканаи ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар масъалаҳои ташкили ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон дар бозори истеъмолӣ, дар айни замон, мушкилоти зерини ҳалношуда мавҷуданд: шуури пасти ҳуқуқӣ дар ҷомеа; огоҳии нокифояи истеъмолгарон дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, дар бораи сифат ва бехатарии молу хизматрасонӣ; ҳамкории сусти истеъмолгарон бо мақомоти ваколатдори давлатӣ; тахассус ва салоҳияти нисбатан пасти кадрҳо дар корхонаҳои савдои чакана ва ғайра.

Мушкилоти зикршуда, бешубҳа, вазъи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгаронро дар бозори молҳои истеъмолӣ душвортар мекунанд. Вобаста ба ин, ба андешаи мо, ҳалли вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

• бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ва низоми савдои чакана;

• ташкили омӯзиши аҳолӣ оид ба ҳимояи истеъмолгарон, қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон;

• такмили ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон дар бозори истеъмолӣ;

• такмили ҳамкории мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии истеъмолгарон;

• ташкили низоми муассири такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон.

Дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар самти такмили низоми таъмини кадрии соҳаи савдо ҳадафҳои ташаккули низоми мазкур пешниҳод шудааст (расми 3.2.):




**Расми 3.2. – Ҳадафҳои асосии ташаккули низоми таъмини кадрии савдо (таҳияи муаллиф)**

Ҳамчунин самтҳои зерини такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана тавсия гардидаанд: ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар савдои чакана; такмили низоми накшагирии эхтиёҷот ба кадрҳои савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он; амалӣ намудани таҳлили тақозо ва арзаи нерӯи корӣ дар савдои чакана; ташкили чорабиниҳо, ки барои рушди иқтидори кадрии савдои чакана, баланд бардоштани дараҷаи устувории ҷойҳои корӣ ва афзоиши ҷолибияти соҳаи савдо нигаронида шудаанд.

Дар рисолаи ҳамчунин механизми рақобатпазирии кормандони савдо пешниҳод гардидааст (расми 3.3.).




**Расми 3.3. – Механизми ташаккули рақобатпазирии корманди савдои чакана (таҳияи муаллиф)**

Дар асоси механизми пешниҳодгашта дар диссертатсия омилҳои рақобатпазирии кормандони савдои чакана дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ пешниҳод гаштааст.




**Расми 3.4. – Омилҳои рақобатпазирии кормандони савдои чакана (таҳияи муаллиф)**

Бояд тазаккур дод, ки маҳз кормандони рақобатпазир ва ҷавобгӯй ба тақозои замони муосир метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои савдои чакана ва умуман соҳаи савдо мусоидат намоянд.

## 3.2. Рушди механизми тайёркунӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳои савдои чакана

Яке аз мушкилоти ташаккули захираҳои меҳнатӣ, ки қобилияти дубора афзоиш додан ва рушди нерӯи моддию зеҳнии корхонаҳои савдоро доранд, коҳиш ёфтани ҳаҷми тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, касбӣ ва олӣ, суст шудани низоми умумии тайёр кардани кадрҳо ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти хусусиятҳои ташаккули сохтори кадрии савдои чакана, ҳайати он аз бисёр ҷиҳат ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест:

1) сифати хизматрасонӣ паст боқӣ мемонад;
2) тахассуси роҳбарон оид ба фурӯш ва маркетологҳо амалан нокифоя аст;
3) ҳосилнокии паст дар бахшҳои ҳисобкунӣ бо сабаби саводи пасти компютерии кормандон;
4) азхудкунии сусти тиҷорат аз ҷониби кормандони фурӯш;
5) аз тарафи роҳбарияти корхонаҳо амалан идоракунии салоҳиятнокӣ аз худ карда нашудааст ва ғайра.

Мушкилоти марбут ба тахассуси коргарон асосан аз он ба миён меоянд, ки бисёр корхонаҳо зарурати таълим ва такмили ихтисосро эътироф намекунанд. Омӯзиш аксар вақт ҳамчун омили афзоиши хароҷот ба назар гирифта мешавад, ки зарур аст назорат ва кам карда шавад, дар ҳоле ки самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана аз бисёр ҷиҳат ба ихтисоси кормандон вобаста аст.

Шарти муҳимтарин ба истифода ва рушди афзалиятҳои рақобатпазир ва захираҳои мавҷуда дар савдо таҳсилот, таълим ва бозомӯзии кадрҳо дар ин соҳа ба ҳисоб меравад. Масалан, дар Фаронса меъёри поёнии фонди музди меҳнат тибқи қонун барои таълими ҳатмии кадрҳо 1% ҷорӣ карда шудааст.

Хароҷоти мустақили ширкатҳои пешбари хориҷӣ барои ин мақсадҳо аз 2 то 10% фонди музди меҳнатро ташкил медиҳанд[13]

Маҳз касбияти кормандон рақобатпазирии корхонаи савдо, қобилияти ба даст овардани даромади онро муайян мекунад. Намуди нисбатан фоиданоки сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ таълим ва такмили ихтисоси кормандон мебошад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони амрикоӣ, 10 дарсад афзоиш ёфтани сармоягузорӣ ба омӯзиш ҳосилнокии меҳнат 8,5 дарсад истеҳсолнокиро афзоиш медиҳад, дар ҳоле ки сармоягузорӣ – танҳо 3,8 фоиз аст.[14]

Воқеияти муосири иқтисодӣ аз нав дида баромадани консепсияи тайёр кардани мутахассисонро барои савдо тақозо мекунад: сохтори талабот ба намудҳои анъанавии мутахассисоне, ки донишгоҳҳои савдои кишварро хатм кардаанд, ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт; талабот ба молшиносони баландихтисоси хӯрокворӣ ё молҳои ғайриозуқаворӣ якбора коҳиш ёфт, зеро аксари корхонаҳо акнун навъҳои универсалии молҳоро мефурӯшанд; ихтисоси иқтисодчӣ-банақшагиранда бошад умуман аҳамияти худро гум кард. Ҷавоби муассисаи олӣ ба дархости амалӣ ба кушодани ихтисоси «Тиҷорат (фаъолияти савдо)» ва таълими як навъи нави универсалии коргари тиҷоратӣ - тоҷири профили асос гузошт. [4]

Афзоиши аҳамияти баланд бардоштани тахассуси кадрҳо барои корхонаи муосир аз омилҳои зерин вобаста аст:

– таълими кадрҳо нисбат ба рақибон ҳалли нисбатан самарабахши вазифаҳои гузошташударо таъмин менамояд, ки ин барои корхона манбаи иловагии фоида ба ҳисоб меравад;

---

[13] Волкова Т. Внутрифирменное обучение: как сделать так, чтобы желания руководителя совпали с возможностями сотрудника // Консультант директора, 1999, № 6. — С. 30.
[14]Кларип М.В. Корпоративный тренинг —инструмент развития менеджмента // Менеджмент в России и за рубежом, 2000, № 3. —С. 67. [4] Проект концепции нормативно-правового регулирования внутренней торговли Российской Федерации.

– тағйир ва такмили дониш, малака ва маҳорати кормандон ба мутобиқшавии зудтари корхона ба шароити тағйирёбандаи беруна мусоидат мекунад;

– омӯзиш ба ширкат имкон медиҳад, ки масъалаҳои шуғли дарозмуддати кафолатноки кормандонро ҳал намояд.

Низоми таълими кормандони корхонаи савдо бояд ба принсипҳои зерин мувофиқат кунад:

1) ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим бояд ба ҳадафҳо ва стратегияи корхона мувофиқат кунанд;

2) афзоиши нерӯи кадрӣ бояд аз ҷониби роҳбарият ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати кадрӣ баррасӣ карда шавад, ки ташаккул ва дастгирии хоҳишҳои кормандонро ба такмили ихтисос таъмин намояд;

3) омӯзиш бояд ба принсипҳои ҳавасмандии моддӣ ва маънавии ҳам таълимгирандагон ва ҳам шахсони мансабдоре, ки омӯзишро ташкил мекунанд ва мегузаронанд, асос ёбад;

4) интихоби таълимгирандагон бояд мувофиқи қобилият, майл ва манфиатҳои онҳо гузаронида шавад;

5) омӯзиш бояд самарабахш бошад, яъне дониш ва малакаи бадастомада бояд дар натиҷаҳои мушаххасе, ки корманд дар раванди кори минбаъдаи худ ба даст меорад, инъикос ёбад;

6) усулҳо ва барномаи таълимӣ бояд манфиати кормандро ба раванди таълим дастгирӣ кунанд, бо фаъолияти амалӣ робитаро таъмин намояд.

Тарҳрезии низоми таълим ва такмили ихтисос дар корхонаи савдо тақсимоти оптималии салоҳият ва масъулияти мувофиқро дар байни роҳбарони минтақавӣ, функсионалӣ ва мутахассисон оид ба идоракунии кадрҳо пешбинӣ мекунад. Вай таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва ҳавасмандгардонии шахсони масъули таҳия, татбиқ ва амалисозии қарорҳо дар соҳаи рушди кадрҳоро дар бар мегирад.

Дар доираи корхона навъҳои зерини омӯзиши кормандонро ҷудо менамоянд:

1) *омӯзиш ҳангоми шурӯъ кардан ба кор ё гирифтани вазифаи нав* (омӯзиш ҳамчун ҷузъи асосии мутобиқшавии корманд дар ҷои кор ҳисобида мешавад);

2) *омӯзиш бо мақсади тағйир додани мақоми корманд дар корхона* (омӯзиш дар доираи банақшагирии касби корманд гузаронида мешавад ва қисми таркибии барномаҳои таълим ва такмили ихтисоси захираи кадрҳо ба ҳисоб меравад);

3) *такмили ихтисос дар доираи вазифаи худ ҳамчун унсури рушди касбӣ* (омӯхтани дискретӣ ё муттасилро бо мақсади амиқтар намудани дониш ва малака оид ба масъалаҳои азхудкунии шаклҳои нави фаъолияти касбӣ дар назар дорад);

4) *бозомӯзии корманд* (бо мақсади нигоҳ доштани шуғли кормандон дар дохили корхона гузаронида мешавад: ҳангоми тағйир ёфтани стратегияи рушди корхона; бинобар тағйир ёфтани қобилияти корманд (масалан, бинобар зарурати кам кардани фаъолияти ҷисмонӣ).

Ҳадафҳо ва ниёзҳо барои омӯзиш дар асоси таҳлили стратегияи рушди корхонаи тиҷоратӣ, таҳлили хусусияти тағйирот ё пурзӯр намудани талабот, ки ба кадрҳо, таҳлили натиҷаҳои баҳодиҳии он муайян карда мешаванд. Ҳадафҳои таълим стандартҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки бояд корманд дар амалияи худ тавассути ба даст овардани дониш, маҳорат ва малакаҳои иловагӣ дар раванди таълим ба даст оварад. Зарурати омодагӣ дар сатҳи кафедра аз тарафи роҳбарони хаттӣ (линиявӣ) муайян карда мешавад:

– дар раванди арзёбии доимии кормандон аз ҷониби роҳбари мустақим ;

– дар раванди таҳлили вазифаҳо ва мушкилоте, ки дар назди шӯъбаҳо ҷой доранд;

– дар ҷараёни муҳокимаи фикру афзалиятҳои худи кормандон .

Ҳадафҳо ва ниёзҳо вазифаҳои омӯзиширо муайян мекунанд. Вазифаҳои таълим талаботро ба дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки дар раванди таълим ба даст оварда шудаанд, инъикос менамоянд.

Шаклҳо ва усулҳои таълим дар асоси ҳадафҳои дақиқ таҳияшуда, ниёзҳо ва вазифаҳои таълим, талаботҳои мушаххас ба тахассуси бадастомада муайян карда мешаванд. Ду шакли асосии такмили ихтисос вуҷуд дорад:

1) *баланд бардоштани ихтисоси кадрҳо бо дур шудан аз кор.* Ин гуногунрангии навъҳои омӯзишро берун аз макон дар бар мегирад. Ширкат муассисаи таълимии махсусгардонидашударо интихоб мекунад (донишгоҳ, техникум, курсҳо), барои тайёр кардани корманди худ шартнома мебандад ва барномаи таълимро бо муассисаи таълимӣ ҳамоҳанг мекунад;

2) *такмили ихтисос дар ҷои кор.* Шакли мазкур нисбатан маъмултар аст, зеро он мухлати бозгардонидани сармояи барои омӯзиш гузошташударо таъмин мекунад. Дар натиҷа, корманд имконият дорад, ки дониш ва малакаҳои андӯхтаро мустақиман дар ҷои кор татбиқ намояд, ки ин даромаднокии корхонаи савдоро зиёд мекунад. Омӯзиши истеҳсолӣ дар ҷои кор инчунин ба беҳтар омӯхтани фан мусоидат мекунад. Ғайр аз он, мавҷудияти ҳадафҳои возеҳи омӯзиш ҳавасмандии иловагии моддӣ барои рушди касбӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ба назар чунин менамояд, ки таҳияи стандартҳои дохилии тайёр кардани кадрҳо, инчунин такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо дар доираи таълими дохилӣ дар корхона мувофиқтар мебошад. Таҳияи меъёрҳои худи ҳадди аққали салоҳият мувофиқи эҳтиёҷоти ширкати тиҷоратӣ, дар асоси тахассус ва хусусиятҳои сохтори ташкилӣ, сатҳи сифатии кормандонро беҳтар намуда, ба ин васила фоидаи онро барои корхонаи тиҷоратӣ афзоиш медиҳад.

Яке аз воситаҳои таълими кадрҳои тиҷоратӣ ин дастурҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ оид ба техникаи савдо мебошад. Аз рӯи мундариҷаи худ, онҳо амалан як дастурамали корӣ ва истеҳсолотӣ (аз рӯи ихтисос) ба ҳисоб меравaнд. Чунин дастурҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ дарякҷоягӣ бо роҳбарони кадрҳо, мутахассисони молшинос, иқтисодчиёни меҳнат ва

ҳуқуқшиносон таҳия карда мешаванд ва бо шарти уҳдадории дар мӯҳлати муайян омӯхтани онҳо ба ҳар як корманд бо имзо супорида мешаванд. Дар онҳо муқаррароти асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ё ислоҳшуда ва ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ шарҳ дода мешавад, оид ба ҳалли масъалаҳои маъмулии савдо ва истеҳсолӣ тавсияҳо пешниҳод мешаванд, моделҳои асосии рафтор дар ҳолатҳои гуногун тавсиф карда мешаванд.

Барои корхонаи савдои чакана, ки буҷети омӯзишашон хеле маҳдуд аст, истифодаи дастурҳои таълимӣ ва маводи таълимӣ метавонад малакаи кормандони фурӯшро ба сатҳи ҳадди ақали зарурӣ такмил диҳад.

Молшиносон, экспертҳои мол, ҳуқуқшиносон наметавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро омӯзанд ва талаботҳои онҳоро ба кормандони бахши тиҷорат расонанд. Бо ин сабаб, қонуншиканиҳо дар савдои чакана хусусияти оммавӣ дошта, аксар вақт ба чунин оқибатҳои вазнин, ба монанди зарар расонидан ба саломатӣ ва моликияти харидорон ва дар натиҷа – ба талафоти иқтисодӣ оварда мерасонанд. Дар чунин шароит вазифаи асосии роҳбарияти корхонаи савдои чакана ва роҳбарони дар рушди кадрҳо масъул ҷамъбасткунии ҳамаи молҳои ба синфҳо ва гурӯҳҳо ҷудонамудаи корхонаи савдо аз ҳамаи миқдори молҳое мебошанд, ки бехатарии хизматрасониҳои корхонаи савдоро таъмин мекунанд ва инчунин ба коргарон расонидани он вазифаи роҳбарият ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон, талаботи ҳатмӣ ба объектҳои танзими техникӣ - маҳсулот, биноҳо ва иншоот, равандҳои истеҳсолот, истифода, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва нобудсозӣ дар ҳазорҳо санад ва стандартҳои фарқкунанда мавҷуданд. Дар натиҷаи ислоҳоти танзими техникӣ бояд на бештар аз 50 санад боқӣ монад - регламенти техникӣ, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим талаботро барои амалисозии савдои чакана муқаррар мекунад. Дар байни ин гуна санадҳо, таҳияи регламенти техникии соҳавӣ барои чакана ба нақша гирифта шудааст.

Тавре аллакай қайд карда шуд, савдои чакана раванди гардиши мол ба ҳисоб меравад. Ин як раванди хеле мураккаби технологӣ, ки амалиёт оид ба интиқол (ҷойивазкунӣ), қабул, фаровардан, бор кардан, нигоҳдорӣ, омодасозии пеш аз фурӯш (коркарди қисм ба қисм), намоиш (ҷойгиркунӣ) ва дар ниҳоят, ба мизоҷон расонидани молро дар бар мегирад. Он чи, дар ин равандҳо дастгоҳҳои мураккаб ҷалб карда нашуданд ва маводи хатарнок гардиш намекунанд, маънои онро надорад, ки ин амалиётҳо бехатар мебошанд. Баръакс, саломатӣ ва ҳаёти одамон, амнияти моликияти онҳо бевосита аз он вобаста аст, ки онҳо чӣ гуна иҷро мешаванд, ин равандҳо чӣ гуна сурат мегиранд. Ҳангоми иҷрои амалиётҳои савдо ва технологӣ бо намудҳои алоҳидаи мол ба саломатӣ, ҳаёти одамон (кормандон ва муштариён), амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, моликияти коммуналӣ ва давлатӣ ва муҳити зист зарари ҷиддӣ расонидан мумкин аст. Чунин хатарро, масалан, маҳсулоте метавонад доро бошад, ки аз истеҳсолкунанда бо ҳолати ҷавобгӯ ба талаботҳои бехатарӣ пешниҳод шудааст, аммо дар натиҷаи нигоҳдорӣ ё ҳамлу нақл ё дигар амалиётҳои савдо ва технологӣ хосиятҳои хатарнок ба даст овардааст.

Талаботе, ки бо иҷрои он амнияти раванди савдо таъмин карда мешавад, тибқи нақша бояд ба регламенти алоҳидаи техникӣ оид ба савдои чакана дохил карда шавад. Бо ҷорӣ намудани он, ба роҳбарияти корхонаи тиҷоратӣ лозим меояд, ки омӯзиши муқаррароти онро, инчунин бобҳои қоидаҳои умумии техникии марбут ба савдои чакана ва баъзе қоидаҳои махсуси техникиро барои намудҳои алоҳидаи маҳсулот ташкил кунад.

Кам кардани талаботҳои ҳатмӣ, ки риоя накардани онҳо метавонад боиси пайдоиши хосиятҳои хатарнок дар молҳо, инчунин зарар ба саломатӣ ва ҳаёти истеъмолкунандагон, хисороти молу мулки онҳо гардад, ҳамзамон бо пурзӯр кардани масъулияти корхонаҳои савдо барои хатогиҳои кормандони худ ҳамроҳ карда мешавад. Зарари моддиии корхонаҳои савдо дар оянда метавонанд дар натиҷаи ҷаримаҳо ва дигар намудҳои ҷазои маъмурӣ, ки барои

вайрон кардани қонунгузорӣ дар борaи танзими техникӣ татбиқ карда мешаванд, зиёдтар бошанд, аз маблағҳое, ки роҳбарият барои тайёр кардани кадрҳои савдо сарф намуда, аз ҷавобгарӣ канорагирӣ мекунанд, зиёдтар хоҳад шуд.

Ҳолати мазкур бояд аз тарафи роҳбарият ҳангоми тартиб додани барномаҳои рушди корхонаи савдо барои 5 соли оянда аллакай ба назар гирифта шавад.

Ба дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳои савдо миқдори зиёди омилҳо таъсир мерасонанд. Яке аз омилҳои асосӣ сифати хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ташкили низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони корхона вобаста мебошад. Сатҳи мавҷудаи сифати хизматрасонӣ ба харидорон, пеш аз ҳама, аз сифати кори кормандони хизматрасони савдо вобаста буда, ба нуфузи эътибори корхона дар назди ҷомеа таъсири бевосита мерасонад ва симои кории онро ташаккул медиҳад. Ҳавасмандгардонии меҳнати кормандоне, ки ба масъалахои лагистика, маркетинг ва ҷанбаҳои дигари фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои савдо машғул мебошанд, имкон медиҳад, ки обрӯю эътибори корхона боз ҳам беҳтар гардад.

Тавре маълум аст, ҳавасмандгардонӣ барои бедор сохтани майлу рағбат ва шавқу завқи кормандон ба фаъолияти меҳнатӣ ва содиқ будан ба ширкати худ таъсири наззарас дорад. Мушкилоти ҷомеаи имрӯза маҳз дар ҷой надоштани тарзу усулҳои муосири ҳавасмандгардонӣ мушоҳида мегардад.

Таҳқиқи ин мавзӯъ нишод медиҳад, ки мушкилоти ҳавасмандгардонии кормандон ва нигоҳ доштани онҳо дар ширкатҳои чакана ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ширкатҳои савдои чакана, ҷанбаҳои ҳавасмандкунӣ, ба фарқ аз ширкатҳои хориҷӣ, вақтҳои охир нисбатан кам истифода мешаванд. Тавре ки таљрибаи ватанӣ нишон медиҳад, аксари роҳбарон дар ҳавасмандгардонӣ усулҳои бесамарро истифода мебаранд, ки ин боиси пайдоиши чунин мушкилоте ба мисли љойивазкунии кадрҳо ё раҳониши кадрҳо мегардад.

Ба андешаи мо, маҳз системаҳои хуби ҳавасмандгардонии кормандон дар ширкатҳои чаканаи Тоҷикистон бо мутобиқсозии истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ барои нигоҳ доштани кормандон, коҳиш додани гардиши кормандон ва дар ниҳоят баланд бардоштани самаранокии ин ширкатҳо кӯмак мекунанд.

Яке аз чунин усулҳоест, ки талаботи мансубиятро, яъне вобастагии инсон бо технологияи муосирро қонеъ мекунад. Кормандони шабакаи чаканаи ҷопонӣ техникаи маишӣ ва электроникаи «Ямада» ба чунин эҳтиёҷот хеле қавӣ мебошанд, яъне дар онҳо мутобиқшавии босуръати инсон ва технология бо дарки фалсафаи маърифати технологӣ зуд бва амал меояд. Қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шарикӣ, садоқати ширкатро эҷод мекунад ва кормандонро нигоҳ медорад. Шабакаи Yamada чорабиниҳои гурӯҳӣ баргузор мекунад, ки ҷузъи раванди савдо нестанд, аммо дар нигоҳ доштани интизоми меҳнат, ки асоси рӯҳияи корпоративӣ ва усули пурқуввати ҳавасмандкунии кормандон мебошад, саҳми назаррас доранд. Фалсафаи дастаҷамъӣ ё коллективизм асоси муваффақияти онҳост.

Дар Тоҷикистон чунин таҷриба дар ширкатҳои бузурги чакана низ вақтҳои охир мушоҳида мегардад (масалан, Пайкар, Ашан сити, Пойтахт, Шоҳон, Супермаркети Ёвар, Диёр, София, Relax, Сафар ва ғ.), ки дар онҳо чорабиниҳои гурӯҳӣ низ барои баланд бардоштани рӯҳияи корпоративӣ ва тренингҳои гуногуни кормандон гузаронида мешаванд.

Пешравии мансаб дар занҷири чаканаи ҷопонии техникаи маишӣ ва электроникаи «Ямада» азнавташкилдиҳии иерархивии кадрҳо мебошад, ки пайваста дар ҳама мағозаҳои ин шабакаи чакана амалӣ карда мешавад. Болоравӣ дар маснади касбӣ аз рӯи натиҷаҳои меҳнат ва қобилияту таҷриба ба иноба гирифта мешаванд. Дар натиљаи ин таљдиди сохтор корманд ба зинаи баландтар мебароянд, дар ҳоле ки худи пешбарӣ одатан ночиз аст, вале мунтазамии онҳо одамонро хеле хуб ҳавасманд намуда, ҳисси афзоиши доимии мансабро ба вуљуд меорад.

Дар Британияи Кабир, бузургтарин занҷираи мағозаҳо Sainsbury's, ҳавасмандкунии нигоҳдории кормандонро барои эҷоди як ҷои кори истисноӣ, ки дар он кормандон инчунин имкониятҳои касб доранд, истифода мебарад. Ширкати тиҷоратӣ ба кормандони худ дар баробари нигоҳ доштани мувозинати меҳнат ва ӯҳдадориҳои оилавӣ барои омӯзиш ва рушди минбаъдаи касбашон тавассути имкониятҳо пайваста кӯмак мерасонад. Дар коллектив мусобиқаи касабавӣ ривоҷ дода шуда, аз тарафи роҳбарон садоқат ба амал меояд. Яъне, кормандон бо меҳнати софдилона ва пурмаҳсул ифтихормандӣ ва садоқат ба ширкатро нишон медиҳанд.

Системаи ҳавасмандгардонӣ дар силсилаи мағозаҳои Олмон ALDI, ки ба нигоҳ доштани кормандон нигаронида шудааст, ба гузариши кафолатноки ҳама гуна курсҳои такмили ихтисос ва омӯзиши савдо асос ёфтааст, ки минбаъд ба пешбарии кормандон тавассути рутбаҳо мусоидат мекунад. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар ҳар як мағозаи шабакаи тақсимот коллективи устувору муттаҳид ташкил карда шудааст, ки бинобар ин ҷойивазкунии кадрҳо ба амал намеояд.

Дар Руссия имрӯз ширкатҳои бузурги чакана аллакай ба таъсис ва фаъолияти марказҳои таълимӣ (донишгоҳҳои корпоративӣ) шурӯъ кардаанд, масалан, дар Челябинск, инҳоянд Золотая Рыбка, Красное и Белое, М. Видео". Бо ёрии системаи таълими корпоративӣ дар Русия як қатор мушкилоти асосӣ, ки бо баланд бардоштани салоҳияти менеҷерҳо ва дигар мутахассисони ширкатҳои чакана алоқаманданд, ҳал карда мешаванд, илова бар ин, як қатор ширкатҳои чаканаи Русия барои пешбурди кадрҳо барномаҳои махсус ба воситаи болоравӣ дар маснади касбиро (зинапояи роҳбарӣ) таҳия кардаанд.

Дар шарои имрӯза, ҷубронпулӣ ё мукофотҳое, ки бевосита ба кори корманд алоқаманданд, ба нигоҳ доштани кормандон дар ширкатҳои савдои чакана таъсири калон мерасонанд.

Аксари ширкатҳои савдои чаканаи хориҷӣ мукофотҳои кӯтоҳмуддатро бо мукофотҳои таъхиршуда иваз мекунанд: ё барои семоҳа (миёнамуддат), ё

барои шаш моҳ ва як сол (мукофотҳои дарозмуддат). Ин тадбир чойивазкунии коркунони савдоро дар давраи пурҷӯшу хурӯши моҳҳои май—июн ва декабр—январ кам мекунад, ки дар натиҷаи ин маблағи ҳаққи ҳавасмандгардонӣ барои коркунон хеле калон мешавад. Дар Русия низ ин таҷриба мавҷуд аст.

Илова бар ин, ширкатҳои бузурги чаканаи хориҷӣ (одатан онҳо занҷирҳои чакана мебошанд) як бастаи ҷубронпулиро бо сатҳи баландтари ҳавасмандкунӣ ва имтиёзҳо барои нигоҳ доштани кормандон муқаррар мекунанд (муоинаи тиббии ҳарсолаи кормандон, кӯмак дар ташкили фароғати кӯдакон, ташкили хӯроки ройгон, ташкили нақлиёт барои кормандон то ба хона расонидан ва ғайра), ки ба хамаи коркунони муассисаи савдо баробар дахл доранд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои фарқкунандаи ҳавасмандкунӣ дар силсилаи мағозаҳои <<ALDI» пешниҳоди кафолатҳои гуногуни иҷтимоӣ ба кормандони он мебошад, ки имкон медиҳад кормандони <<ALDI» бо кафолати иҷтимоӣ таъмин карда шаванд

Системаи ҳавасмандгардонии кормандон дар шабакаи хусусии супермаркетҳои амрикоии "TraderJoe's" аз муносибати содиқи роҳбарият ба кормандони худ иборат аст. Ғамхорӣ кардан дар бораи беҳбудии некуаҳволии онҳо ва барқарорсозии  саломатии кормандони муассисаи савдо имкон медиҳад, ки коргарони худро муддати дароз дар ширкат нигоҳ доранд. Ширкат ба кормандон барои муоинаи тиббӣ пул медиҳад, барои меҳнати  берун аз вақти корӣ барилова пардохт мекунад.

Ба андешаи мо, ширкатҳои савдои чаканаи Тоҷикистон то ҳол системаи хеле суст таҳияшудаи пешниҳоди маҷмӯи ҷубронпулиро ба кормандони худ доранд, дар ҳоле ки ҳатто агар он вуҷуд дошта бошад ҳам, онҳо одатан ба категорияҳои гуногуни кормандон бо роҳҳои гуногун муроҷиат мекунанд ё умуман танҳо ба роҳбарияти олӣ имтиёз медиҳанд ва ба коргарони оддӣ ягон имтиёз дода намешавад.

Ҳамин тариқ, бо омӯхтани таҷрибаи ҳавасмандгардонии кормандон дар ширкатҳои савдои чаканаи ватанӣ ва хориҷӣ, мо метавонем ба хулосае биёем, ки ҳавасмандии пасти меҳнатӣ дар Тоҷикистон яке аз қавитарин хатарҳои кадрӣ барои ҳар як ширкати савдои чакана мебошад, бинобар ин таҷрибаи нигоҳ доштани кормандон бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ, бояд дар бар гирад:

- барномаҳо барои ҳамгироии амиқ тавассути фаъолиятҳои омӯзишӣ ва мутобиқсозӣ, банақшагирии кадрҳо барои фаъолият дар ширкати савдо;
- музди меҳнати рақобатпазир ва пешниҳоди маҷмӯи муайяни имтиёзҳои иҷтимоӣ.

Пешниҳоди мо дар соҳаи ҳавасмандгардонии кадрҳо таҳияи барномаҳо (монанди барномаҳои хориҷӣ) мебошад, ки ба таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон тавассути ба таври васеъ дар амалияи ширкатҳои савдои чакана ворид намудани як бастаи ҷубронпулӣ барои ҳамаи категорияҳои кормандон нигаронида шудаанд. Охир, маҳз сиёсати подошпулӣ яке аз омилҳои муҳимест, ки манфиати иқтисодии кадрҳоро барои расидан ба мақсадҳои муассисаи савдо пурзур намуда, ба нигоҳ доштани кадрҳо, кам шудани ҷойивазкунии кадрҳо, мустаҳкам намудани интизоми меҳнат ва технология ёрӣ мерасонад. .

Дар соҳаи савдо шаклҳои моддӣ ва ғайримоддии ҳавасмандгардонии меҳнат истифода мешавад, ки мақсади асосии он баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии корхона мебошад. Ҳавасмандгардонии моддӣ дар шакли пулӣ яке аз усулҳои оддитарин буда, натиҷаи онро бевосита арзёбӣ намудан мумкин аст. Новобаста аз ин, ҳадафи асосии низоми ҳавасмандагардониро қайд кардан зарур аст. Бисёр вақт истифодаи ҳавасмандгардонии моддӣ, ки бевосита бо натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар давраи муайян вобаста мебошад, ба афзоиши ҳаҷми фурӯши молҳо дар корхонаҳои савдо дар ин муддат боис мегардад, вале ба мақсадҳои дарозмуддати корхона мухолифат мекунад. Ташаккули низоми

ҳавасмандгардонии моддӣ дар шакли пулӣ, ки ба мақсадҳои дарозмуддат мутобиқ ва ҷавобгӯ бошад, вазифаи бисёр мураккаб аст.

Маълум аст, ки эҳтиёҷоти кормандони мухталифи корхона аз хусусиятҳои инфиродии шахс ва вазъи моддии ӯ вобаста аст. Ин омилҳо ба самаронокии ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсири мустаким мерасонад. Ҳамин тавр, барои як қатор кормандон ҳавасмандгардонии моддӣ то андозае  самаранок набуда, ба афзоиши хароҷот барои ташкили он сабаб мешавад. Дар шароити муосир бисёр корхонаҳои савдо мушкилоти молиявӣ доранд ва амалӣ намудани чунин намуди ҳавасмандгардонӣ ғайриимкон аст.

Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира истифодаи дигар намудҳои ҳавасмандгардонии меҳнат аҳамияти муҳим касб мекунад. Махсусан фароҳам овардани фазои мусоиди корӣ дар корхона басо муҳим мебошад. Тақсими одилонаи уҳдадориҳо дар байни кормандон ва арзёбии саҳми меҳнатии ҳар яки онҳо низ самаранокии баланд дорад. Чунин тадбирҳо боварию эътиқоди кормандонро нисбати роҳбарият бештар мегардонад ва сифату ҳосилнокии меҳнатро ба тарзи назаррас баланд мебардорад.  Дар натиҷа, хароҷоти корхонаи савдо ба ташкили низоми назорати сифати кори кормандон коҳиш меёбад. Бояд қайд кард, ки ташакулли сатҳи баланди садоқати кормандон дараҷаи баланди касбияти роҳбариятро талаб менамояд. Чунин низоми ҳавасмандгардонӣ сатҳи баланди шаффофиятро талаб менамояд. Дар ин маврид, роҳбар имконияти қадркунии кормандоне, ки уҳдадориҳои худро бовиҷдонона иҷро намекунанд, аз даст медиҳад.

Корхонаҳои савдоро зарур аст, ки ба усулҳои ҳавасмандагардонии ғайримоддӣ, ба монанди барномаи таъминоти иҷтимоии кормандон диққати ҷиддӣ равона созанд. Алҳол дар аксар корхонаҳои савдо унсурҳои таъмини иҷтимоӣ мавҷуд нест, ки ба дараҷаи қаноатмандии кормандон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар таҷрибаи хоҷагидорӣ, усулҳои гуногуни ташаккул ва тақсимоти бастаи имтиёзҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст. Шакли нисбатан оддии он ташаккули

бастаи ягонаи унсурҳои таъминоти иҷтимоӣ ва пешниҳоди он ба ҳамаи кормандони корхона мебошад. Чунин шакл ба болоравии сатҳи боварию садоқати кормандон мусоидат мекунад, вале як қатор камбудиҳо дорад. Масалан, имконияти истифодаи имтиёзҳои иҷтимоӣ барои ҳавасмандгардонии кормандони алоҳида, ки нисбатан фаъолияти самаранок доранд, аз даст меравад. Хамчунин дар ин шакл робитаи байни ҳавасмандӣ ва натиҷаи меҳнат имконнопазир мегардад, дараҷаи ҳавасмандии кормандон коҳиш меёбад, ки ба фаъолияти кории кормандони пешқадам низ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, тафриқабандии имтиёзҳои иҷтимоӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун ба мақсад мувофиқ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки одатан ба сифати чунин нишондиҳанда собиқаи кории кормандон баромад мекунад. Дар ин маврид, дараҷаи азкорравии кадрҳо паст мешавад ва хароҷот барои кормандони муваққатӣ, ки барои гирифтани ин ё он намуди имтиёзи иҷтимоӣ фаъолият менамоянд, камтар мегардад. Новобаста аз ин, ҳангоми истифодаи чунин низом боварию садоқати кормандоне, ки собиқаи на он қадар зиёд доранд, вале самаранок кор мекунанд, коҳиш меёбад. Чунин ҳолат принсипи адолатнокии низоми ҳавасмандгардонии меҳнатро вайрон мекунад.

Шакли дигари ташаккули бастаи имтиёзҳои иҷтимоӣ алоқамандии имтиёзҳои пешниҳодшаванда бо саҳми шахсии ҳар як корманд дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхонаи савдо мебошад. Чунин усули ташаккули бастаи иҷтимоӣ таҳияи нишондиҳандаҳои мушаххасро барои муайян кардани андозаи имтиёз талаб менамояд, вале чунин усул метавонад ҳавасмандгардонии кормандони корхонаи савдоро самаранок гардонад. Дар раванди ташаккули нашондиҳандаҳо сатҳи ба ҳақиқат наздик будани онҳо бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин тавр, қайд кардан мумкин аст, ки усулҳои гуногуни ташаккули бастаи иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Шакли оддии он муайян намудани бастаи мушаххаси имтиёзҳои иҷтимоӣ мебошад. Усули дигар имкон медиҳад, ки ба

корманд вобаста ба натиҷаи меҳнати ӯ бастаи имтиёзҳои иҷтимоӣ интихоб карда шавад. Чунин усул имкон медиҳад, ки талаботи инфиродии корманд ба инобат гирифта шавад, вале амалӣ намудани он бисёр мураккаб аст. Афзалияти бешубҳаи чунин усул имконияти алоқаманд намудани миқдори бастаи иҷтимоии пешниҳодшаванда дар вобастагӣ аз натиҷаи меҳнати шахсии корманд мебошад.

Яке аз мушкилоти татбиқи усулҳои иҷтимоӣ дар ҳавасмандгардонии меҳнат дар оянда даст кашидан аз онҳо мебошад. Бекор кардани ин ё он намуди бастаи иҷтимоӣ ба коҳиши садоқати кормандон ба корхона боис мегардад, ки таҳлили пешакӣ ва ҳамаҷонибаи мақсаднок будани ҷорӣ намудани имтиёзҳои иҷтимоиро талаб менамояд.

Хулоса, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар шароити коҳиши тақозои харидорӣ ва бад шудани ҳолати молиявии корхонаҳои савдо, тадбирҳои муҳим, ба монанди баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ихтисори кормандон амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат кормандон мехоҳанд аз ҷиҳати иҷтимоӣ таъмин бошанд, ки нақши унсурҳои иҷтимоиро дар низоми ҳавасмандгардонии меҳнат боз ҳам боло мебардорад.

## 3.3. Ташаккули салоҳиятҳои рақамии кадрҳои савдои чакана ҳамчун омили рақобатпазирии онҳо

Соли 1995 олими амрикоӣ Николас Негропонте аз Донишгоҳи Массачусетс истилоҳи «иқтисоди рақамӣ»-ро ба вуҷуд овард. Яке аз гузоришҳои асосии Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2016 мундариҷаи гузориш дар бораи вазъи иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон дар гузориши «Дивидендҳои рақамӣ» оварда шудааст[15]. Ӯ дар натиҷаи таҳқиқоти чуқури илмии худ ба чунин хулоса омад: «Дар системаи муосири иқтисодии ҷаҳон, дар зери таъсири равандҳои

---

[15] OECD. Digital Economy Outlook [Электронный ресурс] / OECD. – 2017. – Режим доступа: https://espas.secure.europarl. europa.eu/orbis/sites/default/files /generated/document/en/9 317011e.pdf.

рақамисозӣ, ҳиссаи назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои пешрафта барои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоот ва донишҳо ҳисоб мекунад. Дар зери таъсири нақши афзояндаи иттилоот ва дониш дар муҳити соҳибкорӣ, зарурати идоракунии иқтидори кадрӣ ҳамчун барандаи ин дониш рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад»[16].

Рушд ва табдил додани иқтидори кадрии кишвар дар шароити рақамикунонии иқтисод яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Ташаккули иқтисоди рақамӣ дар шароити табиии рушди иқтисодӣ муҳим мебошад, аз ин рӯ, масъалаи табдил додани захираҳои инсонӣ ба инсони рақамӣ ва рушди иқтисоди кадрии он аҳамияти калон пайдо мекунад. Ин дигаргуниҳо ибтидо ва сабабиислоҳот дар бозори меҳнат мебошанд. Аз ин бармеояд, ки рақамикунонии иқтисодиро метавон ҳамчун имконияти истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни системаи иқтисодӣ бо мақсади табдил додани захираҳои инсонӣ баррасӣ кард.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст, омадааст, ки “рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад”[17].

Табиист, ки раванди рақамикунонӣ соҳаи савдоро низ фаро гирифтааст. Савдои муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳоест, ки ба навгониҳои гуногун мутобиқшаванда аст. Сол то сол рақамикунонӣ суръати навро соҳиб шуда истодааст. Дар шароити муосир субъектҳои савдои чаканаро зарур аст, ки вазифаҳои дигарро низ барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нави

---

[16] Ширинкина, Е. В. Особенности функционирования промышленных предприятий в цифровой экономике / Е. В. Ширинкина // Экономика в промышленности. – 2018. – Т. 11. – № 2. – С. 143–150.
[17] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642.

дар пеши онҳо истода, ҳал кунанд. Ҳангоми саривақт ва дуруст қабул намудани ҳолат дар бозори муосири савдои чакана, дар баъзе аз субъектҳо бартарият дар назди рақибонашон пайдо мешавад.

Дар навбати худ, истеъмолкунандагон низ ҳарчи бештар технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд. Барои бо афзалиятҳои онҳо мутобиқат шудан ва дар бозор рақобатпазир будан аз субъектҳои савдо воридкунӣ ва истифодабарии технологияҳои муосир талаб карда мешавад. Дар масъалаи татбиқкунии технологияҳои рақамӣ бошад, бозор бо навгониҳои худ фарқ менамояд.

Дар шароити муосир зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омада истодааст. Ба андешаи мо, иқтисоди рақамӣ ин низомест, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, инчунин шабакаи ҷаҳонии Интернет ташаккул ёфтааст. Истифодаи дастовардҳои бахши рақамӣ ба тағйирёбии равандҳои корӣ, стратегияҳо, пайдоиши самтҳои нави фаъолият ва ба  ин васила ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Дар савдои чакана, дар фарқият бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ нисбатан фаъолтар ворид шуда истодааанд ва албатта он ба тағйирёбии самтҳои рушди савдо вобаста ба қонеъ намудани тақозои ҳар як харидор таъсир мерасонад. Дар ин бахш тағйирёбии сифатӣ, аз он ҷумла дар самти равандҳои савдою технологӣ, барномаҳои ҳавасмандгардонии истеъмолгарон, стандартҳои хизматрасонӣ, шаклҳо ва усулҳои савдо татбиқ ёфта истодаанд, ки онҳо бешубҳа торафт хусусияти рақамӣ ва  барномавиро соҳиб хоҳанд гашт.

Дар шароити муосир савдои чакана яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад, ки дар он навгониҳои рақамӣ фаъолона татбиқ шуда истодааст. Тибқи ақидаи коршиносон васеъшавии маҳсулоти рақамӣ дар раванди савдою технологӣ савдои чаканаро

дар қатори бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва саноати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳаи пешбари рақамикунонӣ наздик мекунад[18].

Дар адабиёти муосир ҷанбаҳои гуногуни ташаккули савдои чакана, аз он ҷумла рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ, унсури инноватсионии фаъолияти субъектҳои савдо, масъалаҳои рушди савдои шабакавӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аммо рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чаканаи муосир бо дарназардошти гузариши рақамии низоми иқтисодӣ, муайян кардани соҳаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ, дурнамои рушди минбаъдаи он таҳти омӯзиши амиқ қарор дода нашудаанд ва пурра инъикоси худро наёфтаанд.

Масъалаи омӯзиши иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳо, инчунин дурнамо, хавфҳои имконпазире, ки бо ин зуҳурот алоқаманд аст, дар маркази диққати ҳам зинаи давлатӣ ва ҳам олимону намояндагони тиҷорат қарор дорад.

Ба андешаи мо, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва ё электронӣ дар савдои чакана мо фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мешавад. Дар натиҷаи воридкунии технологияҳои рақамӣ самтҳои нави тиҷорат, технологияҳои корӣ ва моделҳои нави соҳибкорӣ пайдо карда мешаванд, ки онҳо сатҳи рақобатро пурзӯр намуда, ба васеъшавии бозори фурӯш ва рақобатпазирии кишварҳои алоҳида, минтақаҳо, соҳаҳо ва субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Савдои чакана дар шароити муосир таъсири нисбатан бузурги технологияҳои рақамиро ҳис мекунад. Рақамикунонии савдои чаканаи ҷаҳонӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад ва он тадриҷан аз шаклҳои (форматҳои) анъанавӣ ба усулҳои савдои шакли онлайн-фурӯш ва рушди фаъоли платформаҳои рақамию тиҷорати электронӣ вобаста аст.

---

[18] **Куприяновский В.П.** Розничная торговля в цифровой экономике/ В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский //International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.

Бояд қайд кард, ки технологияҳои тиҷорати электронӣ ягона технологияи рақамӣ дар савдои чакана махсуб намеёбанд. Аз сабаби он, ки ақидаи ягонаи консептуалӣ доир ба фахмиши технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана, унсурҳои он, маҳсулот ва шабакаҳои паҳншавӣ вуҷуд надоранд, мо тасмим гирифтем, ки технологияҳои рақамии дар соҳаи савдои чакана истифодашавандаро нисбатан пурратар баррасӣ намоем.

Дар шароити имрӯза рақамикунонии савдои чаканаро тағйирёбии хислат ва модели рафтори истеъмолкунандаи муосир муайян менамояд. аз ҷумла вай бо тағйирёбии муҳит – рушди босуръати технологияҳо, пайдоиши экосистемаҳои рақамӣ ва бизнес-моделҳои рақамӣ шарҳ дода мешавад. Масалан, харидорони имрӯза бештар қулайӣ ва тозагиро афзал дониста, ба сарфаи вақт кӯшиш менамоянд ва муносибати инфиродиро талаб мекунанд. онҳо барои соҳибшавӣ ба иттилоот технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои гуногунро хеле фаъолона истифода мебаранд. Дар умум рушди истеъмол ба назар мерасад, аммо роҳи истеъмолкунанда барои соҳибшавӣ бисёршабакавӣ шуда истодааст. Ин бошад ба зарурияти тағйиротҳо дар савдои чакана оварда мерасонад.

Соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳои ба инноватсияҳои мухталиф ҳассос буд ва боқӣ мемонад. Соли гузашта рақамикунӣ ва иттилоотонии савдои чакнаа суръати баландро соҳиб шуд ва имрӯз кормандони онро зарур аст, ки барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нав, масъалаҳои зиёдеро ҳал кунанд. Мусаллам аст, ки вокуниши дуруст ва саривақтӣ ба ҳолати бозори муосири савдои чакана ба ширкатҳо бартариро нисбати рақибон медиҳанд.

Дар савдои чаканаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ рушди доимии рақамикунонӣ ба назар мерасад. Ин аз он сабаб аст, ки истеъмолкунандагон ҳарчӣ бештар технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд. Вобаста ба ин, барои бо афзалиятҳои онҳо мутобиқ шудан ва дар бозор рақобатпазир будан ҷорикунӣ ва табиқи технологияҳои рақамии муосир зарур аст. Дар шароити имрӯза дар бозори ватании савдои чакана тамоюлҳои калидӣ, ба монанди BigData,

тафакури сунъӣ, воқеияти иловагӣ, блокчейн фаъолона татбиқ шуда истодаанд.

Такмилдиҳии рушди фаъолияти корхонаҳои савдо бо дастовардҳои навтарини илм ва техника, аз ҷумла технологияҳои нав, маҳсулотҳо, воситаҳои алоқа, усулҳои нави идоракунии техникӣ ва ташкили, намудҳои нави хизматрасонӣ маъно надорад.

Дар марҳилаи муосир сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана аз дастовардҳои субъектҳои дигари фаъолияти соҳибкорӣ баландтар аст.

Ҳамин тариқ, мо таъсири омилҳои асосиро ба вазъи савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ намудем, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавии рушди субъектҳои савдо ва ҳалли масъалаҳои амнияти иқтисодии кишвар ба назар гирифта шаванд.

Дар идомаи мақола, ба андешаи мо баррасии омилҳое, ки ба рушди босуботи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана монеъ мешаванд, ба мақсад мувофиқ аст.

Фаъолияти таҳқиқшавандаи корхонаҳои савдои чакана дар доираи раванди гузариши рақамӣ таҳти таъсири як қатор омилҳои манфӣ ва тамоюлҳои онро ташаккулдиҳанда ба амал омадааст. Новобаста аз пешрафту дастовардҳои муайян аз рӯи бисёр омилҳои рушди технологияҳо дар савдо, натиҷаҳои таҳқиқоти мо имкон дод, ки омилҳои асосии ба гузариши рақамӣ монеъшаванда муайян карда шаванд.

Аз рӯи ақидаи коршиносон монеаи калидӣ (асосӣ) дар роҳи татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ ин мавҷуд набудани буҷети зарурӣ мебошад. Далели мазкур тасдиқи худро дар тамоюли баамаломадаи бахши нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ёфтааст.

Омили дуюме, ки ба раванди рақамикунонӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин мавҷуд набудани шароити иқтисодии устувор мебошад.

Мушкилоти иқтисодии дохилӣ ва берунӣ дар солҳои охир боиси пайдоиши номувозинатии вазъи бозор гашта, воқеияти навро дар савдои

чакана муайян намуданд, ки дар он маблағгузорӣ ба технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаи асосии ҳалли муаммоҳо баромад накардааст. Омили асосии рушди соҳа дар солҳои охир дар пешбурди фаъолияти маркетингӣ, ки ба ҷалби истеъмолгарон барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст, ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, рақобати дар бозори савдои чакана шиддатёбанда ба субъектҳои савдо талаботи навро оид ба усулҳои таблиғоти маҳсулот ва ташкили ҷараёни савдо дар умум пешниҳод менамояд. Марҳилае фаро мерасад, ки усулҳои анъанавии баланд бардоштани ҳаҷми фурӯш ва васеъкунии доираи истеъмолкунандагон дигар ба кор намеояд ва ё ҳадди ақал иқтидори худро гум мекунанд. Дар воқеияти иқтисодии муосир ҳатто стратегияи боздошти суръати баландшавии нархҳо самаранокии худро гум кардааст.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки монеаи дигар дар самти татбиқи технологиҳои рақамӣ дар соҳаи савдо ин омода набудани субъектҳои савдои чакана ба гузариши рақамӣ мебошад. Албатта баъзе ширкатҳои нисбатан бузурги савдои чакана, алалхусус, дар шаҳрҳои нисбатан калон, тадриҷан технологияҳои навро дар раванди фаъолият татбиқ менамоянд, вале ба андешаи мо аксари субъектҳои савдои чакана бо сабабҳои гуногун то ҳол барои истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ на танҳо тайёр нестанд, балки таҷриба собит месозад, ки ҳавасманд низ нестанд.

Ба андешаи мо, монеаи ҷиддие, ки садди роҳи татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана мебошад, масъалаи сатҳи пасти маърифат ё саводнокии рақамии кормандони корхонаҳои савдои чакана ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ ин мушкилот хеле ташвишовар ба ҳисоб меравад. Мавриди қайд аст, ки ҳатто дар марказҳои бузурги савдо низ нарасидани кадрҳои баландихтисоси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, бахусус барномасозон равшан ҳис мегардад. Аксари он технологияҳое, ки дар субъектҳои савдои чаканаи пешсаф, ба монанди супермаркетҳо истифода

мешаванд, дар асл барномаҳои соддае мебошад, ки дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ солҳои тӯлонӣ истифода мешаванд.

Бинобар ин, зарур аст, ки дарояндаи наздик барои тайёр намудани мутахассисон оид ба таҳияи низом ва таъминоти барномавии идоракунии равандҳои савдо, коркарди web-порталҳои корпоративӣ ва дигар самтҳои технологияҳои рақамӣ диққати ҷиддӣ равона карда шавад.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки гузариш ба усулҳои комилан нави менеҷмент истифодабарии ҳамҷояи захираҳо, аз ҷумла захираҳои иттилоотӣ ва идоракунии ғайримутамарказро имкон медиҳад.

Яке аз экосистемаҳои бузург интернет мебошад. дар он ҳаҷми бузурги иттилооте, ки ба ҳифз эҳтиёҷ дорад, мавҷуд аст. Бинобар ин, дастгирии системаи глобалии кушод ва эътимоднок вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад.

Экосистемаи рақамӣ ба беҳтаршавии таҷрибаи мизоҷӣ мусоидат намуда, ба сифати маҳсулот таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, дар муҳити муосире, ки дар он модели истеъмол ба тағйиротҳо мувоҷеҳ аст, табдилҳии рақамии равандҳои корӣ моҳияти навро соҳиб мегардад.

Ба андешаи мо, яке аз унсурҳои муҳими экосистемаи рақамӣ дар савдои чакана иқтидори кадрии корхона буда метавонад, ки масълаи омода намудани онҳо дар шароити рақамикунонӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосир савдои чакана нақши хеле бузургро мебозад. Чӣ қадар қонеъ будани талабот ба ин ё он мол аз дар кадом ҳолат ва дар кадом марҳилаи рушд ҷой доштани савдои чакана вобаста аст. Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти савдо на фақат доштани донишҳои назариявӣ дар соҳаи савдо, ки онро донишҷуён дар раванди омӯзиш дар донишгоҳ аз худ мекунанд, балки маҳорати татбиқи он дар амалия, хусусан дар шароити гузариши иқтисодиёт ба рақамикунонӣ зарур аст.

Дар муассисаҳои таълимӣ мунтазам барномаҳое, ки барои ташкилкунии донишҳои назариявии зарурӣ дар донишҷӯён ва малакаи амалии корӣ бо технологияҳои иттилоотии муосир, соҳибшавӣ ба донишҳо ва рушди

салоҳият, ки татбиқи фаъолияти касбиро дар соҳаи идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамоянд, коркард ва такмил дода мешаванд.

Дар шароити муосири гузариши рақамии иқтисодиёт ҳангоми омодакунии мутахассисон бояд диққати махсус ба ташкил ва рушди салоҳияти рақамӣ дода шавад, ки он татбиқи фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамояд. Салоҳияти рақамӣ – истифодабарии боэътимод ва самараноки ТИК барои кор мебошад.

Ба андешаи мо, кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ бояд дорои чунин салоҳиятҳо бошанд:

- маҳорати шинохтани равандҳои корие, ки унсурҳои иқтисоди рақамӣ шуда метавонанд;
- маҳорати баҳодиҳӣ ба омодагии соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ барои гузариши он ба муҳити иқтисоди рақамӣ;
- баҳодиҳии ҳолати бозори муайяни мол ва хизмат бо мақсади гузаронидани он ба соҳаи иқтисоди рақамӣ;
- тафаккури рақамӣ ва маҳорати рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ.

Ба доираи салоҳиятҳои мутахассис қобилияти истифодабарии усулҳои муосири идоракунии молия, татбиқи донишҳо дар самти интернет-технологияҳои инноватсионӣ, воситаҳои таҷҳизотии инноватсионӣ, технологияҳои интеллектуалии муосир барои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва ғайраҳо бояд ҳамроҳ карда шаванд.

Кор карда тавонистан бо технологияҳои таҳлили маълумотҳои калонҳаҷм, технологияҳои мобилӣ, ҳисобкуниҳои абрӣ, технологияҳои Industrial IoT (Интернеташёҳои саноатӣ) низ зарур аст.

Дигаргуниҳо бо истифодабарии технологияҳои рақамӣ нисбат аз воридкунии қарорҳои технологӣ аз маданияти ташкилӣ ва кори кормандони алоҳида вобаста аст. Вазифаи аз ҳама мушкил дар ин ҳолат ин тағйирдиҳии образи фикрронии одамон ва омодакунии кормандон ба такмилдиҳии ширкат мебошад.

Истифодабарии барномаҳои амалии 1С, замимаҳои мобилӣ ва абрие, ки ширкати 1С пешниҳод менамояд, бартарии ҳақиқии гузариш ба технологияҳои навро нишон медиҳанд. Ин технологияҳо ба коркарди малакаҳои устувори истифодабарии маҳсулотҳои барномавӣ ва технологияҳои иттилоотии муосир дар фаъолияти касбӣ, хусусан рушди салоҳиятҳое, ки амаликунии фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин мекунанд, мусоидат менамоянд.

Яке аз салоҳиятҳои нисбатан зарур дар иқтисоди рақамӣ истифодаи самараноки таҷҳизотҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдо ба ҳисоб меравад. Миқдори бисёри таҷҳизотҳои электронӣ ва таъминоти барномавӣ сохта шудаанд, ки бо ёрии онҳо корхонаҳо метавонанд баъзе аз равандҳоро автоматӣ карда, аксарати онҳоро содда намоянд. Технологияҳои муосир имконият медиҳанд, ки савдо дар режими онлайн иҷро карда шуда, ҳар як фурӯш дар нуқтаҳои савдои чакана дақиқа ба дақиқ пайгири карда шавад, бақия назорат карда шуда, ба тағйирёбиҳо фавран вокуниш нишон дода шавад. Бо ёрии технологияҳои муосир ташкилот метавонад ба таври фосилавӣ маҷмӯи омилҳоро таҳлил намояд, аз ҷумла, андозаи навбат, пуррагии рафҳо бо мол, ҳарорат дар яхдон ва ғайраҳо. Автоматикунонӣ ин имконияти ҳалли муаммоҳои ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор аст. Маълумотҳои ба дастовардашуда ба беҳтаркунии сервис ёрӣ медиҳанд.

Барномаҳои соҳавии ERP-ҳои абрӣ торафт бештар талабгор шуда истодаанд – онҳо ба мувофиқаткунии максималии талаботҳо ба автоматикунонӣ барои корхонаҳои соҳаи мушаххас нигаронида шудаанд.

Ҳамгироии ERP-технологияҳо бо палтформаҳои e-commerce имконият медиҳанд, ки маълумотҳои гардиши мол бо сервери ERP, аз ҷумла маълумотҳо оид ба анборҳо, фармоишот, мизоҷон, дастраснамоӣ, номгӯи молҳо ва ҳисобҳо ҳамоҳанг карда шавад. Ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки каталогҳо бо даҳҳо ҳазор мавқеи молҳо сохта шавад, тағйирёбии нархҳо ҳамоҳанг карда шавад ва дар асоси транзаксияи мағоза ҳисоботҳо дар ERP сохта шавад. Чунин

ҳамгирой ба таври назаррас вақтро сарфа намуда, хавфҳоеро ки бо воридкунии дастии маълумотҳо вобастаанд минималӣ менамояд.

ERP-замимаҳои абрӣ бояд дар якчанд системаҳои амалиётӣ (iOS, Android, Windows) ва дар якчанд таҷҳизотҳои мобилӣ сабук насб шуда, кор кунанд. ERP-технологияҳои мобилӣ талаботи дастрасӣ ба маълумотҳоро новобаста аз ҷои ҷойгиршавӣ ва идоракунии фосилавии равандҳои кориро таъмин менамоянд.

Қобилияти иҷрокунии идораи комплексии корхонаҳои савдо бо истифодабарии консепсияҳои ERP-низомҳои интеллектуалӣ зарур аст. ERP-низомҳо барои боз ҳама самараноктар ҳал кардани вазифаҳои кории душвор торафт тараққӣ ёфта истодаанд. ERP-низоми интеллектуалӣ нисбат ба ERP-низоми анъанавӣ имкониятҳои бештарро пешниҳод менамояд. Вай технологияҳои ҳисобкунии абрӣ, омӯзиши мошинӣ ва таҳлили интеллектуалиробарои соҳибшавӣ ба маълумотҳои саҳеҳ ва уникалӣ якҷоя менамояд. Тамоюлҳо дар бизнес гувоҳӣ медиҳанд, ки тафаккури сунъӣ таркиби ҳатмии ERP-низомҳоро ворид мешаванд.

Рағбати корхонаҳо ба технологияҳое, ки дар асоси блокчейн сохта шудаанд зиёд шуда истода, онҳо эҳтимолан дарояндаи наздик татбиқи худро дар ERP меёбанд. Аллакай намунаҳои истифодабарии блокчейнҳо дар ERP-низомҳо дар соҳаҳое, ки барои онҳо имконияти пайгирӣ зарур аст, вуҷуд доранд. Чунончи, истифодабарии реестри паҳншуда дар занҷири таъминот ояндадор ба назар мерасад.

Корхонаҳое, ки зарурати гузариши рақамиро тезтар дарк менамоянд, таҷҳизоти рақамиро дар фаъолияташон самараноктар истифода бурда, бо ҳамин  рақобатпазириашонро баланд мебардоранд.

Истифодабарии методикаҳои низомҳои муосири автоматикунонӣ, коркарди малакаҳои мустаҳками истифодабарии таъминоти барномавии муосир ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ, автоматикунонии раванди таълим бо истифодабарии “1С:Управление торговля”, “1С:ERP” ва дигар қарорҳои технологии ширкати 1С, аз ҷумла замимаҳои мобилӣ ва абрӣ

ба ташкилшавии салоҳиятҳои рақамӣ ҳангоми омодакунии мутахассисони самти мазкур мусоидат намуда, ба талаботҳои имрӯзаи корхонаҳо, хусусан дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ мебошанд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ самтҳои асосии рушди низоми идоракунии кормандони савдои чакана асоснок гардонида шуда, тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Дар рисолаи илмӣ самтҳои асосии рушди савдои чакана ва низоми идоракунии кормандони он асоснок гардидааст. Ҳамзамон роҳҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии кормандони субъектҳои савдои чакана дар шароити муосир пешниҳод шудааст.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ, дар диссертатсия, афзалиятҳои зерин барои дурнамои инкишофи он дар умум муайян карда шудаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.

Дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар самти такмили низоми таъмини кадрии соҳаи савдо ҳадафҳои ташаккули низоми мазкур пешниҳод шудааст.

Ҳамчунин самтҳои зерини такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана тавсия гардидаанд: ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар савдои чакана; такмили низоми нақшагирии эҳтиёҷот ба кадрҳои савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он; амалӣ намудани таҳлили тақозо ва арзаи нерӯи корӣ дар савдои чакана; ташкили чорабиниҳо, ки барои рушди иқтидори кадрии савдои чакана, баланд бардоштани дараҷаи

